**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ: 378 (575.3)**
**ТКБ 74.58 (2 тоҷик)**
**С – 27**

**САМАДОВ МИРШОД САМАДОВИЧ**

# АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ СИФАТҲОИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОНИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ  аз рӯи ихтисоси барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)**

**Роҳбари илмӣ :** **Шербоев Саидбой -**
**узви вобастаи АТТ,**
**доктори илмҳои педагогӣ,**
**профессори ДБЗХТ ба**
**номи Сотим Улуғзода**

**ДУШАНБЕ - 2023**

**МУНДАРИҶА**

**МУҚАДДИМА.......................................................................................** 3

**БОБИ 1. АСОСҲОИ ИЛМӢ ВА НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ ОМОДАГИИ ОМӮЗГОРИ ОЯНДА БА ТАЪЛИМИ ФАННИ "ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ" ДАР МУҲИТИ ТАЪЛИМИИ МУАССИСАҲОИ ОЛӢ ............................................** 16

1.1 Моҳият, мундариҷа, сохтори фаъолияти таълимӣ ва касбии омӯзгори ояндаи тарбияи ҷисмонӣ .................................... 16

1.2 Шароитҳои ташкилию педагогии ташаккули сифатҳои омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ ".. 42

1.3 Амсила (модел)-и ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ " дар муассисаҳои олӣ ............. 57

Хулосаи боби якум..................................................................... 68

**БОБИ 2. ТАҲҚИҚОТИ ТАҶРИБАВӢ ВА НАТИҶАҲОИ ТАШАККУЛИ ОМОДАГИИ ОМӮЗГОРИ ОЯНДА БА ТАЪЛИМИ ФАННИ "ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ"............................** 70

2.1 Методҳо ва роҳандозии амалии таҳқиқот дар самти ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ"........................................................................................ 70

2.2 Натиҷаҳои озмоиши муқарраркунанда ва хулосабарорӣ аз он.. 86

2.3 Технология (барнома) - и ташаккули омодагии донишҷӯён ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ " ва роҳҳои татбиқи он......... 98

2.4 Динамикаи ҷузъҳои омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" тибқи натиҷаҳои озмоиши ташаккулдиҳанда дар муассисаи олӣ ............................................... 116

Хулосаи боби дуюм.................................................................... 146

**ХУЛОСА .........................................................................** 148

**АДАБИЁТ.......................................................................** 155

**ЗАМИМА.........................................................................** 177

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити имрӯза яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлату Ҳукумати Тоҷикистон баланд бардоштани сатҳу сифати таълим маҳсуб меёбад. Нуқтаи мазкур ҳамасола дар паёмҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон махсусан зикр мегардад. Ин падидаи табиист, зеро пешрафти ягон кишварро бе пешрафти илму маориф тасаввур намудан ғайриимкон аст.

Аз ин рӯ, тайи зиёда аз як даҳсолаи охир бо мақсади таҳким бахшидан ба ислоҳоти соҳаи маориф ва низоми таҳсилоти олии касбӣ навгонӣ ва дигаргуниҳо ба вуҷуд омад, ки яке аз онҳо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистион “Дар бораи маориф” (с. 2013) маҳсуб меёбад, ки он асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва принсипҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф муайян менамояд. Қонун “Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ” (с. 2014) сиёсати давлатиро дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ муқаррар ва ба танзим даровaрда, барои таъмини ҳуқуқҳои конститутсионии ҳар як шахс ҷиҳати дарёфти таҳсилоти олии касбӣ шароит фароҳам меоварад. Ҳамчунин, бахусус, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ” (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1997, №9, мод. 115; соли 2003, №4, мод. 149; с. 2004, №2, мод. 45; с. 2005, №12, мод. 651; с. 2009, №5, мод. 339; с. 2013, №7, мод. 537; с. 2016, №3, мод. 146) муносибати байни мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шахсони мансабдор, шаҳрвандон, ташкилотҳою иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва корхонаҳоро, қатъи назар аз шакли моликияташон, дар соҳаи ҳифзи саломатии аҳолӣ мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва танзим мекунад.

Махсусан, Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2017 таҳти №712 қабул карда шуда, бо қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 майи соли 2017 таҳти №374 ҷонибдорӣ гардидааст, муносибати ҷамъиятиро дар соҳаи тандурустӣ ба танзим даровaрда, ба татбиқи

ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ва саломатии онон равона карда шудааст.

Илова ба нуктаҳои дар боло зикршуда, мебояд тазаккур дод, ки дар баробари баланд бардоштани сатҳу сифати таълими фанҳои гуногун, баланд бардоштани сатҳу сифати таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” дар муассисаҳои таълимии Тоҷикистон низ муҳим ва саривақтӣ аст. Зеро самти дигаре, ки бевосита мавриди диққати махсуси давлату ҳукумати Тоҷикистон қарор дорад – ин солимии насли наврас ва масъалаи тарбияи ҷисмонии онҳо маҳсуб меёбад.

Масъалаи мазкур – тарбияи ҷисмонӣ  ва солим нигоҳ доштани насли наврас - дар баробари муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар донишкадаву донишгоҳҳо низ диққати ҷиддиро талаб мекунад. Аз ҷумла, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ  ва варзиш” (аз 16.04.2012 с., № 825) чунин таъкидҳо басо муҳиманд:

“1. Тарбияи ҷисмонӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ҳатмӣ мебошад.

2. Ташкилотҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш якҷоя бо маъмурияти муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ барои ба даст овардани малакаҳои зарурии варзишӣ, мутобиқи меъёрҳои муқарраргардидаи риояи асосҳои беҳдоштӣ - саломатӣ дар ҳолати хуби варзишӣ нигоҳ доштани бадан, шароит фароҳам меоваранд.”

Аз ин лиҳоз, дар робита ба гуфтаҳои боло зарур аст, ки  масъалаи тайёрии касбии омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ бояд таҷдиди назар карда шавад. Барои ин шароитҳое фароҳам овардан зарур мебошад, то ба донишҷӯён имкон диҳад, ки дар раванди таълим дар донишкада дар худ сифатҳои муҳими касбиро ташаккул диҳанд. Барои ин мебояд бо дарназардошти технологияҳои инноватсионии илмӣ - педагогӣ низоми нави амалкунанда ва рушдёбандае таҳия намуд, то ки мавқеи инсондӯстонаи омӯзгори оянда таҳия ёбад. Ин нукта дар тадқиқоти олими ватанӣ М. Раҷабов боз ҳам тавсифи дақиқтари худро ёфтааст. Чунончи, “Аз ҷиҳати ҷисмонӣ одами ташаккулёфта дар сурате донишманд ва ё хирадманд мешавад, ки агар ӯ дорои чандин хислату сифатҳои

зарурӣ бошад. Чунки бе дорои чунин хислатҳо будан инсони тарбиятдида хирадманд буда наметавонад. Ба назари мо, одами тарбиятдида бояд дорои хислатҳои мураббигӣ (устодӣ), нотиқиву суханварӣ ва бартарии таҳаммулпазирӣ буда, худро аз ҳар гуна омилҳои бад дур гирифта тавонад" [223:89].

**Дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқот.** Бояд таъкид сохт, ки натиҷаҳои таҳқиқоти илмии олимони бурунмарзӣ М.Я. Виленский, Ю.Д. Железняк, Г.М. Соловёва ва олимони тоҷик Сафаров Ш. А, Давлатбекова С. А. ва дигарон нишон доданд, ки имрӯзҳо дар низоми тарбияи ҷисмонӣ бештар ба рушди соматикии инсон диққат дода шуда, ҷанбаҳои психологӣ ва иҷтимоӣ - фарҳангии он сарфи назар карда мешаванд. Ин дар ҳолест, ки тарбияи ҷисмонӣ дар методологияи умумӣ нақши бисёрҷабҳа ва ҳамгиро (интегратсионӣ) дошта, рушди инсонро дар ягонагии ҷанбаҳои ҷисмонӣ ва маънавӣ арзёбӣ мекунад. Аз ин ваҷҳ, бо дарназардошти гуфтаҳои боло хулоса намудан мумкин аст, ки баланд бардоштани сатҳу сифати омода намудани омӯзгорони муосири тарбияи ҷисмонӣ дар системаи таҳсилоти олии педагогӣ ва дар замони муосир ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ будани онҳо бозёфти нави илмию методиро ба ташкили раванди чунин омоданамоӣ тақозо мекунад. Ин нукта, дар навбати худ, таҳия намудани технологияҳои нави инфиродӣ, сохтани амсилаи ташаккули омодагӣ ба фаъолияти касбии оянда, ниҳоят, фароҳам овардани шароитҳои беҳбуди раванди мазкурро таъминкунанда, асоснокнамоии назариявии онҳо ва санҷиши дараҷаи самарабахши онҳоро талаб мекунад.

Масъалаи ташаккули омодагии омӯзгорони оянда ба фаъолияти касбӣ, аз ҷумлаи масъалаи умдаи назария ва амалияи педагогӣ маҳсуб меёбад. Аз ҷумла, бобати тайёр кардани омӯзгори фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" дар низоми таҳсилоти олӣ аз ҷониби олимон И. П. Андриава, А. Г. Барабанов, М. Я. Виленский, Г. Н. Пономарёв, Ж. К. Холодов, В. Д. Чемпик, О. Л. Шабанина ва дигарон таҳқиқ шудааст.

Олимони тоҷик Г. С. Каграманов, Ш. А. Сафаров, Л. Я. Губанова, Д. Ҷ. Каримов, А. Т. Абдурасулов, Д. С. Маҳмадрасулов, Н. Н. Турсунов, К. Н.

Комилов, З. Наимов доир ба ҷанбаҳои алоҳидаи рушд ва такмили тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ таҳқиқот гузаронидаанд. Ин нукта, ё худ масъалаи мазкур дар таҳқиқоти олимони педагоги тоҷик М. Орифӣ, М. Лутфуллоев, Ш. Сафаров, Ф. Шарифзода, И. Обидов, Ш. У. Абдулоев ва дигарон низ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст, ки истифодаи бамавқеашон ба ҷанбаҳои гуногуни рушди касбии омӯзгори оянда таъсир хоҳанд расонд.

Аммо, новобаста аз муҳиммии масъалаи мазкур, то ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин ҷода таҳқиқоти кофӣ вуҷуд надорад, ки ин нукта як сабаби мавҷудияти мушкилот дар ташаккули омодагии сифатҳои омӯзгорониояндаи тарбияи ҷисмонӣ  доир ба фаъолияти касбии онҳо маҳсуб меёбад.

Мусаллам аст, ки омодагии донишҷӯ ба фаъолияти минбаъдаи касбӣ аз самаранокӣ ва сифатнокии ташкили раванди таълим дар донишкадаю донишгоҳҳо вобастааст. Чунки, мувофиқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ, ҳадафи бевоситаи назария ва методикаи таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” таъмин намудани сатҳи баланди омодагии донишҷӯён барои таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ мебошад. Аз ин рӯ, назария ва методикаи таълими фанни “Тарбияи ҷисмони”, ки маҷмуи донишҳо, маҳорат ва малакаҳои махсусро дар бар гирифта, дар раванди омӯзиши курсҳо ва фанҳои гуногун ташаккул меёбанд, эҷодкорона дар ҳалли масъалаҳои касбӣ ва педагогӣ татбиқ намуд. Аммо амалияи таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” нишон медиҳад, ки механизми чунин татбиқнамоӣ то имрӯз ба қадри кофӣ коркард нагаштааст. Бинобар ин, гуфтаҳои боло гувоҳӣ  аз он медиҳанд, ки масъалаи омодагии омӯзгорони оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” дар замони муосир муҳиммияти махсусро доро мебошад. Дар робита ба ин, зарурияти ҷустуҷӯи раҳёфтҳои муассир ба омодагии касбии омӯзгори оянда, ки соҳиби шахсияти ҳамаҷониба рушдёфта буда, ба такмили фаъолияти касби доимии худ, мунтазам пурра ва васеъ намудани доираи дониш ва малакаи худ қодир бошад, пеш меояд. Ин дар

сурате имконпазир мегардад, ки омӯзгор нисбат ба касби хеш дилбастагӣ ва мавқеи ҳамешагиву фаъол дошта бошад.

Инак, гуфтаҳои боло имкон медиҳад, ки **зиддиятҳои зеринро** ҷудо намоем:

▪зиддият миёни талаботи стандартҳои давлатӣ ба фаъолияти омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ ва дараҷаи феълии омодагии хатмкунандаҳои муассисаҳои олии омӯзгорӣ ба иҷрои фаъолияти мазкур;

▪зиддият миёни талаботи рузафзуни илми педагогика ба зарурати истифодаи оқилонаи технологияҳои муосири таълим ва татбиқи нокифояи онҳо дар таҷрибаи донишкадаю донишгоҳҳо;

▪зиддият миёни зарурати гузаронидани таҳқиқоти марбута, таҳия намудани амсила ва барномаи ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” ва мавҷуд набудани таҳқиқоти системанок дар самти мазкур.

Аз ин ваҷҳ, бо дарназардошти гуфтаҳои боло, зимни таҳқиқоти педагогӣ муайян кардани шароитҳое, ки ба ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” мусоидат мекунанд, коркарди амсила ва барномаи ташаккули он ва дар ин замина баланд бардоштани сатҳу сифати маҳсулнокии касбии донишҷӯён аҳамияти муҳим дошта, дар системаи муосири таълими омӯзгорониояндаи тарбияи ҷисмонӣ мавқеи марказиро ишғол мекунад. Маҳз ин ва дигар мушкилоти дар ҷодаи таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” ва омодасозии муаллими тарбияи ҷисмонӣ мавҷудбуда боиси интихоби **проблемаи таҳқиқот** гардида, ба рисолаи хеш **“Асосҳои педагогии ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ”** унвон гузоштем.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чорчубаи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ - таҳқиқотии шуъбаи фанҳои технологияи меҳнат, тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии ҳарбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар доираи мавзуи “Роҳҳои баланд бардоштани сатҳи дониш ва

маҳорати касбии омӯзгорони фанҳои технологияи меҳнат, тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии ҳарбӣ дар муассисаҳои таълимӣ” ба сомон расонда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Аз ҷиҳати назариявию амалӣ муайян намудани шароитҳои ташкилию педагогие, ки ба самаранокии ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” мусоидат мекунанд.

**Вазифаҳои таҳқиқот**:

1. Зимни таҳлили адабиёти педагогӣ ва психологӣ муайян намудани моҳият ва мазмуни истилоҳи омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ”.

2. Муайян намудани ташаккулдиҳандаҳои асосӣ, меъёрҳо ва зинаҳои омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ”.

3. Омодасозии амсила ва барномаи ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ”.

4. Зимни озмоишҳои педагогӣ асоснок намудани самаранокии амсилаи мураттабшуда ва барнома (технология) - и коркардшуда бобати ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ”.

5. Пешниҳоди тавсияҳои методӣ барои омӯзгорони муассисаҳои олии касбӣ ҷиҳати самаранок омода намудани омӯзгорони оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ”.

**Объекти таҳқиқот** - баррасии ҷараёни тайёрии касбии донишҷӯёни муассисаҳо олӣ ҳамчун омӯзгори оянда дар замони муосир.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот**: шароитҳои ташкилӣ - педагогии ташаккули самараноки омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ”.

**Фарзияи таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки раванди ташаккули самараноки омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” бо фароҳам овардани шароитҳои зерини ташкилӣ - педагогӣ имконпазир мегардад, агар:

▪татбиқи амсила (модел) - и ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” зимни ба инобат гирифтани хусусиятҳои фардӣ -психологии донишҷуён - омӯзгорони ояндаи фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” мураттаб карда шавад;

▪дар баробари рушди ҷисмонӣ ба рушди психикию маънавии донишҷӯён - омӯзгорони ояндаи фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” диққати махсус дода шавад;

▪ҷиҳати мусоидат намудан ба рушди маърифатии донишҷӯён -омӯзгорони ояндаи фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” фаъолияти зина ба зина душворшавандаи ҷӯстуҷӯии онҳо ба роҳ монда шавад;

▪барои донишҷӯён дар интихоби шаклу навъҳо (вариант)-ҳои ҳалли масъалаҳои касбӣ соҳибихтиёрӣ ва имконияти интихоби мустақилонаи низоми рейтингии назорат дода шавад;

▪мониторинги мунтазами дастовардҳои таълимии донишҷӯён -омӯзгорони ояндаи фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” таъсис дода шавад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқот дар чаҳор марҳила – тайи солҳои 2016 то 2021 - гузаронида шуд.

**Дар марҳилаи аввал** (2016-2017), ки марҳилаи ташхисӣ – пажӯҳишӣ маҳсуб меёфт, бо мақсади дақиқ муаррифӣ намудани масъалаи омодасозии омӯзгори ояндаи фанни “Тарбияи ҷисмонӣ”, ки бояд дорои чӣ гуна бартариҳо бошад, таҳлили адабиёти фалсафӣ, психологӣ, педагогӣ, инчунин, таҳқиқоти диссертатсионӣ сурат гирифта, раҳёфтҳои мувофиқи консептуалӣ, барномаи таълимии муассисаҳои олӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуданд. Дар баробари ин, самти таҳқиқот муайян гашта, аппарати илмӣ омода ва фарзияи он дар 5 баст пешниҳод ва муқаррар карда шуданд.

Дар **марҳилаи дуввум** (2017-2018) амсила ва барномаи ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” таҳия карда шуд. Дар марҳилаи мазкур, инчунин аз методҳои амсиласозии назариявӣ, мушоҳидаи  фаъолияти донишҷӯён дар раванди корҳои таълимӣ, илмӣ ва варзишӣ , баҳодиҳии экспертӣ, худбаҳодиҳӣ, пурсиш, мусоҳиба истифода гардида, ниҳоят, коркарди омории маълумоти бадастомада баррасӣ карда шуд.

**Марҳилаи сеюм** (2018-2019) ба санҷиши самаранокии амсила ва барномаи ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” бахшида шуд. Дар ин марҳила низ аз методҳои амсиласозии назариявӣ, пурсиш, мушоҳида, арзёбӣ ва натиҷаҳои коркарди омории маълумоти бадастомада низ мавриди истифода қарор дода шуданд.

**Марҳилаи чорум** (2020-2021) ба таҳияи хулосаҳои озмоиши ташаккулдиҳанда ва ҷамъбасти он, ба низом даровардан ва шарҳи натиҷаҳои бадастомада, коркарди тавсияҳои методӣ дар заминаи татбиқи самараноки амсила ва барномаи ташаккулдиҳанда дар таҷрибаи амалияи муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар бахшида шуда, ниҳоят, кор пурра ҷамъбаст карда шуд.

**Асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқотро** ақидаҳои пешқадами педагогикаи муосири миллӣ (Обидов И.О., Лутфуллозода М., Шарифзода Ф., Шербоев С., Каримова И.Х., Қодиров С., Орипова Н.), рушди касбии шахсияти омӯзгор (Абдуллина О.А., Абулханова - Славская К.А., Ананьев Б.Г., Котова И.Б., Левитан К.М., Лихачёв Б.Т., Петровский А.В., Сластенин В.А., Шиянов Е.Н. ва диг.), муқаррароти назариявӣ оид ба нақш ва аҳамияти тарбияи ҷисмонӣ дар ташаккули шахсият, таълими касбӣ, тарзи ҳаёти солим ва арзишҳои тайёрии касбӣ (Қодиров С., Нуров А., Раҳимов Х. ва диг.), методологияи таҳқиқоти педагогӣ (Лутфуллозода М., Шарифзода Ф., Сангинов Н.Х., Скаткин М. Н., Сластенин В.А. ва диг.) ва ниҳоят, усулҳои таълими тарбияи ҷисмонӣ (М.Я. Виленский, Макеева В.В. Филанковский Р.Б. ва диг.) муаррифӣ мекунанд.

**Сарчашмаи маълумот.** Сарчашмаи маълумотро асарҳои файласуфон, педагогҳо, психологҳо ва дигар олимони соҳаи педагогика, ки осорашон ҷанбаҳои ташаккули сифатҳои касбӣ; санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти касбию педагогӣ; санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва дигар санадҳои меъёриву ҳуҷҷатҳои инъикоскунандаи талабот ва тағйирот дар амалияи таълиму тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад, ташкил медиҳад.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси таҷриба ва маълумоти ҷанбаи эмпирикидошта ба даст оварда шуда, ба шакл даровaрда шуд, адабиёти фалсафӣ, психологӣ, педагогӣ, методӣ таҳлили назариявӣ карда шуд, пурсиш ва ташхис (саволнома, мусоҳиба, санҷиш, пурсиш, худбаҳодиҳӣ , баҳодиҳии коршиносон) гузаронида шуда, натиҷаи он ҷамъбаст карда шуд, мушоҳида (мушоҳидаи мустақим, ғайримустақим); амсиласозӣ; методи баҳогузории рейтингии фаъолияти таълимию касбии донишҷӯён ва методи таҳлили омории натиҷаҳо таҳлилу баррасӣ шуд.

**Пойгоҳи таҳқиқот:** Пойгоҳи озмоишии таҳқиқот факултети табиатшиносӣ ва тарбияи ҷисмонии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент ва факултети тарбияи ҷисмонии Донишгоҳи давлатии шаҳри Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров маҳсуб ёфта, дар марҳилаҳои гуногуни таҳқиқот 180 нафар донишҷӯён ширкат варзида, дар қисмати озмоишӣ (аз ин ҳар ду муассиса 35 - нафарӣ донишҷӯён иштирок доштанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

- ба мазмун ва моҳияти мафҳуми омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” саҳеҳият ворид карда, сохтори он, ҳамчун, шакли ташкили мураккаби иборат аз ҷузъҳои гуногун, мушаххастар карда шудааст;
- ҷузъҳои таркибии омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” ва зинаҳои инкишофи он муайян карда шуданд;
- шароитҳои ташкилӣ - педагогии ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” дақиқ карда шуданд;
- амсила ва барномаи ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” таҳия ва дар раванди фаъолияти таълимии донишҷӯён роҳандозӣ гардидааст.

**Нуктаҳои зерин ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд**

1. Омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ”-ро мо ҳамчун шакли ташкили усули таълими ҳамгиро (интегратсионӣ )-и шахсияти донишҷӯ баррасӣ намудем, ки дорои сохтори мураккаб буда, дар ҳамкории

ҷудонопазири ҷузъҳои маромӣ - арзишӣ, эмотсионалӣ - иродавӣ ва дар мазмуну амалиётӣ (оператсионалӣ) ва қобилияти ҷисмониву эҷодӣ арзёбӣ хоҳад гашт.

2. Ба сифати меъёрҳои омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” унсурҳои зерин муқаррар гардиданд: мавҷудияти нақшаи дақиқи ҳаётӣ ва касбӣ; қобилияти ташкили раванди ҳалли масъалаҳои таълимии устод – омӯзгор, гуногунҷабҳагӣ, фарохӣ ва умқи донишҳои ӯ; вазъи саломатӣ , рушди ҷисмонӣ ва омодагии функсионалии омӯзгори оянда; мавҷудияти услуби инфиродӣ дар фаъолияти педагогӣ. Бояд таъкид сохт, ки зимни меъёрҳои мазкур зинаҳои омодагии омӯзгор ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” муайян карда шудаанд.

3. Амсила ва барномаи ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” коркард гардидааст, ки он мақсадҳо, принсипҳо, ҷузъҳои сохторӣ, шароит ва технологияҳои татбиқи онҳо (омӯзгорон) –ро дар бар мегирад.

4. Шароитҳои ташкилӣ -педагогии ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” мушаххас таъкид шудаанд, ки инҳоянд: сохти модулии мундариҷаи тайёрии касбӣ; системаи рейтингӣ барои арзёбии дониш, малака ва маҳорат; ҷорӣ намудани шаклҳо, усулҳо ва васоити нави ташкили таълим; ҳамгиро кардани мундариҷаи фанҳои гуногуни таълимӣ; худбаҳодиҳии донишҷӯ дар фаъолияти таълимӣ, илмӣ, варзишӣ ва ташвиқи ӯ ба кори бошуурона ва мақсаднок; тадриҷан мураккаб намудани фаъолияти таълимӣ - ҷустуҷӯии донишҷӯён; ҷиҳати ҳавасмандгардонии донишҷӯён фароҳам овардани шароит барои мустақилона интихоб намудани гуна (вариант)-ҳои ҳалли масъалаҳои касбӣ ва системаи назорати рейтингӣ ; ниҳоят, тавассути низоми назорати рейтингӣ мунтазам тафтиш намудани сатҳи дастовардҳои таълимии донишҷӯён.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар он аст, ки дастовардҳо ва тамоюлҳои рушди педагогикаи муосир дар самти таҳсилоти касбӣ дар алоқамандӣ бо омодагии касбии мутахассисони соҳаи тарбияи ҷисмонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасл гардидааст. Инчунин, ҳамалоқамандӣ ва

ҳамкории ҷузъҳои асосии омодагии донишҷӯ -омӯзгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” асоснок карда шуда, исбот карда шудааст, ки натиҷаи чунин ҳамкорӣ боиси эҳё гардидани сифатҳо ва омилҳои нав мегарданд. Ниҳоят, шароитҳои ташкилӣ - педагогии омодагии донишҷӯ - омӯзгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” муайян ва асоснок карда шудаанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки дар раванди озмоиши педагогӣ маҳсулнокии амсила ва барномаи ташаккули омодагии донишҷӯ - омӯзгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” санҷида шуда, хулосаҳо ва тавсияҳои методие пешниҳод гардидаанд, ки ба омӯзгорони муассисаҳои олии касбӣ ҷиҳати омода намудани мутахассисони варзида дар самти таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” ҳамчун дастур, роҳнамо хоҳанд шуд. Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар таҳияи фанҳо ва курсҳои махсус дар системаи таълими касбии омӯзгори оянда дар факултаҳои тарбияи ҷисмонӣ ва инчунин, дар низоми такмили ихтисоси омӯзгорон бомуваффақият истифода намуд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар доираи истифодаи методҳои объективонаи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои мувофиқи озмоиш ва методологияи мувофиқ, маълумоти аз манбаъҳои гуногун бадастомада, маълумоти омории озмоишӣ, иштирок ва назорати шахсии муаллиф дар раванди корҳои озмоишӣ, мувофиқати натиҷаҳои бадастомада ба таҳқиқотҳои дигари педагогӣ, тафтиш ва назорати шароити муайяншудаи ташкилию педагогӣ бо натиҷаҳои бадастомада ва ниҳоят, дар иртибот бо маълумоти таҳқиқотҳои дигари психологӣ ва педагогӣ санҷида шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.08 «Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ » (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ ) мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаб,** пеш аз ҳама, дар муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, матраҳсозии масъалаҳои мубрами таҳқиқот, таҳлил ва

хулосабарорӣ аз иттилооти бадастоварда иборат мебошанд. Дар баробари ин, аз ҷониби унвонҷӯ амсила ва барномаи ташаккули омодагии омӯзгорони оянда ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" коркард гардида, татбиқи он дар амалияи фаъолияти таълимии донишҷӯён баррасӣ гардидааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот** тавассути мубоҳиса дар ҷаласаҳои кафедраи тарбияи ҷисмонии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент, ДОДТ ба номи С. Айнӣ, нашри мақолаҳои илмӣ , тезисҳо, инчунин, дар конфронсҳои илмии аспирантҳо ва довталабон, конфронсҳои таълимӣ ва методии ДДХ, Донишгоҳи давлатии шаҳри Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ (2017 - 2019), Донишгоҳи давлатии Хоруғ баррасӣ гардидааст. Натиҷаҳои таҳқиқот, инчунин, дар ҷараёни машғулиятҳои таълимӣ дар ДОТ дар шаҳри Панҷакент ва дар ДДХ татбиқ карда шудаанд. Ниҳоят, маводи таҳқиқотро метавон дар барномаҳои таҷрибаомӯзии донишҷӯёни курси 3 – 4 - и муассисаҳои таълимии сатҳҳои гуногун, силсилаи лексияҳо барои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар заминаи Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маорифи назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз руйи мавзуи диссертатсия зиёда аз 11 мақолаву дастурҳои илмӣ -методӣ, аз ҷумла, 8 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 номгӯй аз онҳо дар маҷмуаи маводи конференсияҳо нашр шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Рисолаи диссертатсионӣ аз муқаддима, ду боб, ҳафт баст, хулоса, рӯйхати адабиёт, ки зиёда аз 220 манбаъро фаро мегирад ва аз пешниҳоди замимаи оморие, ки аз натиҷаҳои ташхис ва озмоишҳои педагогӣ ба даст омадааст, иборат мебошад. Мазмуни диссертатсия дар 190 саҳифаи чопи компютерӣ дарҷ шуда, дорои 26 ҷадвал ва 3 расм мебошад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ ИЛМӢ ВА НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ ОМОДАГИИ ОМӮЗГОРИ ОЯНДА БА ТАЪЛИМИ ФАННИ “ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ” ДАР МУҲИТИ ТАЪЛИМИ МУАССИСАҲОИ ОЛӢ

## 1.1. Моҳият, мундариҷа, сохтори фаъолияти таълимӣ ва касбии омӯзгори ояндаи тарбияи ҷисмонӣ

Талаботи муосир нисбат ба мутахассисони соҳаи тарбияи ҷисмонӣ, тибқи Стандарти давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ, такмили минбаъдаи омодагии омӯзгорони ояндаро ба фаъолияти касбӣ тақозо менамояд, ки ҳалли онҳо аз дақиқсозии моҳияти фаъолияти касбии омӯзгори ояндаи тарбияи ҷисмонӣ вобаста аст.

Ҳамчунин, масъалаи омодагӣ ба намудҳои гуногуни фаъолияти касбӣ, муайян кардани роҳҳои ташаккули он мавзуи баҳси муҳаққиқони соҳаи психологияи педагогӣ, психологияи варзиш, педагогика ва сотсиологияи муосир мебошад. Бахусус, асосҳои умумии назариявии ин масъала дар асарҳои олимони бурунмарзӣ ва олимони тоҷик аз қабили А.Н. Леонтьев, В.А. Сластенин, Л.И. Божович, Б.Г. Ананьев, С.Л. Рубинштейн, Д.Н. Узнадзе, Ф. Шарифзода, М. Лутфуллозода, И.Х. Каримова ва дигарон мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, ҳанӯз солҳои навадум муҳақиқи тоҷик Ф. Шарифзода дар асару мақолаҳои худ масъалаи мазкурро хело равшану возеҳ ва илмӣ баррасӣ намуда буданд [118; 187; 43; 10; 170; 209; 124; 81]. Дар адабиёти илмӣ ба намудҳои мушаххаси фаъолияти таълими омӯзгорони оянда таваҷҷӯҳи зиёд дода мешавад. Масалан, оид ба худмуайянкунии касбӣ, фаъолияти инноватсионӣ, фаъолият дар шароити муосири иҷтимоию иқтисодӣ, рушди фаъолияти маърифатии хонандагон, худомӯзии касбӣ, таълим дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ, худшиносии мутахассисони тарбияи ҷисмонӣ, фаъолияти идоракунии муаллими тарбияи ҷисмонӣ ва амсоли ин [195].

Бояд таъкид сохт, ки ба маҷмӯи мафҳумҳои дар кори мо истифодашаванда мафҳумҳои “омодагӣ” ва “тайёрнамоӣ” шомиланд, ки

аниқ кардани моҳияти онҳо барои муайян кардани хусусиятҳои омодагӣ ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” кӯмак мекунад.

Дар луғати В. Дал истилоҳи “омоданамоӣ” ҳамчун ҳолати иҷрои қаблии чизе ва истилоҳи “омодашуда” ҳамчун хидматкунанда барои омоданамоӣ ба чизе тафсир шудааст [64]. Ба андешаи С.И. Ожегов ва Н.Ю. Шведова, “омода намудан” – ин таълим додан, додани дониш барои чизе аст, “омода будан” – ин захираи дониши аз ҷониби касе бадастомада ва “омодагӣ” бошад – ин розигӣ барои иҷрое чизест, ҳолатест, ки дар он ҳама чиз анҷом дода шудааст, ҳама чиз омода аст [146]. Чунон ки мебинем, дар ин таърифҳо нақш ва вазифаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки дар раванди омодагии касбии донишҷӯ барои фаъолияти оянда муайян мегардад, ба таври возеҳ ифода ёфтаанд.

Бояд таъкид намуд, ки истилоҳҳои мазкур дар доираи психологияи озмоишӣ ба вуҷуд омада, сипас ба таҳқиқоти психологӣ - педагогӣ интиқол дода шуданд. Аммо таҳлили назариявии адабиёти психологӣ -педагогӣ мавҷуд набудани нуқтаи назари умумиро оид ба мундариҷаи мафҳуми “омодагӣ” нишон дод ва дар мавриди муайян намудани моҳияти ин мафҳумҳо монандии нуқтаи назари баъзе аз муҳаққиқонро мушоҳида кардан мумкин аст.

Чунончи, И.Ф. Исаев, А.И. Мищенко ва В.А. Сластенин омодагиро ҳамчун раванди таълими касбӣ бо мақсади мусаллаҳ намудани донишҷӯён бо дониш, малака ва маҳоратҳо шарҳ медиҳанд [77; 142; 188:3-7]. Муҳаққиқи машҳури тоҷик академик Обидов И. О, “омоданамоӣ” - ро ҳамчун раванди ташаккул, такмил, рушди дониш, маҳорат, малака, хислатҳои шахсии барои иҷрои фаъолияти муайян зарурӣ шарҳ медиҳад, ки дар рафти омӯзиш, худомӯзӣ ё амалияи педагогӣ татбиқ гардида, натиҷаи он омодагӣ мебошад [145]. Масъалаи мазкур, инчунин, аз ҷониби муҳаққиқи дигари тоҷик, доктори илмҳои психологӣ, профессор Атаханов Р. мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифтааст [18].

Аз мавқеи проблемаҳои гуногуни таҳқиқотӣ, истилоҳи “омодагӣ” аз ҷониби муаллифони гуногун ба тариқи зерин тавсиф мегардад:

• тамоюл ба фаъолияти мушаххас [195:202-204];

•натиҷаи тайёрии касбӣ, ки моҳияти онро қобилият ба худомӯзӣ ташкил медиҳад [77; 142; 187:14-28];

• мавҷудияти қобилиятҳо [170:19-47];

• сифати ҳамгиро (интегративи) - и шахс [7; 68];

•қобилияти шахс барои гузоштани ҳадаф, интихоби роҳҳои расидан ба он, амалӣ намудани худназорат, сохтани нақшаҳо ва барномаҳои фаъолият [105];

• ҳолати омодагӣ [105];

• падидаи комил, ки бо эътиқод, сифатҳои ахлоқӣ ва иродавии шахс, тарзи рафтор, дониш дар бораи касб, маҳорат ва малакаҳои амалӣ мустаҳкам гардидааст [137; 138:5-17];

• ташкили мураккаби бисёрзинагӣ, системаи динамикӣ, ки хусусиятҳои маърифатӣ, иродавӣ, маромӣ, эмотсионалиро дар бар мегирад [59; 76; 183; 217].

Р.В. Конькова раҳёфтҳои гуногунро марбут ба масъалаи омодагӣ дида баромада, се самти асосиро дар баррасии он ҷудо мекунад:

• омодагӣ ҳамчун ҳолати махсуси шахсият, ки дар сатҳи функсионалӣ зоҳир мешавад;

• омодагӣ ҳамчун зуҳури ҳамгироии (интегратсионии) шахсият, яъне дар сатҳи шахсӣ;

• ҳолати махсуси равонии шахс, ки метавонад ҳам дар сатҳи функсионалӣ ва ҳам дар сатҳи шахсӣ зоҳир шавад. [95].

Омода будан ба иҷрои ягон фаъолият маънои онро дорад, ки шахс сифатҳои барои иҷрои фаъолияти мазкур заруриро соҳиб аст. Ҷанбаҳои омодагиро дар робита бо фаъолияти касбӣ, омӯхта, муҳаққиқон онро ба тариқи зер муайян мекунанд:

• фаъолии интихобӣ, ки шахсро ба фаъолият роҳнамоӣ мекунад [74; 212; ва диг.];

• танзимгари фаъолият [4; 18:74-88; 150; 160 ва диг.];

• мавҷудияти қобилиятҳои муайян [67; 152 ва диг.];

• коршоямӣ ба фаъолият [46, 102 ва диг.];

• қобилият ба омӯзиш, таълимгирӣ [78; ва диг.];

• ифодаи мақсадноки шахс, ки эътиқодҳо, нуқтаи назар, муносибатҳо, маромҳо, ҳиссиёт, сифатҳои иродавӣ ва зеҳнӣ, дониш, маҳорат, малака, омодагӣ ва рафтори муайянро дар ӯ фаро мегирад [14:15-16; 105 ва диг.];

• ҳолати махсуси психикӣ, тасвири сохтори амали муайян ва равонагардии доимии шуур ба татбиқи он [54];

• ҳолати психикӣ, ки дар байни равандҳои психикӣ ва хусусиятҳои шахсӣ, ки барои таъмини самаранокии фаъолияти касбӣ заруранд, мавқеи мобайниро ишғол мекунад [158 ва диг.];

• сатҳи рушди шахсият, ҳамчун ташаккули системаи томи сифатҳои арзишӣ - тамоюлӣ, маърифатӣ, эмотсионалӣ - иродавӣ, амалиётӣ -рафтории шахс, ки фаъолияти беҳтарин (оптималӣ ) - и шахсро дар гурӯҳ таъмин менамояд [202; 214; ва диг.];

• қобилияти маърифатии хусусиятҳои инфиродӣ (тасвири “Ман”), таҳлили касб ва тасмимгирӣ, яъне қобилияти бошуурона азхуд кардани касб [30; ва диг.].

Ҳамзамон, муҳақиқ Б.Г. Ананев қайд мекунад, ки омодагиро ба фаъолият бо хусусиятҳои маҳорат, ҳосилнокии меҳнат, сифатҳои он дар лаҳзаи иҷрои фаъолияти мувофиқ маҳдуд кардан мумкин нест. Ҳангоми арзёбии омодагӣ ӯ муайян кардани қувваҳои ботинии шахсият, захираҳо ва дарёфтҳои ӯро, ки барои баланд бардоштани ҳосилнокии фаъолияти касбӣ дар оянда зарур аст, муҳим мешуморад [11].

Ба андешаи Р.В Конькова, омодагӣ ба фаъолияти касбӣ масъалаҳои зеринро дар бар мегирад:

• Мехоҳам (интихоби мавзуъ ва ҳадафи меҳнат, асбобҳои истеҳсолот, муайян кардани имкониятҳои шахсӣ);

• Метавонам (манфиатҳои касбӣ, майлҳо, қобилиятҳо, вазъи саломатӣ, қобилияти корӣ, дониш, малака, малакаҳои зарурӣ);

• Зарур аст (камолоти шаҳрвандӣ, ҳисси масъулиятшиносӣ ва ғ).

Дар ҳолати мазкур, “ман метавонам” омодагии психологӣ ба фаъолияти касбиро ифода мекунад, “зарур аст” бошад – ин таҳлили (худтаҳлили) омодагӣ ба фаъолияти касбӣ (дониш, малака, маҳорат, шавқ, майл, қобилият, касб) мебошад [95].

Мувофиқи тасаввуротҳои мавҷуда, дар тавсифоти моҳияти омодагӣ ба фаъолияти касбӣ, муносибатҳои субъектӣ - объектӣ истифода мешаванд [202]. Онҳо имкон медиҳанд, то омодагӣ ба фаъолияти касбиро на ҳамчун ҷавҳари инфиродии маҳдуд, балки ҳамчун ташаккули шахсият баррасӣ намоем, ки моҳияти иҷтимоӣ дошта, ба назари мо се дараҷаи зуҳурот дорад:

• **зуҳури умумииҷтимоӣ** (дар сатҳи умумӣ), ки ҷанбаи иҷтимоию таърихии мундариҷаи омодагӣ ба фаъолияти касбиро инъикос мекунад;

• **зуҳуроти касбӣ** (дар сатҳи махсус), ки асосҳои иҷтимоию типологиро инъикос ва хусусияти намудҳои фаъолияти инсонро ифода мекунад;

• **зуҳури инфиродӣ** (дар сатҳи шахс), ки ченаки субъективии азхудкунӣ ва татбиқи иҷтимоию таърихӣ ва иҷтимоию типологӣ, инчунин, хусусиятҳои инфиродии ҳамкориҳоро инъикос мекунад.

Бахусус, барои муайян кардани моҳияти омодагӣ ба ҳалли масъалаҳои фаъолияти касбӣ , инчунин, омодагии умумӣ (дарозмуддат) ва вазъиятӣ (кӯтоҳмуддат) - ро ба назар гирифтан лозим аст. Омодагии кӯтоҳмуддат ҳамчун заминаи омодагии дарозмуддат маҳсуб ёфта, самаранокии онро меафзояд. Омодагии дарозмуддат – ин системаи устувори сифатҳои муҳимми касбии шахс буда, таҷриба, дониш, малака ва маҳоратҳои ӯро, ки барои фаъолияти самаранок дар вазъиятҳои мухталиф заруранд, дар бар мегирад. Дар навбати худ, омодагии кӯтоҳмуддат маҳсулнокии вазъияти тафаккур, тасаввурот, хотира, малака, дониш ва тамоми фаъолиятҳоро дар

умум муайян мекунад. Таҳқиқоти мо нишон дод, ки ҳар ду шакли омодагӣ дар ягонагии зич ва алоқамандӣ қарор доранд [114].

Таҳлил ва муқоисаи нуктаҳои назари дар боло баррасишудаи муҳаққиқони гуногун, моро ба хулоса меоварад, ки сарфи назар аз фарқиятҳои ҷузъӣ онҳо дар тавсифи моҳияти мафҳумҳо ҳамфикранд. Инак, дар асоси гуфтаҳои боло, хулоса намудан мумкин аст, ки омодагии омӯзгориояндаи тарбияи ҷисмонӣ ба фаъолияти касбӣ бояд ба тариқи зерин арзёбӣ гардад:

• ҳолати шахсияти донишҷӯ, ки масъулияти ӯро фаъолтар менамояд;

• маҷмӯи сифатҳои зарурии шахсият: дониш, малака ва маҳоратҳои касбӣ, ки қобилияти омӯзгориояндаи тарбияи ҷисмониро ҷиҳати қабули қарорҳои беҳтарин (оптималӣ ) вобаста ба вазъиятҳои педагогӣ, мувофиқи мақсад ва вазифаҳои тарбияи ҷисмонӣ таъмин мекунанд.

Мувофиқи хусусиятҳои шахсии пешниҳодкардаи муҳаққиқи рус К.К. Платонов, дар сохтори шахсият зерсохторҳои заминаи биологидошта (мизоҷ, навъи системаи асаб, ҷинс, синну сол, конститутсияи бадан), зерсохтҳои биологӣ - иҷтимоӣ (хусусиятҳои инфиродии равандҳои психикӣ, қобилиятҳо) ва зерсохторҳои заминаҳои иҷтимоидошта (таҷрибаи иҷтимоӣ – дониш, маҳорат, малакаҳо; равия – талабот, шавқу рағбат, идеалҳо, эътиқодот, муносибатҳо, характер) мавҷуданд [158; 159].

Барои таҳқиқоти мо, нуктаи охир аҳамияти хоса дорад. Зеро соҳаи таҷрибаи дар фаъолият ташаккулёбанда асоси сохтори омодагии умумии донишҷӯён ба фаъолияти касбӣ нуктаи муҳими таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” мебошад.

Олимоне, ки бобати омодагии омӯзгорро ба фаъолияти касбӣ тадқиқот бурдаанд, ҷузъҳои гуногуни сохтори чунин омодагиро низ шарҳ додаанд.

Таҳқиқоти бунёдии омодагии касбӣ ба фаъолияти омӯзгорӣ аз ҷониби муҳаққиқи рус К.М. Дурай-Новакова анҷом дода шудааст [66]. Вай фарзияеро ба миён гузошта, исбот намудааст, ки мувофиқи он дар сурати истифодаи системаи махсус ташкилшудаи таълиму тарбияи касбии

омӯзгори оянда сатҳи ташаккули омодагии педагогии онҳо ба маротиб баланд мегардад. Ба андешаи муҳаққиқи мазкур ҷузъҳои асосии омодагии касбӣ ҳамчун як падидаи яклухту том, чунончи, ҷузъҳои маромӣ, маърифатӣ - арзёбикунанда, эмотсионалӣ - иродавӣ, амалӣ - фаъолиятӣ ва рафторӣ мебошанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи К.М. Дурай-Новакова нишон доданд, ки категорияи “омодагии касбӣ ба фаъолияти омӯзгорӣ” дар маҷмуи нишондиҳандаҳои муҳим аз қабили маромнокии фаъолияти омӯзгорӣ, омодагии умумӣ ба фаъолияти омӯзгорӣ, сафарбаркунии дониш, муносибат ба фаъолияти омӯзгорӣ, ниёзҳои донишҷӯён, хислатҳои шахсии онҳо, қаноатмандӣ аз фаъолияти омӯзгорӣ инъикос меёбад [66].

В.В. Филанковский миёни ҷузъҳои асосии омодагии касбӣ нуктаҳои зеринро ҷудо мекунад:

• мақсаднокӣ (дониш, муносибати маромӣ - арзишӣ, рафторӣ);

• назариявӣ (донишҳо, маҳоратҳо, таҳлилӣ, пешгӯиҳо, лоиҳавӣ, маънои шахсӣ);

• амалӣ (дониш дар бораи роҳҳои иҷрои амалҳо, маҳоратҳо, конструктивӣ, ташкилотчигӣ, иртиботӣ коммуникатсионӣ);

• эҷодӣ (донишҳо, эътиқодҳо, ҳалли эҷодии масъалаҳои педагогӣ) [202].

Ба андешаи Р.В. Конькова ҷузъҳои асосии омодагӣ инҳоянд:

• шахсиятӣ - ҳадафӣ (маромнокии мусбӣ барои фаъолияти касбӣ, арзишҳо, мустақилият, ирода);

• иттилоотӣ - маърифатӣ (маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳо, азхудкунии ҷанбаҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқии фаъолият, мавҷудияти сифатҳои касбӣ, маълумот дар бораи касбҳо);

• арзёбӣ (қобилияти аз нав дида баромадани фаъолият, худбаҳодиҳии омодагӣ ва сифатҳои хеш, ки барои касби азхудшаванда заруранд) [95].

Ба андешаи муҳаққиқ М.И. Дяченко ҷузъҳои омодагии касбӣ инҳоянд:

• ҷузъи маромӣ (масъулият барои иҷрои вазифаҳо, ҳисси масъулиятшиносӣ);

•ҷузъи самтнамоӣ (ориентатсионӣ) (дониш ва тасаввурот дар бораи хусусиятҳо ва шароити фаъолият, талаботи он ба шахс);

•амалиёти ҷузъӣ (оператсионалӣ) (ба восита ва усулҳои фаъолият, дониш, малака, маҳоратҳои зарурӣ, равандҳои таҳлил, таркиб, муқоиса, ҷамъбаст ва ғайра соҳиб гаштан);

•ҷузъи иродавӣ (худназорат, худсафарбаркунӣ, маҳорати идоракунии амалҳое, ки иҷрои вазифаҳоро таъмин мекунанд);

•ҷузъи арзёбӣ (худбаҳодиҳии омодагии хеш ва мувофиқати раванди ҳалли масъалаҳои касбӣ  ба намунаҳои оптималӣ ) [67].

Бояд таъкид сохт, ки зимни таҳлили бозёфтҳои гуногун дар иртибот ба мушкилоти сохторбандии омодагӣ ба фаъолияти касбӣ ва мутобиқи хусусиятҳои кори озмоишии худ,  мо дар сохтори дохилии омодагии ояндаи омӯзгор ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” ҳафт ҷузъи ба ҳам алоқамандро муқаррар намудем, ки мундариҷаи онҳо хусусиятҳои хоси омодагии касбии омӯзгори мазкурро инъикос мекунанд, ки барои дарки пурраи чунин сохтор мо ҷузъҳои таркибии онҳоро дар ҷадвали (1) - и зерин пешниҳод кардем:

Ҷадвали 1

| **Ҷузъҳои омодагӣ** | **Мундариҷа** |
|---|---|
| Маромӣ – арзишӣ | Ниёзҳо, ангезаҳо, самтҳои арзишӣ, орзуҳо |
| Эмотсионалӣ – иродавӣ | Ирода, шавқ, ташаббус, сабр |
| Мазмунӣ | Дониш ва малакаҳо: психологӣ - педагогӣ, тиббӣ - биологӣ, махсус, технологӣ |
| Амалиётӣ (оператсионалӣ) | Маҳорат ва малакаҳо: умумпедагогӣ ва махсус |
| Ҷисмонӣ | Саломатӣ, тарбияи ҷисмонӣ, фаъолияти функсионалӣ ва ҷисмонӣ |

| | |
|---|---|
| Эҷодӣ | Эҷодкорӣ, фаъолӣ, зудҳаракатӣ, ташаббускорӣ, мустақилӣ, асилият, ҳозирҷавобӣ, мақсаднокӣ, услуби инфиродии фаъолият |
| Арзёбӣ | Рефлексия, худшиносӣ, худбаҳодиҳӣ, худназорат, худислоҳнамоӣ |

Бояд таъкид сохт, ки мувофиқи таҳлилҳои боло, омодагӣ ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” фаъолияти касбии омӯзгори ояндаи тарбияи ҷисмонӣ  аз ҷониби мо ҳамчун маҷмуи ташкилаи ҳамгиро (интегратсионӣ) - и шахсияте баррасӣ карда мешавад, ки дорои низоми муташаккил (маромӣ - арзишӣ, эмотсионалӣ - иродавӣ, мазмунӣ, амалиётӣ, ҷисмонӣ, эҷодӣ ва арзёбӣ) фаъолият мекунад. Яъне он ҳама ҷузъҳои сохтории омодагӣ дар фаъолияти ӯ дар алоқамандии зич қарор доранд. Ягонагии онҳо дар раванди фаъолияти педагогӣ ва тафаккури ӯ зоҳир мегарданд, ки дар навбати худ дар ҳалли масъалаҳои таълимӣ -тарбиявӣ ва натиҷаҳои мушаххаси ташаккули фарҳанги ҷисмонии шахсияти хонандагон ҳам ифода меёбанд.

Ихтилофи назар миёни талаботи рӯзафзуни ҷомеа ба рушди ҳамаҷонибаи насли ҷавон, ки омодаанд дар оянда барои ҳалли бомуваффақияти масъалаҳои баланд бардоштани некӯаҳволии Тоҷикистони соҳибистиқлол машғул гарданд ва мунтазам паст шудани сатҳи ҳолати ҷисмонии онҳо дар солҳои охир мутахассисонро маҷбур мекунад, ки ба сатҳи омодагии омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ талаботи нав ба навро ба миён гузоранд. Чунки замони муосир ба мутахассисони баландихтисоси эҷодкор, ки метавонанд, дар ташаккули шахсияти мукаммали кӯдак бо истифода аз машқҳои ҷисмонӣ саҳмгузор бошанд, ниёз дорад. Аз ин лиҳоз, донишҷӯёни факултетҳои тарбияи ҷисмонии донишкадаю донишгоҳҳои омӯзгорӣ дар робита бо хусусиятҳои фаъолияти касбии ояндаи худ, ҳаллуфаслкунандагони асосии фарҳанги миллат маҳсуб ёфта, бояд интиқолдиҳандагони донишҳои махсус дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва тарзи

ҳаёти солим низ бошанд, нисбат ба саломатии худ оқилона муносибат кунанд ва меъёрҳои ахлоқиро дар худ таҷассум намоянд.

Аз ин ҷост, ки масъалаи ҳифзи солимии насли наврас, тарзи ҳаёти солим яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳсуб меёбад: "Ҳукумати мамлакат варзишро ҳамчун яке аз самтҳои асосии сиёсати иҷтимоии давлат эътироф намуда, барои пешрафти он, ҷалби васеи сокинони кишвар бо мақсади оммавигардонии варзиш, солимгардонӣ ва тарбияи ҷисму рӯҳи солим тадбирҳои муассирро амалӣ мегардонад" [179], таъкид намудааст ӯ.

Бояд тазаккур дод, ки имрӯзҳо зери сиёсати варзишпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон варзиш дар кишвари мо ба таври назаррас оммавӣ шуда истодааст. Пешвои миллат солҳои охир иқдомоти шоистаеро дар ин самт роҳандозӣ кардаанд, ки дар кӯтоҳтарин муҳлат натиҷаҳои хуб ба бор оварданд. Бахусус, таъсис ёфтани "**Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ғолибон ва ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ**" намунаи ошкори ташаббусҳои Роҳбари давлат барои рушди соҳаи варзиш мебошад. Ин ҷоиза, бешубҳа, масъулияти варзишгарони тоҷикро ба маротиб зиёд намуд.

Шуруъ аз соли 2010 бо супориши Пешвои миллат тамоми вазорату идораҳои мамлакат вазифадор шудаанд, ки баҳри тарғиби тарзи ҳаёти солим ва оммавӣ шудани варзиш дар кишвар чораҳои зарурӣ андешанд. Гузашта аз ин, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳои ҳарсолаашон ба Маҷлиси Олӣ бевосита таъкид менамоянд, ки ҳар як ташкилоту муассиса барои оммавӣ гардидани варзиш ҳатман саҳмгузор бошанд. Боварӣ ҳаст, ки иқдоми мазкур минбаъд кишвари моро дар ҷаҳон ҳамчун давлати варзишдӯст муаррифӣ менамояд.

Масалан, дар давоми ду соли охир танҳо дар шаҳри Душанбе бо ибтикори шаҳрдори ҷавон, муҳтарам Рустами Эмомалӣ зиёда аз 220 майдончаи варзишӣ сохта, ба истифода дода шудааст, ки айни ҳол онҳо ба макони фароғату солимии наврасону ҷавонон табдил ёфтаанд. Маҳз чунин иқдомҳо имкон медиҳад, ки варзиш миёни мардуми варзишдӯсти тоҷик боз ҳам рушд ёфта, оммавитар гардад. Қобили зикр аст, ки тайи чанд соли охир 231 маротиба дар мусобиқаҳои сатҳи байналмилалӣ Парчами давлатии Тоҷикистон баланд бардошта шуда, 108 маротиба Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон садо додааст, ки ин гувоҳӣ аз дастовардҳои солҳои охири варзишгарони тоҷик аст ва гузашта аз ин, мавриди зикр аст, ки медалҳои бадастовардаи варзишгарон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 134 адад зиёд мебошад.

Я. А. Коменский дар асари худ "Дидактикаи бузург" талаботи худро нисбат ба "муаллими универсалӣ" муайян намуда, аз ҷумла, афзудааст, ки он, яъне омӯзгор "сарсупурдаи кори худ бошад - бояд қобил бошад, дониш ва таҷрибаи худро ба дигарон интиқол додан хоҳад ва интиқол дода тавонад" [88].

Аз ин рӯ, ҳадафи ниҳоии раванди таълим дар донишкадаю донишгоҳҳо ба ташаккул ёфтани донишҷӯ, ҳамчун субъекти фаъолияти таълимӣ ва илмӣ мебошад. Яъне ноил шудан ба чунин сатҳи рушди таълимгирандагон, то ки онҳо дар заминаи донишу маҳорат ва малакаҳои хеш имконияти намоиш додани ҳадафҳои фаъолияти худро дошта бошанд, ба дараҷае онҳо тавонанд, ки амалҳои худро ба нақша гирифта танзим намоянд, натиҷаҳоро бо ҳадафҳои худ мувофиқат карда тавонанд. Бахусус, донишҷӯ бояд худро ҳамчун субъекти раванди таълим эҳсос намояд.

Инак, мо дар таҳқиқоти худ мафҳуми "субъект" - ро ба маънои аслиаш, ки "барандаи фаъолияти объективӣ - амалӣ ва маърифат, ки дар худ ва одамони дигар" маҳсуб меёбад [100], истифода мебарем. Зеро субъект (донишҷӯ) бояд шахси худидоракунандае бошад, ки дар раванди таълим дар донишкадаю донишгоҳ дар хеш худидоракуниро тарбия карда, қобилияти

самаранок ва худтанзимкунии амалҳоро парварида тавонад. Чунин амал сифати системавии донишҷӯест, ки намудҳо ва шаклҳои гуногуни фаъолият ва муносибатҳои иҷтимоиро аз худ намудаасту дорои маҷмуи функсияҳои инфиродӣ ва психологие мебошад, ки дар ӯ самаранокии фаъолияти амалишавандаро муайян ва инъикос ва муҳимияти онро муқаррар намуда, дар худ ташаккул додани қобилиятҳо ва сифатҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва касбӣ муҳимро парваридааст. Ба тарзи дигар, субъект (донишҷӯ) – касест, ки шахсияти худро дар раванди таълим татбиқшаванда ҳисобида, ба сифатҳои худташкилдиҳӣ ва худназораткунии амалҳо ва рафтори худ қодир аст.

Ба ифодаи дигар, субъект будан маънои ишғол намудани мавқеи фаъолонаро нисбат ба ҳаёти шахсӣ ва бошууронаву ҳадафмандона фаъолият варзиданро дорад. Аз ин лиҳоз, рушди субъективият дар донишҷӯ дар раванди таълим, ҳамзамон, рушди мавқеи фаъол ва эҷодкоронаи ӯ нисбат ба ҳаёт ва, дар маҷмуъ, фаъолияти касбии ояндаи худ  маҳсуб мебошад. Хуллас, зуҳури мавқеи субъективӣ дар фаъолияти таълимии ҳар як донишҷӯ натиҷаи ҳамкории як қатор нишондиҳандаҳо: фаъолият, равия, огоҳмандӣ, маҳорати амалӣ ва майл ба ҳамкорӣ мебошад.

Бахусус, таҳқиқоти мо нишон дод, ки муносибати субъективӣ  ба амалҳои иҷрокунандаи донишҷӯ тавассути рӯ овардани ӯ ба захираҳои ботинии худ, интихоби воситаву имкониятҳои иҷрои амалҳо дар асоси ҳамкории малакаҳои ташаккулёфтаи худтанзимкунӣ ва ҷузъҳои ба таҷрибаи субъективӣ алоқаманд имконпазир мегардаду таҷрибаи субъективӣ  дар асоси рафтори таҷрибашуда (санҷидашуда) ташаккул меёбад. Он (таҷрибаҳои субъективӣ) дарки имкониятҳо, қоидаҳои ташкили амалҳо, арзишҳои пурмазмун, дараҷаҳо (иерархияи) - и афзалиятҳо, ниҳоят, хоҳишҳои донишҷӯёнро дар бар мегирад. Таҷрибаи субъективӣ имкон медиҳад, ки шахс дар назди худ вазифаҳо гузорад, аз байни вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда муҳимтаринашро интихоб кунад. Ба ибораи дигар,

он (таҷрибанокӣ) ба ҷуз аз мундариҷаи мувофиқи объективӣ, инчунин субъективиятро низ дар бар мегирад.

Масалан, муҳақиқи рус А.К. Осницкий чаҳор ҷузъи зерини таҷрибаи субъективиро номбар намудааст, ки бо ҳам дар ҳамкорӣ қарор доранд:

**таҷрибаи арзишӣ** (арзишҳо, меъёрҳои ахлоқӣ, афзалиятҳо, идеалҳо, эътиқодот), ки кӯшишу талошҳои самтгиронаи шахсро ифода мекунад; **таҷрибаи рефлексивӣ** (инъикос) (дониш дар бораи имкониятҳо ва дигаргуниҳои эҳтимолӣ дар муҳити объективӣ ва худ), ки алоқамандшавиро бо дигар ҷузъҳои таҷрибаи субъективӣ таъмин менамояд; **таҷрибаи фаъолшавии одатӣ** (омодагии пешакӣ, мутобиқати амалиёт ба шароити тағйирёбандаи кор, такя ба кӯшишҳои муайян ва сатҳи муайяни муваффақият), ки дар самтгирӣ аз имкониятҳои худ ифода меёбад; **таҷрибаи амалиётӣ** (оператсионалӣ) (дониш ва малакаҳои касбию меҳнатӣ, маҳорат ва малакаҳои худтанзимкунӣ), ки дар пайвастани омодагии назариявӣ бо амалия роҳандозӣ мегардад [147:5-19].

Бояд таъкид намуд, ки ҳар як ҷузъи таҷрибаи субъективӣ (шахсӣ), дар пайвастагии ниёзҳо, соҳаҳои фаъолиятӣ шахсӣ, дар таассуротҳо ва дар шуури шахс инъикос ва амал мешаванд. Пайвастагӣ ва ё ҳамкории ҷузъҳои таҷрибаи субъектро бошад, иҷрои вазифаҳои мустақил, ҳалли масъалаҳои эҷодӣ таъмин менамоянд. Аз ин ҷиҳат, **субъекти таълим** гуфта, донишҷӯёнеро номидан мумкин аст, ки дараҷаи баланди фаъолияти маърифатиро соҳиб буда, танҳо ба азхудкунии мазмуни маводи таълимӣ иктифо намекунанд, балки онро бо мундариҷаи таҷрибаи худ, ки дар раванди таҳсили қаблӣ ва амалияи ҳаётӣ ҳосил кардаанд, мувофиқа менамоянд худ фаъолияти маърифатияшонро зимни рефлексияи натиҷаҳо ва раванди фаъолият идора, назорат ва ислоҳ менамоянд.

Ғояи субъективият дар таҳсилоти касбӣ омӯзгорони донишгоҳҳо ва донишкадаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба он равона мекунад, ки барои ҳар як донишҷӯ шароити фардии мусоид фароҳам оваранд, то тавонанд, ки самаранокии раванди рушди шахсӣ ва касбии онҳо таъмин гардад. Дар

баробари ин, сохтори ташкилӣ, технологияи тарҳрезӣ ва татбиқи натиҷаҳои раванди таълим дар онҳо тамоюли гуманистиро афзун намуда, аз ҷониби донишҷӯён татбиқ гардидани имкониятҳояшонро мувофиқ ба қобилиятҳои хеш дар рушди намудҳои гуногуни фаъолият ва муносибатҳои иҷтимоӣ таъмин мекунад [27].

Маълум аст, ки наврасӣ бо афзоиши суръатноки худогоҳӣ зуҳур меёбад: ҷавони наврас ба ҳалли мушкилоти худмуайянкунии шахсӣ ва касбӣ рӯ ба рӯ мешавад. Ҷомеаи муосир ӯро дар чунин шароите қарор медиҳад, ки муваффақият ва рақобатпазирии ӯ дар бозори меҳнат аз фаъолнокӣ ва дуруст дарк намудани мақомаш дар ҳаёт вобаста аст.

Аммо, давраи донишҷӯиро метавон ба марҳилаи дуюми наврасӣ ё ба давраи охири он мансуб донист. Дар ин бобат, муҳақиқи рус Б.Г. Ананев ин марҳиларо ҳамчун замони азхудкунии баъзе нақшҳои касбӣ, оғози ҳаёти мустақил барои донишҷӯён муайян кардааст [12].

Бархе аз муҳаққиқон қайд мекунанд, ки донишҷӯ, ҳамчун як гурӯҳи махсуси фаъоли иҷтимоӣ, зери таъсири омилҳои объективие мемонад, ки ба ӯ шароити зиндагӣ ва фаъолияти таълимии дигар донишҷӯён, синну сол, ҷинс, вазъи саломатӣ, сарбории умумии таълимӣ, истироҳат, аз ҷумла, истироҳати фаъол шомиланд. Аз ин рӯ, мо ба хулоса омадем, ки ба омилҳои субъективӣ дониш, қобилиятҳои касбӣ, шавқу ҳавас, мароми омӯзиш, коршоямӣ ва устувории нейропсихикӣ, суръати фаъолияти таълимӣ, хасташавӣ ва қобилиятҳои психофизикиву сифатҳои шахсӣ, ва ниҳоят, қобилияти мутобиқшавӣ ба шароити иҷтимоии таълимӣ дохил мешаванд. Ин давраи ташаккули инсон ва шахсият, дар маҷмуъ, ҷараёни омодагӣ ба фаъолияти тахассусии касбӣ мебошад, аммо дар ин давраи сннусолӣ масъалаҳои маъно ва ҳадафи ҳаёт, муайян кардани “Ман” - и хеш, ахлоқ ва одоб, психологияи худшиносӣ ва худтарбиянамоӣ муҳимии махсусро касб мекунад [91].

Ба ҷуз аз нуктаҳои дар фавқ омада омилҳое низ ҳастанд, ки симои иҷтимоӣ - психологии донишҷӯро муайян намуда, ба самаранокии таълим таъсир мерасонанд, ки онҳоро ба ду категория ҷудо кардан мумкин аст:

а). омилҳоеро, ки дар лаҳзаи ба донишкада омадан бо ӯ буданд – онҳоро танҳо ба назари эътибор гирифтан мумкин аст;

б). омилҳое, ки дар раванди таълим пайдо мешаванду онҳоро идора кардан мумкин аст. Инчунин, ба категорияи сатҳи омодагӣ муносибат ба омӯзиш, огоҳӣ аз воқеиятҳои донишгоҳ ва донишкада, тасаввурот дар бораи ояндаи касбӣ низ шомиланд. Аммо, таъкид бояд сохт, ки дар раванди таълим таъсири омилҳои гурӯҳи якум тадриҷан суст шуда, омилҳои гурӯҳи дуюм фаъол ва нақши ҳалкунандаро доро мешаванд. Махсусан, чунин омилҳо, аз қабили ташкили раванди таълим, сатҳи таълимдиҳӣ, шакли муносибати муаллим ва донишҷӯ, ки маҳз ҳамин омилҳо, асосан, симои касбӣ  ва психологии шахс ва донишҷӯро, ки пас аз чор сол донишкадароро тарк хоҳад кард, муайян мекунанд.

Мебояд таъкид намуд, ки нишондиҳандаи муҳими донишҷӯ ҳамчун субъекти фаъолияти таълим, маҳорати иҷро карда тавонистани тамоми ҷанбаҳои дар боло зикргардида мебошад. Аммо, натиҷаҳои таҳқиқоти махсус [13; 99; 204 ва ғ.] нишон медиҳанд, ки аксар донишҷӯёни факултетҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш тарзи шунидан ва сабт кардани лексияҳоро намедонанд, зиёда аз ин, аз адабиёти зарурӣ истифода карда наметавонанд (аниқаш, дар аксари ҳолатҳо танҳо 18 -19% маводи лексиониро менависанду халос). Ба ҷуз ин, онҳо аз уҳдаи дар назди шунавандагон сухан гуфтан (28,9%), баҳс кардан (17,%), ба мушкилот баҳои таҳлилӣ  додан (15,3%) намебароянд. Чунончи, дар асоси маводи омӯзиши мушаххаси сотсиологӣ маълум гардид, ки ҳамагӣ  36,5% донишҷӯён барои хуб таҳсил кардан саъй мекунанд, 52,6% на ҳамеша кӯшиш мекунанду боқӣ 8% барои таҳсили хуб саъй намекунанд. Аммо ҳатто дар байни онҳое, ки барои хуб таҳсил кардан саъй мекунанд, дар 63,2% ҳолатҳо омӯзишҳо хуб ба роҳ монда нашудаанд.

Донишҷӯ, ҳамчун субъект, бояд саъй намояд, то ки фаъолияти таълимии худро оқилона ба роҳ монда, усулҳои самарабахши истифода ва омӯзиши маводро пайдо кунад. Аммо, муваффақияти кӯшишҳои онҳо дар ин самт аз сатҳи рушди зеҳнӣ, худтаҳлилнамоӣ ва иродаи эшон вобаста аст. Пӯшида нест, ки сатҳи нокофии инкишофи ҳар яке аз ин қобилиятҳо боиси норасогиҳои назаррас дар ташкили кори мустақилонаи онҳо мегардад, ки дар натиҷа сатҳи давомоти онҳо мунтазам паст гардида, ба имтиҳонҳо омодагии пурра гирифта наметавонанд. Аммо донишҷӯёни аз ҷиҳати зеҳнӣ рушдёфта маводи таълимии дар шароити муқаррарии таълим барои донишҷӯи миёна пешбинишударо ба осонӣ азхуд карда, барои таҳияи усулҳои оқилонаи азхудкунии дониш саъй намекунанд. Дар асл, ин усули таҳсил аз муассисаи таҳсилоти миёна сарчашма мегирад, ки дар натиҷа имкониятҳои ниҳонии чунин донишҷӯён ошкор нашуда мемонанд, алалхусус, ҳангоми дар онҳо ба қадри кофӣ рушд накардани ирода, ҳисси масъулиятшиносӣ ва ҳадафмандӣ.

Ҳадаф аз баррасии ин нуктаҳо аст, ки ба донишҷӯён озодии интихоби усулҳои ҳалли масъалаҳои кори илмию методӣ зарур аст. Масалан, вазифаҳои эҷодӣ, ҷавобҳои монологӣ, диалогӣ, хаттӣ, навиштани рефератҳо ва ғ. Дар ин бобат, лозим аст, ки принсипи “ба ҳама аз рӯи қобилияташ” бояд на ҳамчун принсипи кам шудани талабот нисбати донишҷӯёни қобилияти зеҳнияшон баланд, ҳангоми муқоиса намудани онҳо бо донишҷӯёни зеҳнашон заиф, балки вобаста ба афзоиши талабот нисбати онҳо фаҳмида шавад. Танҳо ба роҳ мондани чунин раванди таълим имконият медиҳад, то қобилиятҳои зеҳнӣ ва иродавии ҳар як шахс (донишҷӯ) пурра татбиқ гардида, шахсияти онҳо ҳамаҷониба рушд кунад.

Донишҷӯёне, ки сатҳи баланди мунтазами кори таълимӣ доранд, дорои эътиқод ва иродаи қавӣ мебошанд.

Мувофиқи таҷрибаи солҳои охири кафедраи тарбияи ҷисмонии ДОТП дар аввали соли хониши нав мо донишҷӯёнро бо қоидаҳои гузаронидани чорабинии “Экспресс – тест” шинос мекунем, қобилиятҳои ҷисмонии

онҳоро муайян намуда, дар ҳафтаи сеюми соли таҳсил мусобиқаи аввалинро байни гурӯҳҳои курсҳои якум таъсис медиҳем, ки чунин чорабинӣ барои донишҷӯён хеле шавқовар мебошаду онҳо дар натиҷаи иштирок дар ин чорабинӣ ба малакаҳои тарзи таъсис ва гузаронидани чорабиниҳои ба тарбияи ҷисмонӣ иртиботдошта, усулҳои солимгардонӣ, инчунин, бо тарзи ҳуҷҷатгузорӣ шинос мешаванд, ки ин ҳама дар оянда ба малакаҳои касбӣ ё педагогии донишҷӯён таҳкурсии аввалин маҳсуб меёбанд.

Барномаи мусобиқа ба тариқи зайл аст: давидан 20м ва 30м, ҷаҳидан ба дарозӣ аз ҷои ист, давидан ба масофа мувофиқи вақт (6 дақиқа) бо 50% шиддатнокӣ (барои инкишоф ва тобоварии умумӣ).

Ин меъёрҳои мусобиқа тибқи системаи А.А. Гунжаловский ҷамъбаст карда мешаванд [63].

Тазаккур бояд дод, ки дар натиҷаи таҳқиқоти худ дар байни донишҷӯёни факултаи тарбияи ҷисмонӣ, асосан, ду намуди донишҷӯёнро муайян кардем:

1) Онҳое, ки ба сатҳи баланди мунтазамии фаъолияти таълимӣ (қобилияти мунтазам кор кардан, ҳатто бо қобилиятҳои миёнаи зеҳнӣ, ки нишондиҳандаҳои баланди устувори таълимии донишҷӯёнро таъмин месозад) дастрас мебошанд.

2) Онҳое, ки ба сатҳи пасти мунтазамии фаъолияти таълимӣ (набудани қобилияти худташкилнамоӣ, баробар тақсим карда натавонистани қисматҳои машғулиятҳои таълимӣ, ҳатто дар сурати соҳиб будан ба зеҳни ба қадри кофӣ инкишофёфта, ки қобилияти азхудкунии маводи барномаро суст намуда, ба таълими муваффақона халал мерасонад) дастрасӣ доранду бас.

Ногуфта намонад, ки ноуҳдабароии устодон дар иҷрои намудҳои гуногуни корҳои таълимӣ ва набудани машғулиятҳои муназзами таълимӣ боиси ноомодагии хатмкунандагон ба фаъолияти касбииояндаи эшон мегардад. Ба ҷуз ин, таҳқиқоти мо нишон дод, ки хислатҳои зерини шахсии

донишҷӯро, ҳамчун субъекти фаъолият, бояд ба назар гирифт, ки оё дар онҳо ташаккул ёфтааст ё на:

• қобилияти на танҳо аз худ кардани олами ашё ва ғояҳо, балки тавлид ва ё эҷод кардани онҳо, яъне эҷоди қобилияти чизҳои навро дар онҳо (донишҷӯён);

• дарк ва қабули вазифаҳо, муносибат ба фаъолият, ки дар ҳама марҳилаҳои амалигардии он татбиқ карда мешаванд;

• соҳиб гардидан ба малакаҳо, асосҳои заминавии фаъолият, ки мутобиқи вазифаҳои қабулшуда ё мустақилона таҳияшуда, амалӣ карда мешаванд;

• дарк намудани аҳамияти шахсии онҳо (донишҷӯён) барои дигарон, масъулиятнокиашон барои натиҷаҳои иҷрои фаъолияташон;

• қобилияти худтаҳлилнамоӣ дар онҳо, ҳамчун шарти танзими бошууронаи рафтори худ ва ғ.

Дар баробари нуктаҳои дар боло баррасишуда, ба мавқеи субъективии донишҷӯён нисбат ба фаъолияти таълимӣ ва баъдан ба ихтисоси интихобкардаашон мақсадҳои интихоби касб низ таъсир мерасонанд. Чунончи, муҳақиқи рус Н.Г. Пащкевич, ки омилҳои интихоби касби “муаллим” - ро омӯхтааст, дар ин раванди омӯзиш, ки чор гурӯҳи донишҷӯёнро муайян мекунад: ба гурӯҳи 1- ум – донишҷӯёни дорои мароми яктарафа (муҳаббат ба фан); ба гурӯҳи 2- юм – донишҷӯёне, ки бидуни мароми возеҳ даркгашта, тасодуфӣ ба донишкада дохил шудаанд; ба гурӯҳи 3- юм – донишҷӯёне, ки қобилиятҳои равшани ташкилотчигӣ ва педагогӣ нишон медиҳанд, ки дар оянда метавонанд, роҳбарони эҳтимолии муассисаҳои таълимӣ шаванд, ба гурӯҳи 4 - ум – донишҷӯёни соҳиби маҳоратҳои возеҳи педагогидошта мансубанд [149:11-12].

Ҳамчунин муҳаққиқ Н. Г. Пащкевич маромҳои донишҷӯёнро муайян намуда, хоҳиши дар доираи донишҷӯён будан, дарки аҳамияти касб ва дурнамои он, мувофиқати он ба манфиатҳо ва анъанаҳои оилавиро муайян намудааст. Тибқи таҳқиқоти ин олим маромнокии асосӣ ва ботинии

донишҷӯёни бо онҳо ҳамсуҳбатшуда ба даст овардани маълумоти олӣ ва дониш буда, маромнокии гурӯҳи дигар ба даст овардани дӯстон ва ҳолати хуби ҷисмонӣ мебошад.

Ҳамин тавр, меҳвари тайёрии касбии донишҷӯ - омӯзгори оянда ин аст, ки саъй мекунад ҳам дар гурӯҳи худ, ҳам дар донишкада ва ҳам дар фазои таълимӣ мавқееро ишғол кунад, то ки дар робита бо ҳар гуна тағйирёбии барномаи таълимӣ, шароитҳои методии таълим мустақилияти муайяне ва ё эҷодкорие аз худ зоҳир намояд. Маҳз чунин маром ва мавқеи донишҷӯ вазъиятеро ба вуҷуд меорад, ки ба ӯ на танҳо таълим дода мешавад, балки ӯ худ баҳри такмили маҳорати касбиаш пайваста пайгирӣ мекунад. Яъне, ӯ (донишҷӯ) ҳамчун субъекти фаъолу бомаърифат амал намуда, бобати ҳадафҳои худро амалӣ намудан, ҳифзи баррасии мавзуи таълимиро мувофиқи ҳадафҳояш роҳандозӣ мекунад; фаъолияти амалӣ, маърифатӣ, тафаккур ва муоширатиашро ташаккул дода, имкониятҳои табиии худро барои ҳалли вазифаҳои гузошташуда ба инобат мегирад. Хулоса, ӯ фаъолу ташкилотчиест, ки раванди таълиму тарбияро аз худ кардааст, рушд ёфтааст, худидоракуниро омӯхтааст, яъне худро ҳаматарафа тарбият намудааст.

Умуман, натиҷаҳои таҳқиқоти мо дар самти муайян намудани маромҳои интихоби касби омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш маълум намуд, ки донишчуёни соҳиби маромҳои номаълум аксариятро ташкил медиҳанд (51,1%). Дар ҷойи дуюм донишҷӯёни навъи 1 (14,4%) пас аз он донишҷӯёни навъи 3 (13,8%) ва дар интиҳо донишҷӯёни навъи 4 (8%) қарор доранд, ки сифатҳои ҳар яке аз ин гурӯҳҳо гуногунанд.

Аз ҷумла, донишҷӯёне ҳастанд, ки дорои мароми яксамта буда, нисбат ба фан муносибаташонро ҳамчун гурӯҳи навъи 1- ум зоҳир мекунанд, масалан, дар чунин шаклҳо:

а) муҳаббати баланд доштан ба намуди касби интихобкардаашон;

б) таваҷҷӯҳ доштан ба худтакомулдиҳии қобилиятҳои хеш;

в) талаботи доимӣ доштан ба истифодаи донишҳои дар ҷараёни фаъолияти варзишӣ азхуднамудаашон.

Донишҷӯёни навъи 2- юм онҳое мебошанд, ки бидуни мароми даркшуда ба донишкада дохил шудаанд, ки метавон онҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намуд:

а) донишҷӯёне, ки хоҳиши ба даст овардани маълумоти дилхоҳ ҳастанд;

б) донишҷӯёне, ки хоҳиши аз хизмати ҳарбӣ канораҷӯӣ кардан доранд;

в) донишҷӯёне, ки хоҳиши дар баробари гирифтани маълумот, дар варзиш хоҳиши худтакомулдиҳиро доранд.

Ба гурӯҳи донишҷӯёни навъи 3- юм онҳое шомиланд, ки ба омӯзгор шудан таваҷҷӯҳ зоҳир мекунанду шумораи бештари онҳое, ки ба ин гурӯҳ шомиланд, ҳанӯз аз оғози курсҳои 2 - 3 дар пайи ташаккули ихтисоси худ шуда, дар воқеъ, пас аз хатми донишкада дар фаъолияти варзишӣ ва омӯзгорӣ ба муваффақиятҳо комёб мешаванд.

Ниҳоят, ба гурӯҳи чорум донишҷӯёне дохил мешаванд, ки қобилиятҳои "ҳамроҳикунандаи" худро ҳангоми фаъолияти амалияи омӯзгорӣ (дар муассисаи таҳсилоти умумӣ), ё дар лагери тобистонаи солимгардонӣ (варзишӣ) ва ё дар омодагӣ ба чорабиниҳои варзишӣ ба таври возеҳ нишон медиҳанд.

Маълумотҳое, ки дар мавриди пурсиши донишҷӯёни факултетҳои Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент ва Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ба даст овардем, маълум намуд, ки донишҷӯёни факултети табиатшиносӣ ва тарбияи ҷисмонӣ дар интихоби тахассус якмаром набудаанд. Чунончи, қисми асосии донишҷӯён ин касбро бошуурона интихоб накардаанд, аз рӯи ихтисоси худ онҳо, асосан, ба ҳайси мураббии варзиш ё омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои деҳот кор карданро афзал мешуморанд. Ин амал барояшон имкон медиҳад, ки мӯҳлати хизмати ҳарбӣ ба таъхир гузошта шавад. Он донишҷӯёне, ки бо ягон сабаб худро аз хизмати ҳарбӣ канорагирӣ

намудаанд, кор ва ё вазифаҳоеро интихоб мекунанд, ки ба хусусияти таълими касбӣ иртибот надоранд.

Умуман, дар маҷмуъ, хусусияти хоси донишҷӯёни факултети табиатшиносӣ ва тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои олӣ дар он аст, ки майлу тамоюл ба варзиш ҳам дар байни донишҷӯёни нав ва ҳам хатмкунандагон аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Мавқеи ҳукмрони тамоюли варзишӣ дар байни донишҷӯён бештар тавассути иштироки мунтазами онҳо дар чорабиниҳои варзишӣ ва соҳиб гаштани онҳо ба тахассуси баланди варзишӣ марбут аст.

Таъкид бояд кард, ки омодагии варзишӣ, албатта, қисмати асосии раванди таълимӣ маҳсуб ёбад ҳам, ба андешаи мо, аз ҳад зиёд саргарм шудан ба боло бардоштани тахассуси варзишӣ метавонад, ба фаъолияти касбии ояндаи хатмкунанда дар ҷодаи омӯзгорӣ таъсири манфӣ дошта бошад.

30 августи соли 2017 зимни ифтитоҳи бинои нави Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба муносибати Рӯзи Дониш Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оиди бозии шоҳмот ба вазири маориф супориш доданд, ки ба мақсади дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷалби васеи донишҷӯёну омӯзгорон ба ин намуди варзиш ва инчунин, дохил кардани шоҳмот дар барномаи таълимии хонандагони таҳсилоти миёнаи умумӣ аз соли хониши 2018 чораҳои зарурӣ андешанд. Инчунин, чанде пеш Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ ҳангоми кушодашавии Қасри варзишӣ дар пойтахт изҳор намуданд, ки мо бояд бозии шоҳмотро дар байни мардум оммавӣ гардонем.

Аз ин рӯ, бо фармони Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.02.2017 таҳти №447 барномаи кории маҳфили “Шоҳмот” барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тасдиқ гардида, оғози соли хониши 2018 - 2019 шоҳмот ҳамчун фан дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ пешниҳод шуда буд. Ҳамчунин, собиқ президенти Академияи

таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ , академик Маҳмадулло Лутфуллоев дар мусоҳибаи худ дар рӯзномаи “Варзиш - Спорт” №63 (аз 10 августи соли 2006) дар рубрикаи  “Шоҳмот дар мактаб” дар мақолаи “Шоҳмот, гимнастикаи ақл” аҳамияти бозии шоҳмотро дар инкишофи фикрии хонандагон таъкид намудааст. Чунончи, Маҳмадулло Лутфуллоев зикр мекунад, ки дар ду муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии дар ноҳияи Рӯдакӣ (дар деҳаи Чоряккорон), дигаре дар деҳаи Басмандаи ноҳияи Ғончӣ (Деваштич) бо мақсади эксперимент (таҷрибавӣ) дар синфҳои 3 - 4 ду тарзи таълими бозии шоҳмотро ба роҳ мондаанд. Яъне, академик М. Лутфуллоев чунин меҳисобад, ки ҷорӣ намудани таълими шоҳмот дар барномаи мактабӣ имконият медиҳад, ки лаёқати эҷодии мафкураи хонандагон инкишоф ёбад.

Ҳамчунин, ба андешаи педагоги барҷастаи рус В.А. Сухомлинский шоҳмот метавонад, чунин сифатҳои инсониро аз қабили бодиққатӣ,  ҷиддӣ будан, фикрронии бонизом, сабурӣ ва ғайраро дар шахс ташаккул диҳад. “Бе шоҳмот тарбияи ҳамаҷонибаи фикрии хонандагон, мустаҳкам намудани хотираи онҳоро тасаввур кардан мумкин нест” навиштааст В.А. Сухомлинский – бозии шоҳмот бояд ба ҳаёти синфҳои ибтидоӣ ҳамчун унсури маданияти фикрӣ  дохил карда шавад. Сухан махсусан аз синфҳои ибтидоӣ меравад, ки дар он ҷо тарбияи зеҳнии хонандагон ҷои намоён дошта, шаклҳо ва методҳои махсуси кор талаб карда мешавад – меҳисобат Сухомлинский [194].

Агар таърихи шоҳмотро таҳлил намоем ба назар чунин мерасад, ки бисёр шоҳмотбозони намоён ба ин бозӣ дар синну соли хурд шинос шудаанд: Хосе Рауль Капабланка, Анатолий Карпов, Самуэль Решевский, Георгий Агзамов дар 4 – солагӣ; Вильгельм Стейниц, Макс Эйве, Нона Гаприндашливи, Майя Чибурданидзе, дар 5 – солагӣ; Гарри Каспаров дар 6 – солагӣ, хеле барвақт шуғл варзиданд ва ин намуди хеле қадимаи варзиш имконият дод, ки Борис Спасский, Анатолий Карпов, Гарри Каспаров чемпионҳои ҷаҳон ҳам дар байни наврасон ва ҳам дар байни калонсолон гардиданд.

Аз ин лиҳоз, аз соли хониши 2018 - 2019 ҷорӣ кардани таълими шоҳмот ба нақшаи таълим дар факултети табиатшиносӣ ва тарбияи ҷисмонии ДОТП вобаста ба ихтисоси тарбияи ҷисмонӣ ва дифои ҳарбӣ тасодуфӣ набуда, балки саривақтист; Чунки шоҳмотбозӣ барои инкишофи хотира, тахайюл, тамкинӣ ва матинироdagӣ мусоидат мекунад.

Бояд таъкид сохт, ки дар ДОТП таълими шоҳмот аз курси 1– ум ба роҳ монда шуда, маводи таълимии он аз ду қисми асосӣ: назариявӣ ва амалӣ иборат мебошад. Қисми аввали омӯзиш дар шакли лексия ва семинарҳо, ки асосан, аз се қисм: назарияи шоҳмот, методикаи гузаронидани дарсдиҳӣ ва хусусиятҳои педагогию – психологии таълими он (шоҳмот) иборат мебошад.

Қисми дуюми омӯзиши шоҳмот дар вақти гузаштани таҷрибаомӯзӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар раванди гузаронидани дарсҳо татбиқ мегардад. Ниҳоят, дар охири соли таҳсил донишҷӯ бояд дорои ҳамаи усулҳои асосии тактика ва стратегияи шоҳмот гардида, соҳиби дараҷаи III - II – маҳорати шоҳмотбозӣ гардад.

Барои омӯзонидани бозии шоҳмот ба донишҷӯён дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон тамоми шароитҳо муҳайё карда шудааст. Синфхонаи алоҳида бо тамоми базаи моддии ҳамаҷониба.

Мувофиқи рисолаи “Шахматы – школе”. Москва, “Педагогика”, 1990 саҳифаи 260. Барои тайёр кардани омӯзгорон оид ба бозии шоҳмот ҳамагӣ 130 соат ҷудо карда шудааст.

I Назария шоҳмот

1. Таърихи пайдоиши шоҳмот. Шоҳмот ҳамчун таркиби маданию воситаҳои инкишофи инсон ва тарафҳои унсурҳои илмӣ, бадеӣ ва рӯҳии он – 4 соат

2. Тахтаи шоҳмот. Маълумоти ибтидоӣ аз географияи он – 2 соат

3. Гашти мӯҳраҳо, қалъабандӣ. Хусусиятҳои пиёдаҳо. Қувваҳои муқоисавии мутаносиби арзиши мӯҳраҳои шоҳмот – 2 соат

4. Мақсади бозӣ: Шоҳ ва мот. Дуранг. Шоҳи абадӣ – 2 соат

5. Мот намудан бо мӯҳраҳои вазнин ва сабуки шоҳмот – 4 соат

6. Тактика ва комбинатсияи шоҳмот – 2 соат

7. Оддитарин усулҳои асосии тактикӣ. Намудҳои шоҳ. Гузаронидан. Бастан. Муҳосира кардан – 4 соат

8. Стратегияи шоҳмот. Усулҳои санҷишии вазъият – 2 соат

9. Мактаби бозии шоҳмот. Оғоз. Мобайн. Охири бозӣ – 4 соат

10. Қоидаҳи асосӣ дар оғози бозӣ – 4 соат

11. Таҳлили бозиҳои намунавӣ – 4 соат

II Методикаи гузаронидани дарс дар мактаб

1. Маълумоти ибтидоӣ оид ба тахтаи шоҳмот. Омӯзиши мӯҳраҳои шоҳмот. Алоқамандии шоҳмот бо дигар фанҳои мактаб – 4 соат

2. Омӯзиши мот кардан бо мӯҳраҳои вазнин ва сабук – 3 соат

3. Омӯзиши оддитарин усулҳои асосии тактикӣ – 3 соат

4. Фаҳмонидани мафҳумҳои асосии шоҳмобозӣ – 2 соат

5. Ташкилкарда гузаронидани машғулиятҳо дар маҳфили шоҳмоти мактаб – 2 соат

III Хусусиятҳои педагогию – психологии омӯзиши бозӣ бо мактаббачагон

1. Ба шакли муайян даровардани амалиётҳои фикронии дохилӣ дар омӯзиши шоҳмот – 3 соат

2. Малака ҳосил кардан дар тартиб додани нақшаи бозӣ бо воситаи шоҳмот. Комёбшавӣ бо мақсади бозӣ дар ҷараёни пайти шоҳмотбозӣ – 3 соат

3. Элементҳои асосии мубориза ҳангомӣ лаҳзаҳои гуногуни бозӣ бо ҳариф. Истифода бурдани вазъияти хуб – 2 соат

4. Шоҳмот ва барномаҳои компютерӣ – 4 соат

Мукаммалгардонии маҳорати варзишӣ:

Такмил ва инкишофи донишҳои назариявӣ, омӯзиши минбаъдаи мавқеъҳои маъмулии миттельшпиль ва дар ин асос кардани феҳристи

дебютӣ, мукаммалгардонии минбаъдаи донишҳо дар бораи таърихи шоҳмот, андӯхтани таҷрибаи иштирок дар мусобиқаҳои маъмулиятнок

1. Оғози бозӣ (дебют) 8 соат
2. Мобайни бозӣ (миттельшпиль) 10 соат
3. Хотима (эндшпилӣ ) 8 соат
4. Таҳлили бозиҳо ва тартиби мӯҳраҳои шоҳмот. (Комбинатсионное и позитсионная игра) Шиносои бо беҳтарин шоҳмотбозони ҷаҳон оиди бозиҳояшон дар мусобиқаҳои сатҳаш гуногун. Мукаммалгардонии дебютҳо, бозиҳои таълимӣ, ҳалли масъалаҳо, этюдҳо ва комбинатсияҳо. Гузаронидани озмунҳо. Мусобиқаҳои муайянкунӣ (классификатсионӣ). Иштирок дар мусобиқаҳо 52 соат. Ҳамагӣ 120 соат

Омодагии равонӣ – ташаккули шахсияти варзишгар ва муносибатҳои байниҳамдигарӣ, инкишофи зеҳнӣ варзишӣ, функсияҳои равонӣ ва сифатҳои психомоториро дар назар дорад. Мураббӣ – омӯзгор бояд ба шоҳмотбозон ҳамагуна восита ва усулҳои таъсири равониро барои ташаккули мувозинати равонӣ, мукаммал ва ҳаматарафа инкишоф ёфтани шахсияташ истифода барад.

Ҳангоми кор бо варзишгарон тамоюли муайян дар бартарияти ин ё он усул ва воситаҳои таъсиррасонии равонӣ: фаҳмондан, танқид, мақбулият, маҳкумкунӣ, боваркунонӣ, муқаррар карда мешавад. Ҳамин тавр, дар қисми воридотии машғулиятҳои тамринӣ усулҳои сухан ва омехтаи таъсиррасонӣ ба инкишофи хусусиятҳои гунонгуни шахсият равоншуда, истифода гардида, маълумот барои инкишофи зеҳн ва функсияи равонӣ, расонида мешавад. Дар қисми омодагӣ – усулҳои инкишофи таваҷҷӯҳ сифатҳои иродавӣ ва сенсомоторӣ, дар қисми асосӣ функсияҳои махсуси равонӣ ва сифатҳои психомоторӣ, устувории эҳсосӣ, маҳорати худназорат, дар қисми хотимавӣ малакаи худидоракунӣ ва барқароршавии асабӣ – равонӣ, такмил дода мешаванд. Такя дар тақсимоти восита ва усулҳои омодагии равонӣ дар дараҷаи ҳалкунанда аз хусусиятҳои равонии шоҳмотбозон, вазифа ва самтҳои машғулиятҳои тамринӣ вобаста аст. Баҳогузорӣ ба самаранокии

корҳои тарбиявӣ ва таъсири равонӣ дар раванди тамрин бо роҳи назорат, ченкунӣ, таҳлили маводҳои гуногуни шахсияти шоҳмотбозро тавсифдиҳанда, амалӣ гардонида мешавад. Маълумотҳои бадастомада бо нишондодҳои аввала муқоиса карда шуда, барои ворид намудани тағйирот дар раванди тамрин ва ба нақшагирии омодагии равонии шоҳмотбозон истифода мегарданд.

Чемпиони ҷаҳон Эммануил Ласкер барои омӯзиши бозӣ ба нафароне, ки ин бозиро наметавонанд, чунин усулро пешниҳод кардааст:

Қоидаи бозӣ бо машқҳо - 5 соат

Элементҳои хотимавӣ - 5 соат

Якчанд дебютҳо - 10 соат

Комбинатсияҳо - 20 соат

Тартиби мӯҳраҳо - (позитсия) 40 соат

Бозиҳои амалӣ ва таҳлили он - 120 соат

Ҳамагӣ 200 соат барои омӯзиш сарф карда мешавад. Муаллиф бовари дорад, ки нафаре ноӯҳдабарое бошад ҳам, пас аз гузаштани ҳаҷми ин соатҳо бозиро аз худ мекунад. Шоҳмотбозиро тавонистан аз маданияти омӯзгор дарак медиҳад.

Тайёрии варзишӣ қисми асосии раванди таълим мебошад, аммо ҳаваси аз ҳад зиёд доштан барои такмили маҳорати варзишӣ, ба назари мо, метавонад, ба фаъолияти касбии ояндаи хатмкунанда дар соҳаи фаъолияти омӯзгорӣ зарар расонад.

## 1.2 Шароитҳои ташкилию педагогии ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ”

Соҳаи моариф ва хосатан зинаи таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун як соҳаи калидӣ ва сарнавиштсози ҷомеа ба шумор меравад. Дар замони муосир тайёр кардани кадрҳои педагогӣ ва илмӣ зарурияти худро пайдо кардааст. Кадрҳои педагогӣ барои тамоми ихтисосҳо аз ҷумла ба омӯзиши фанни

тарбияи ҷисмонӣ бояд ҳамаҷабҳа ба ҷаҳони муосир ҷавобгӯ омода карда шавад. Ин ба масъулияти баланд ва соҳибкасбиву ментлитети баланди устодони муассисаҳои олӣ сахт марбут аст. Зеро кадри оянда тамоми нозукиҳои касби хешро аз устодони сахтгиру серталаб, соҳибихтисосу донишманд, дилсӯзу ғамхор нисбати тақдири шогирдон меомӯзад. Дар ин самт ҳама рӯз истилоҳоту навгониҳо ворид шуда истодаасту технологияи таълиму такмил меёбад. Устодони муассисаҳои олиро лозим меояд аввалан худ ҳамқадами замон бошанд, аз дастоварду навигариҳо бохабар гарданд, устоди варзидаи касби хеш бошанд, то ки омӯзгорониояндаро ба талаботи ҷаҳони мосир ҷавобгӯ омода намуда тавонанд.

Масъалаи муҳим дар ин самт сифати таҳсилот, ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба омӯзиши касбӣ мебошад.

Мувофиқи стандарти давлатӣ тайёр намудани мутахассисони соҳиби маълумоти олӣ сатҳи мувофиқ ва муайян омодагиро талаб мекунад.

Устодони муассисаҳои олии педагогиро зарур аст, ки аввалан ба омӯзгорони оянда ҳадафу вазифаҳояшонро дуруст фаҳмонанд, ба дарки онҳо расонанд, ки таҳсил дар муассисаи оливу тайёр шудан ҳамчун омӯзгори оянда басо кори душвору пурмасъулият аст.

Дар сатҳи хуб донистани фанну ихтисоси худ аз тарафи муаллими оянда ҳамчун мутахассис як талаботи оддитарин, талаботи дуввумин ва муҳиме нисбати шахсияти омӯзгор мебошад. Ин талабот бояд аз тарафи устодони муассисаи олӣ ба омӯзгорони оянда бедор карда шавад. Донишҷӯ – муаллими оянда бо як масъулияти том бояд ҷиддӣ ба омӯзиши дониш, маҳорату малака кӯшиш ба харҷ диҳад. Ин аз сахтгириву серталабии устодон вобаста аст. Дарсҳои пур мӯҳтавову замонавӣ, муносибатҳои ҷиддӣ дар кадртайёркунӣ аз тарафи устодон басо зарур аст.




Бояд қайд кард, ки барои омӯзгори оянда на танҳо тайёрии махсуси касбӣ зарур аст, балки тайёрии ҳаматарафа, ақлу хирад ва сифатҳои солим, ҷаҳонбинии васеъ ва ахлоқи ҳамида низ муҳим аст.

Ҳар як омӯзгориояндаро тавре бояд тарбия кард, ки дар қалб меҳру муҳаббат нисбати касбиояндааш, нисбати фанну ихтисосаш ва нисбат ба шогирдон бедор гардад. Шароитҳои ташкилию педагогӣ, аз ҷумла дарсҳои баландғояи омӯзгорон, машварату панди устодон, амалиётҳои омӯзгорӣ тавре амалӣ гардонида шавад, ки донишҷӯ – омӯзгори оянда зина ба зина ба фаъолияти омӯзгорӣ омода гардад.

Омӯзгори оянда бояд дорои чунин хислатҳову фазилатҳое бошад, ки фардо дар раванди фаъолияти педагогӣ ба ӯ ёрӣ расонад:

- хушрафторӣ, ахлоқи ҳамида
- худдорӣ, сабурӣ
- устуворӣ дар раванди расидан ба ҳадафу мақсад

- таҳаммул, дурандешӣ
- меҳру муҳаббат ба шогирдон
- ташкилотчигӣ
- мушоҳидакорӣ
- мустақилият
- ташаббусукорӣ ва ғайраҳо

Дар педагогика ва равоншиносӣ омадааст, ки ақл ба ақл таъсир расонида қувват мегирад, хислат бо таъсири хислати хуб шакл мегирад, шахсият ба воситаи шахсият ташаккул меёбад.

Ба ин маънӣ устодони муассисаи олӣ бояд ба омӯзгорони оянда ҳамин таъсиротро расонида тавонанд. Дар масъалаи тайёр кардани кадрҳои педагогӣ ба сифати таҳсилот диққати зарурӣ додан шарт аст. Доир ба тарбия ва омодасозии муҳими тарбияи ҷисмонӣ низ талабот бештару бештар аст. Шояд ба назар тарбияи ҷисмонӣ фанни осону шавқовар намояд, вале бояд зикр кард, ки омӯзиши ин фан низ нозукиҳо ва мушкилотҳои худро дорад. Ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои олӣ низ салоҳиятҳо ва сифатҳои зарурии омӯзгорро дар бар мегирад. Омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ низ омӯзгор асту масъулияти зиёде бар дӯши худ дорад, таълиму омӯзиши ин фан ҳам омодагиҳои махсус дорад ва сифатҳои касбӣ талаб мекунад:

1. Сифатҳои ахлоқӣ: маънавӣ: поквиҷдонӣ, бонизомӣ, дилсӯзӣ, хоксорӣ, хушмуомилавӣ, масъулиятшиносӣ, покиза ахлоқӣ.
2. Сифатҳои ҷисмонӣ: солимӣ, бардамӣ, нерӯмандӣ, қавииродагӣ, устуворӣ, зиракӣ, ҳушёрӣ, пуртоқатӣ, матонат, серҳаракатӣ, обутоби ҷисмонӣ, чолокӣ.
3. Сифатҳои иҷтимоӣ: ҷаҳонбинии башардӯстона, эҳтироми дигарон дарки шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ, муоширату муносибати дурусти иҷтимоӣ байни шахсият.
4. Сифатҳои кор: меҳнатдӯстӣ, масъулияти баланд ба кору вазифа.
5. Сифатҳои маърифатӣ: омӯзиш

Ҳамаи ин бояд барои тарбия ва худтарбиякунии омӯзгори оянда мусоидат намояд.

Барои ин лозим аст, ки ба шахсияти омӯзгори ояндаи тарбияи ҷисмонӣ рушд бахшида шавад, устодон бо ибрати шахсиву машғулиятҳои варзиши доимӣ дар қалби онҳо меҳри омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ будан, тавоноиву пурқувватии ҷисм ва талош ба рушди такомули ҷисмониро парваранд:

- саъю кӯшиш барои омодагии ҷисмонӣ;
- боварӣ ба қуввату муваффақияти худ;
- масъулияти баланд;
- ӯҳдадорӣ;
- мустақилият;
- далер, мардонагӣ;
- ватандӯстӣ;
- ҷуръату ҷасорат;
- нерӯмандӣ;
- устуворӣ дар муқобили ҳолатҳои душвор;
- малакаву маҳоратҳои варзишӣ;
- қавиродагӣ, боварии комил ба нерӯи худ;
- назорат кардани кору амали худ;
- мустақилият ба касбият;
- худинкишофдиҳии ҷисмонӣ;
- худидоракунӣ;
- фаъолӣ дар корҳои ҷамъиятӣ;

Дар умум шахсияти ҳамаҷониба руштёфта – шарти муҳими омодагии касбии муаллими ояндаи таълими тарбияи ҷисмонист.

Самаранокӣ ва ташаккули сифатҳои омодагии ояндаи муаллим ба таълими тарбияи ҷисмонӣ танҳо ба воситаи амалу фаъолиятҳои мувофиқ ба барномаҳо, муносибати дурусти устоду донишҷӯ, ҳолатҳои равониву психологӣ таъмин мегардад. Ин дар назар дорад:

- муносибати хубу ҳамдигарфаҳмӣ

- ҳамкори байни устодону омӯзгорони оянда

- фазои солиму мусоиди психологӣ

- дарки якдигар

Устодони муассисаи олиро зарур аст менталитети касбӣ, самтҳои мухталифи фаъолияти маърифатии омӯзгорониояндаро рушд бахшанд. Яъне лозим аст менталитети омӯзгор ва самтҳои он: донишҳои касбӣ, маҳорати омӯзгорӣ, сифатҳои инсонӣ ҳам омӯзонида шавад, ҳам тарбия намуда шавад ва ҳам инкишоф дода шавад.

Менталитети омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ:

1. Донишҳои касбӣ: назария, амалия, роҳу усулҳои таълими фанну ихтисоси худро омӯзад, педагогика ва психологияро чуқур донад ва риоя намояд.

2. Маҳорати касбӣ: муҳаббат ба касби худ, муносибат ба шогирдон, омӯзонида тавонистани машқу ҳаракатҳо, дарсҳои пурмуҳтавову аҷоиби варзиш, пурқуввати ва чолокӣ зоҳир кардан.

3. Сифатҳои инсонӣ: инсони комил будан, хушбиниву хушмуомилагӣ, хоксорӣ, дилсӯзӣ, покиву ростӣ, адлу инсоф ва ғайра.

Аз муассисаи олӣ донишҷӯ шахсияти комил, мутахассиси мутобиқ ба замон, омӯзгори соҳибихтисосу кордон сабзида ба воя расад ва пас ба сӯи муассисаҳои миёна биравад.

Тағйир додани муносибат ба арзишҳои ҷомеаи муосир ва ворид намудани тағйироти мувофиқ дар муносибат ба таҳсилот, алалхусус, дар раванди таҳсилоти олӣ, дар маҷмуъ, ин ҳама тақозои бозори меҳнат дар замони муосир мебошад. Аз ҷумла, Консепсияи ислоҳоти таҳсилоти педагогӣ, сараввал, омодасозии низоми сифатан нави тайёр кардани кадрҳои педагогиеро дар назар дорад, ки дар оянда барои кор кардан дар муассисаи таълимии рӯ ба тараққӣ ва рушдёбандаи замони муосир омода бошанд. Инчунин, мувофиқи чунин талабот, баъзе фанҳо аз стандарти давлатӣ бардошта шуда, баъзеи дигар бо дархости вақт ва муассисаи таълимӣ таҳия ва роҳандозӣ карда мешаванд. Аз ин рӯ, мо роҳандозӣ

шудани фанни назария ва методикаи таълими фанни “Тарбия ҷисмонӣ” - ро дар даври фанҳои умумипедагогӣ амри воқеият мешуморем.

Гуфтан ҷоиз аст, ки ҳар як низоми педагогӣ танҳо дар сурати риоя шудани шароити мувофиқи педагогӣ бомуваффақият амал карда метавонад [20; 84; 155; 188:3-7 ва ғ.]. Аз ин лиҳоз, чунин шароитҳоеро таҳия кардан лозим аст, ки ба ташаккули омодагии омӯзгорони оянда дар таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” ва дар вазъи кунунии ҳаёти иҷтимоӣ мусоидат кунанд. Ин масъала дар асарҳои як қатор муҳақиқон ва муаллифони рисолаҳои илмӣ мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифтааст [15:108, 179 ва ғ.]. Аз ин хотир, дар раванди таҳлили маводи назариявии омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” ва татбиқи минбаъдаи марҳилаҳои ташаккули он мо кӯшиш намудем, то бобати шароити зарурии ташкилию педагогиро дар ин самт равшан намоем.

Пеш аз ҳама, бояд таъкид намуд, ки муваффақияти муайян кардани шароитҳои ташкилию педагогӣ аз возеҳии ҳадафи ниҳоӣ ё натиҷаҳое, ки бояд ба даст биёянд, вобаста аст, яъне ин нукта ба ҳамин маъно, ки такмили таълим, чун қоида, тавассути татбиқи шароит ба даст оварда мешавад. [16:33-38;74-88].

Зимнан, бояд афзуд, ки дар адабиёти марбута калимаи “шароит” ҳамчун муҳите (муҳит, вазъият) шарҳ дода мешавад, ки дар он чизе рух медиҳад [146], ё ҳамчун маҷмуи равандҳо, муносибатҳо барои пайдоиш, мавҷудият ё тағйирёбии объекти додашуда зарурӣ [142] шарҳ ёфтааст. Дақиқтараш ин аст, ки ҳар як падида, ашё танҳо дар робита бо дигар равандҳо, падидаҳо ба шароит табдил меёбад, ҳангоме ки пайдоиши бомуваффақият, рушд ва такмилёбии онҳо маҳз аз он вобаста аст.

Ҳамчунин, дар педагогикаи муосир мафҳуми “шароит” ҳамчун қисмҳои таркибии муҳите баррасӣ мегардад, ки донишҷӯ дар он рушд меёбад.Системаи ҳама гуна шароитҳои фаъолияти ҳаётӣ бошад, муҳити зисти инсонро ташкил медиҳад. Чунончи, олими соҳаи педагогика Л.Г.Устинова шароитҳои педагогиро ҳамчун омилҳои мақсадноке ба қалам

додааст, ки бобати фароҳам овардани роҳҳои ташаккули самарабахши фаъолият раванди заруриро таъмин мекунанд [197].

Азбаски таҳқиқоти мо ба ташаккули омодагии педагогӣ - муаллими ояндаи фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” бахшида шудааст, дар ин бобат азм дорем, ки тамоми масъалаҳо ва ё шароити дар боло зикргардидаро дар ин ҷанба баррасӣ намоем. Вале зарурат ба таъкид аст, гӯем ки дар таҳқиқоти мо на ҳама шароитҳои маҷмуии таълим, балки танҳо ба баррасии шароитҳое, ки ба ташаккули бомуваффақияти омодагии донишҷӯён - муаллимони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ  мусоидаткунанда мавриди пажӯҳиш қарор дода мешаванд.

Дар навбати аввал, бояд таъкид сохт, ки аз нуқтаи назари фаъолияти касбӣ шароитҳои ташкилию педагогиро танҳо ба ҳолатҳо, ба вазъият, ба маҷмӯи ашёҳо монанд кардан ва ё мансуб донистан нодуруст аст. Зеро ташаккули омодагии донишҷӯён ба фаъолияти касбӣ  равандест, ки зимни роҳандозӣ шудани он ягонагии объективию субъективӣ, ботинӣ  ва зоҳирӣ, моҳият ва бозёфтҳо дар мадди назар аст. Аз ин лиҳоз, фикри солим ё худ андешаи маъмул дар бораи он, ки сатҳи баланди дониш шарти зарурии ташаккули мутахассиси хуб аст, дар шароити муосир чандон созгор нест, зеро ба коркарди пурраи иттилоотӣ фарогир шудани инсон ғайриимкон аст.

Ин нуктаро низ бояд зикр намуд, ки бе мавқеи фаъолро доро будан, омӯзгори оянда дар замони муосир ба дараҷаи баланди касбият ноил шуда наметавонад. Чунки “Фаъолият бе фаъолӣ ва фаъолӣ бе фаъолият вуҷуд дошта наметавонад” – таъкид намудааст А.В. Петровский [153].

Ба ақидаи муҳақиқ М.И. Лисина, фаъолии маърифатӣ мавқеи сохториеро ташкил медиҳад, ки ба сатҳи талабот наздик аст. Ин ҳолати омодагӣ, ки ба фаъолияти маърифатӣ вобаста аст, ҳолатест, ки қабл аз фаъолият ба вуҷуд омада, онро тавлид мекунад [19:18-35].

Инкишофи фаъолии маърифатӣ дар раванди таҳсил барои омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ барои он зарур ва хеле муҳим аст, ки ба онҳо бобати хоҳиши ворид шудан ба моҳияти падидаҳои омӯхташаванда,

истифодаи усулҳои нав, бартараф кардани мушкилот ва қобилияти ворид намудани унсурҳои навигарӣ ба усулҳои иҷрои вазифаҳои таълимӣ кӯмак хоҳанд расонд. Дар баробари ин, дар сохтори фаъолияти маърифатии донишҷӯ фаъолии маърифатӣ дар сифатҳои иродавӣ, матонат ва истодагарии ӯ дар самти расидан ба ҳадаф, доираи васеи рағбатҳои маърифатии васеъ ва доимии ӯ зоҳир мешавад.

Раванди ташаккули фаъолияти маърифатии донишҷӯ дар ифодагари хусусияти равшанзоҳиршудаи иҷтимоӣ  маҳсуб меёбад, аммо дар айни замон, он хусусияти фардии ҳар кадоме аз онҳо: шарти асосии саъю талоши онҳо буда, он дар омодагии мақсаднок дар роҳи расидан ба ҳадафҳои асосӣ ва мобайнӣ (марҳилавӣ) инъикос меёбад. Ниҳоят, дар раванди таълим ташаккули муназзам ва пайдарпайи сифатҳои шахсии донишҷӯ ба назар мерасад, ки ин нукта дар навбати худ ба суръат, амиқии азхудкунии дониш, малака ва маҳоратҳои онон таъсири ҳалкунанда мерасонанд.

Бо ин маънӣ, ки дар ин ҳама мавридҳо нақши ҳалкунандаро саъю талоши донишҷӯ дар самти худтакомулдиҳӣ мебозад. Чунки ҳеҷ як донишҷӯи болаёқат бе меҳнати суботкорона наметавонад ба дараҷаи баланди маҳорати касбӣ ноил гардад. Бояд таъкид сохт, ки дар фаъолияти касбии омӯзгори фанни тарбияи ҷисмонӣ услуби ягонаи фаъолият вуҷуд надорад: ӯро мебояд вобаста ба вазъият амал намояд, фаъолияти худро арзёбӣ кунад, худро ба шароитҳо ва вазъиятҳои нав мутобиқ созад.

Албатта, барои ҳалли бомуваффақияти масъалаҳои таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” созандаи фаъоли шахсияти худ шудани омӯзгори фанни мазкур зарурат дорад. Аз ин рӯ, дар раванди фаъолияти таълимӣ, илмӣ, варзишӣ барои таҳкими фаъолияти худшиносии донишҷӯ шароити мусоидро фароҳам овардан зарур аст. Ин нукта (шароити мусоид) падидаи аз ҷиҳати сохторӣ мураккаби психикаи инсон буда, фарогири ду нукта (дониш дар бораи худ ва муносибат нисбат ба худ) мебошад.

Ба ҷуз ин, худтаҳлилнамоӣ (рефлексия) низ ҳамчун як ҷузъи худшиносӣ барои омӯзгориояндаи тарбияи ҷисмонӣ бобати рушди

фаъолияти касбии ӯ ҷиҳати ошкор сохтани тарафҳои заифи худ ва ошкор сохтани имконоти мавҷудаи рушди минбаъдаи худ ва афзоиши касби худ зарур аст.

Бояд ёдовар шуд, ки оид ба омӯзиши моҳият, вазифаҳо ва намудҳои худтаҳлилнамоӣ (рефлексия) тадқиқотҳои як зумра олимон аз қабили Л.С. Виготский, В.В. Давидов, М.В. Кларин, Т.Ю. Колошина, В.А. Метаева, Г.Ф. Похмелкина, И.Н. Семенова, С.Ю. Степанов бахшида шудаанд. Дар луғати психологӣ низ рефлексия (аз лотинӣ reflexio - ақиб гаштан) ҳамчун раванди аз ҷониби субъект маърифатӣ гаштани амалҳо ва ҳолатҳои психикии худ тавсиф ёфтааст [100].

Рефлексия на танҳо дониш ё фаҳмиши субъект дар бораи худ, балки, инчунин, барои худ дақиқ кардани ақидаи дигарон аст, ки чӣ гуна "рефлексиякунанда", хислатҳои шахсии ӯ, реаксияҳои эмотсионалӣ ва тасаввуроти маърифатии ӯро дарк мекунанд. Яъне, вақте ки мундариҷаи ин тасаввуротҳоро фаъолияти муштарак ташкил медиҳад, дар шахс шакли махсуси инъикос - муносибатҳои субъектӣ - рефлексӣ инкишоф меёбанд.

Инчунин, лозим аст, ки дар бораи мавқеи рефлексивии донишҷӯён сухан ронда, мо ба ҳайси зуҳуроти он худтаҳлилнамоӣ, худмушоҳида, худназорат, муқоисаи худ бо дигарон **танқидро**, ки шарти муҳим барои омодагии муаллими оянда бобати таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" мебошанд, дар madди назар дошта бошем. Яъне, бояд инкишофи рефлексия ба омӯзгори ояндаи тарбияи ҷисмонӣ имкон диҳад, ки аз як тараф, ӯ ҳолати ботинии кӯдакро фаҳмад, ӯро эҳсос кунад, худро дар мавқеи ӯ гузошта тавонад, рафтори ӯро пешгӯӣ намуда, тағйиротро дар рафтори хонандагон мушоҳида кунад ва ба он таъсир расонад ва аз тарафи дигар, фаъолияти худ, раванди омӯзгориро аз нигоҳи танқидӣ арзёбӣ кунад, дар бобати худташхиснамоӣ таҷриба дошта бошад.

Инчунин, шароити дигари навбатӣ, ки ба ташаккул ёфтани омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" мусоидат мекунад, ба донишҷӯён барои интихоби озоди гуна (вариант) -ҳои ҳалли масъалаҳои

кори илмӣ - методӣ, алалхусус, шаклҳои гуногуни машғулиятҳои таълим, таъсиси кори мустақилона, инфиродӣ ва синфӣ, мӯҳлатҳо ва имкониятҳое бояд дод, ки ба натиҷаҳои фаъолияти онҳо мусоидат карда тавонанд.

Чунки мустақилияти донишҷӯ, ҳамчун шахс, дар имконияти озодии интихоб, зоҳир намудани мустақилият дар тафаккур ва амалҳои ӯ ифода меёбад, ки ин ҳама бидуни қобилияти мустақилона фикр кардан ва амал кардан ғайриимкон аст. Ин амал – шароити имконияти басанда донишҷӯро водор месозад, ки системаи дониш ва малакаҳоро самараноктар азхуд кунад, онҳоро дар фаъолияти касбии оянда ва худомӯзӣ эҷодкорона истифода барад; мушкилоти касбии худро мустақилона ҳал намояд; дидан ва мустақилона таҳия кардани мушкилот, интихоб кардани роҳҳо ва воситаҳои ҳалли онҳоро тавонад; мустақилона фаъолияти касбии худро ба роҳ монда, танзим кунад; навъҳои гуногуни барномаҳои таълимӣ, дастурҳо ва адабиётро омӯхта, муқоиса намуда, аз ҳама самарабахштари онҳоро дар фаъолияти касбии худ истифода намояд; барои рушди минбаъдаи касбию эҷодӣ ва иҷтимоигардии шахсияти худ амали худтаҳлилнамоиро татбиқ карда тавонад.

Гуфтан ҷоиз аст, ки озодии комил доштан дар интихоби иҷрои фаъолияти таълимию тарбиявӣ барои ҳар як донишҷӯ, чи дар раванди таълим ва чи дар ташаккули рағбатҳои маърифатӣ, қобилиятҳои эҷодӣ, ташаккули муносибат ба дигарон, ҳамчун арзиши бечунучаро, арзёбӣ намудани қобилиятҳои инфиродӣ ва имкониятҳо, нишон додани ташаббус, мустақилият, татбиқ намудани имкониятҳои шахсии ӯ мусоидат хоҳад кард.

Аммо озодии интихоб маънои интихоб байни “иҷро кардан” ё “иҷро накардан” - ро надорад, балки маънои интихоби шаклҳои гуногуни таълим ва назорат, методҳо ва усулҳои омӯзишро, ки фазои муътадили таълимиро ба вуҷуд меоранд, дар назар дорад; озодии интихоб – ин имконияти интихоби иҷрои корҳои арзишманди таълимии барои донишҷӯ пешниҳодшавандае ба шумор меравад, ки барои ноил гаштан ба

дастовардҳои таълимӣ, омодагии касбӣ, рушди фаъолӣ, мустақилият, ташаббус ва эҷодкории ӯ мусоидат мекунад [194].

Ҳамчунин, бояд дар назар дошт, ки ҷанбаи муҳимтарини раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ санҷиши мунтазами сатҳи дастовардҳои таълимии донишҷӯён маҳсуб меёбад. Лозим аст, ки дар ин бобат фаъолияти донишҷӯён воқеъбинона, аз лиҳози педагогӣ ва методӣ асоснок будани он, рушди маромнокии маърифатӣ, ҷаҳонбинии илмӣ ва малакаҳои касбии онҳо арзёбӣ карда шавад. Чунки раванди таълиму таҳсили донишҷӯёнро бидуни маълумоти мунтазам ва воқеъбинона дар бораи он, ки маводро чӣ тавр меомӯзанд, дониши бадастовардаашонро барои ҳалли масъалаҳои амалӣ чӣ гуна истифода мебаранд, наметавон арзёбӣ намуд. Аз ин лиҳоз, ба андешаи мо, яке аз шартҳои санҷиши раванди ташаккули самарабахши омодагии муаллими оянда барои таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” истифодаи системаи рейтингии арзёбии натиҷаи таълим мебошад. Чунки системаи назорати рейтингӣ воридгардии донишҷӯро ба амалҳои фаъоли маърифатӣ, назорати мунтазам ва объективии дониш, истифодаи васеъи худидоракунӣ ва худбаҳодиҳии донишҳои онҳоро ниҳоят, идоракунии дақиқи тамоми марҳилаҳои фаъолияти таълимиро аз ҷониби омӯзгор пешбинӣ мекунад. Он (системаи рейтингӣ), инчунин, имкон медиҳад, ки ҳам ҷараёни таълимро, дар маҷмуъ ва ҳам дастовардҳои ҳар як донишҷӯро ба таври инфиродӣ назорат кунем.

Бояд таъкид сохт, ки нуктаи назари муҳаққиқон доир ба “рейтинг”, якгуна нест. Масалан, Н.В.Попова пешниҳод мекунад, ки ин мафҳум ба тариқи хеле якҷониба ҳамчун ҷамъи холҳое, ки донишҷӯ дар муддати муайян ба даст овардааст, аз рӯи формулаҳои муайяне, ки дар ин давра тағйир наёфтаанд, баррасӣ карда шавад [162].

Муҳақиқи рус Лаптева Г.С. дар таҳқиқотҳои худ ҷанбаҳои зерини сифатии рейтингро баррасӣ мекунад: аввалан, рейтинг методи таҳқиқоти психологӣ - педагогӣ ва сотсиологӣ маҳсуб меёбад; дуввум, он (рейтинг) системаи тарроҳии модулии таълими самарабахш дар донишгоҳ ва

донишкада мебошад; сеюм, нишондиҳандаи инфиродии арзёбӣ, воситаи танзими фаъолияти босамари донишҷӯ ба шумор меравад [114].

Ҳамин тариқ, рейтинг (англисӣ raiting - баҳогузорӣ, иқтидори техникӣ, коэффисиенти инфиродӣ) аз рӯи натиҷаи ҳамаи намуди машғулиятҳо: ҳалли супоришу масъалаҳои санҷишӣ, иҷрои корҳои инфиродии эҷодӣ, супоридани имтиҳонҳо ё тестҳои тафриқавӣ муайян карда мешавад.

Рейтинг, ҳамчун усули ба тартиб даровардани донишу малакаи донишҷӯён, мувофиқи холҳои бадастомадаашон, нисбат ба низоми арзёбии анъанавии панҷбаллагӣ як қатор бартариҳои назаррас дорад. Онро ҳамчун воситаи арзёбии дастовардҳои таълимии донишҷӯён баррасӣ намудан мумкин аст. Аммо натиҷаи мушоҳидаҳои мо нишон доданд, ки он, пеш аз ҳама, низоми батартибдарорандаи раванди таълим буда, ба маҳсулнокии он таъсир мерасонад. Рейтинг, ба ифодаи дигар, натиҷагириест, ки бо мақсади муайян намудани дараҷаи азхудкунии барномаҳои фанҳои таълимӣ аз ҷониби донишҷӯён дар давоми ҳар як даври академӣ ду маротиба гузаронида мешавад. Аммо, ворид намудани чунин низоми пайгирии дастовардҳои донишҷӯён худ ба худ сифати таълимро беҳтар намегардонад, вале заминаҳои ҷиддиро барои баланд бардоштани маҳсулнокии он фароҳам меорад.

Ниҳоят, ҷоиз аст таъкид намоем, ки рейтинг ҳамчун нишондиҳандаи тағйирёбии давомоти донишҷӯён ташаккули арзёбии маҷмӯи (интегралӣ) - ро дар онҳо таъмин менамояд, ки ин фарогири нуктаҳои зерин хоҳад буд:

• шиддат ва самаранокии кори таълимгирандагонро дар давраи санҷишӣ (семестр, соли таҳсил, тамоми вақти таҳсил дар донишкада ва донишгоҳ) муайян мекунад;

• майлҳо ва қобилиятҳои донишҷӯёнро дар азхудкунии маводи таълим намоиш медиҳад;

• ҷойгоҳи ҳар як донишҷӯро дар байни ҷамъи шунавандагон аз рӯи натиҷаҳои пешрафт дар давраи вақти санҷишӣ (ҳафта, моҳ, семестр, соли хониш) дақиқ мекунад.

Дар маҷмуъ, гуфтаҳои болоро ҷамъбаст намуда, қайд кардан мумкин аст, ки назорати рейтингӣ вазифаи ба назар гирифтани сатҳи азхудкунии маводи таълимиро дар системаи омӯзгор ва шогирд иҷро мекунад, ё худ ба ӯҳда дорад.

Ҳамчунин, дар натиҷаи омӯзиши масъалаи омодагии касбии омӯзгорони фанни тарбияи ҷисмонӣ мавҷудияти мухолифат байни дониш ва амалиёти (оператсионалӣ) хатмкунандагон низ ба назар мерасидааст. Масалан, таҳлили сифати омодагии омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар донишгоҳи классикӣ, ки муҳақиқи рус Р.В. Конкова муайян намудааст, ки хатмкунандагон на ҳамеша метавонанд дониши назариявиро ба фаъолияти амалии худ интиқол диҳанд ва ё дар он (амалиёт) истифода баранд [96]. Аз ин рӯ, мо ба чунин хулоса омадем, ки шарти муҳими такмили фаъолияти амалии касбии донишҷӯён татбиқи раҳёфти шахсӣ - фаъолиятии онҳо дар ташкили дарсҳо мебошад. Чунки аз нигоҳи назариявӣ раҳёфти шахсӣ - фаъолиятӣ яке аз заминаҳои методологӣ ва ё системаи ташаккули омодагии донишҷӯён ба таълими тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошаду роҳандозии нуктаи мазкур дар он ифода меёбад, ки шахсият, ҳамчун субъекти худогоҳ, дар раванди фаъолияти созандаи худи донишҷӯён рушд хоҳад ёфт.

Инчунин, бояд донист, ки моҳияти амиқи муносибати шахсӣ - фаъолиятӣ дар раванди ташаккули омодагии донишҷӯён ба фаъолияти касбӣ дар ин аст, ки он на танҳо ба азхудкунии дониш, балки ба усулҳои азхудкунӣ, ба намунаҳо ва усулҳои тафаккур ва фаъолият, ба рушди нерӯҳои маърифатӣ ва эҷодии инсонии онон равона гардидааст [83]. Аммо дар асарҳои охирини Л.И. Лубишева, В.К. Балсевич, М Я. Виленский, барҳақ таъкид мегардад, ки ин раҳёфт ба шаклҳои маъмулии интиқоли қолабӣӣ иттилооти тайёр, ғайри фаъол будани таълим, бефоида будани худи донишҳо, малакаҳо ва маҳоратҳое, ки дар фаъолият татбиқ намешаванд, мухолифат ҳам мекунад [24:2-8].

Муҳаққиқ ва педагог И.А. Лахтина раҳёфти шахсӣ - фаъолиятиро ба раванди таълим – ҳамчун раванди мақсадноки педагогии ташкил ва ҳавасмандгардонии фаъолияти эҷодии донишҷӯён дар бобати азхудкунии дониш, маҳорат ва малакаҳо, ташаккули қобилиятҳои эҷодӣ, ҷаҳонбинӣ ва эътиқодоти ахлоқӣ ва эстетикӣ, равияи касбии шахс бо истифодаи усулҳои гуногун, ки ба рушди соҳаҳои зеҳнӣ ва эҳсосоти шахс мусоидат мекунанд, баррасӣ менамояд [115].

Ҳамзамон, бояд донист, ки низоми шахсӣ - фаъолиятӣ, ки дар раванди фанни омӯхташаванда татбиқ мешавад, дорои хусусияти дуҷониба мебошад: он, аз як тараф, воситаи ҳавасмандгардонии фаъолияти маърифатии донишҷӯён аст, ки дар ҳама шаклҳои фаъолияти таълимӣ ва дар вақти машғулиятҳои беруназсинфӣ, ҳангоми мустақилона омӯхтани маводи муайянкардашуда, мундариҷаи барномаи таълимӣ, ё иштирок дар чорабиниҳои варзишии онҳо амалан истифода мешаванд; ва аз тарафи дигар, он (низоми фаъолияти шахсӣ) маҷмӯи вазифаҳои таълимие мебошад, ки дар ин замина донишҷӯ дар таълифи ахбори илмӣ, навиштани реферат, таҳияи варақаи тестӣ, ба таври амалӣ азхуд кардан ва ба донишҷӯёни дигар омӯзонидани маҳорат ва иҷрои техникаи амалҳои гуногун қобилият пайдо мекунад.

Ҳамин тариқ, дар параграфи додашуда далел, номгӯ ва шаклҳои шароитҳое аз қабили эҳёи худшиносӣ ва худтакмилдиҳӣ, эҳёи фаъолияти маърифатии донишҷӯён, озодии имконияти интихоби шаклҳои иҷрои корҳои илмӣ – амалӣ, санҷиши мунтазами дастовардҳои таълимии дар асоси рейтингҳо ва шароити раҳёфти шахсиятӣ – фаъолиятӣ дар ташкили машғулиятҳо тавсиф шудаанд, ки тибқи он ҳама самаранокии ташаккули омодагии муаллимони оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” аз диди педагогӣ давра ба давра таъмин гардида, ҳамзамон, самаранокии маҳорат ва хислатҳои шахсиятро дар онҳо афзун хоҳанд кард.

### 1.3 Амсила (модел) - и ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ ”

Дар раванди таҳқиқоти илмӣ мо зарурати асосноккунии назариявии модели ташаккули омодагии омӯзгори ояндаро ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” бо назардошти маҷмуи шароити ташкилию педагогӣ низ муайян кардем. Ба ифодаи дигар, зарурати баррасии сохтор ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудани амсила (модел) бобати ташаккул додани омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” пеш омад.

Аз ин лиҳоз, моро лозим омад, ки ҳангоми сохтани чунин амсила (модел) ба омӯзиш ва таҷрибаи андӯхтаи муҳаққиқон дар самти мазкур ҷиддӣ  рӯ овардем [39; 54; 70; 98: 101; 126; ва ғ]. Масалан, муҳақиқи рус А.А. Мещерова амсила (модел) - ро ҳамчун системаи унсурҳое муайян мекунад, ки дар маҷмуъ, ҷанбаҳо, алоқамандиҳо, вазифаҳои  муайяни предмети таҳқиқотро фаро гирифтааст [140]. Аз ин рӯ, амсилаи ягон объект метавонад нусхаи дақиқи объекти дигар бошад ё баъзе хосиятҳои хоси онро дар шакли начандон дақиқ (абстрактӣ) инъикос намояд [136]. Ба фикри мо, амсила (модел) - ро метавон, ҳамчун объекти дар қолаби ба таври моддӣ ё фикрӣ  пешниҳодгашта, эҳё намуд, то ки дар раванди маърифат (омӯзиш) баъзе хусусиятҳои хоси барои таҳқиқоти додашуда зарурии онро дар худ инъикос намояд [205]. Яъне, бо дарназардошти гуфтаҳои боло зери истилоҳи амсила (модел) мо объекти ба таври махсус тарҳрезишударо дар мадди назар дорем, ки то андозае ба ашёи (объект) – и аслӣ шабоҳат дошта, ба ҳадафҳои таҳқиқот низ мувофиқ бошад.

В.А. Сластенин қайд мекунад, ки амсиласозӣ ба таври моддӣ ё фикран азнавсозии системаи воқеан мавҷудбудаи педагогӣ буда, дар он принсипҳои ташкили фаъолияти ин система инъикос карда мешаванд. Он усули амсиласозӣ имконият медиҳад, ки объекти омӯхташаванда дар шакли яклухту том ва ё системаи муайян тасаввур карда шуда, дар

раванди пешниҳоди система ва ё объекти омӯхташаванда дар қолаб (шакл) – и ҷудопазирӣ ёрии ҷиддӣ (воқеӣ) расонад [188:3-7].

Дар иртибот ба таъкидҳои педагог В.А. Сластенин, мо низ, пеш аз он ки ба омодасозии модели системаи таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” шурӯъ кунем, мавқеъ ва ё ҳудуди онро муайян кардем: Чунон ки маълум аст, объекти моделсозӣ дар нақшаи мо донишҷӯёни факултети табиатшиносӣ ва тарбияи ҷисмонӣ буда, мавзуъ ва мақсади асосӣ ташаккули омодагии омӯзгори оянда дар раванди таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” мебошад.

Бояд таъкид сохт, ки ҳадафи зарурати тарҳрезии амсилаи мазкур дар шуури мо аз он ҷиҳат ғолиб омад, ки шиносоӣ ва фарогирии муҳтавои он омӯзгори ояндаро барои рушди мунтазами касбии худ, ҳамчун субъекти фаъоли педагогӣ, метавонад, водор намояд. Барои он ки танҳо ва маҳз дар ҳамин доираи фаъолиятӣ ҳадафҳои беруна (зоҳирӣ) - ро дар ӯ дигаргун намуда, гузариши ӯро ба ҳадафҳои дохилӣ (ботинӣ) - и омӯзгориояндаи ҳаматарафа рушдёфта таъмин мекунад.

Бояд таъкид сохт, ки ин ҳамаро дар мадди назар дошта, мо ҳангоми таҳияи амсила (модел) - и мазкур, ки бобати ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” ироа шудааст, инчунин, тамоюлҳои асосии рушди таълими касбии омӯзгори муосирро низ аз мадди назар дур нагузоштем.

Аз ин лиҳоз, амсила (модел) - и дар зер пешниҳодшуда (Ҷадвали 2) дар асоси талаботи кунунии иҷтимоӣ (ҷомеа) таҳия гардидааст, ки ҳадаф аз таҳияи (амсилаи мазкур) ва истифодаи он ташаккул додани омодагии омӯзгори оянда бобати таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” дар раванди таълим буда, фарогири нуктаҳои мушаххас мебошад.

**Ҷадвали 2**

**Амсила (модел) – и сохторӣ – функсионалии омодагии омузгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ”:**



Дар воқеъ, дар асоси истифодаи раҳёфтҳои илми муосири педагогика ҳама гуна мутахассисонро метавон ҳамчун як субъекти фаъолияти педагогие ташаккул дод, ки қодир бошад равандҳои рушд, тарбия ва таълимро воқеъбинона (объективона) идора кунад; яъне, дар назди худ ҳадафҳо гузорад ва бо назардошти имконияти шароитҳои воқеӣ ҳамкориҳои педагогиро пешгӯӣ намояд; фаъолияти раванди ҳамкориҳои педагогиро таҳлилу татбиқ, назорат ва арзёбӣ намуда, зуҳуроти манфиро бартараф намояд; фаъолияти педагогиро такмил диҳад; тағйироти объективии ба таври умум дар низоми маориф бавуҷудояндаро дарк ва муайян кунад ва ниҳоят, дар оянда ба вуҷуд омадани талаботи навро нисбат ба фаъолияти касбии худ пешбинӣ карда тавонад.

Ҷоиз аст, таъкид намоем, ки дар марҳилаи кунунӣ раванди таълим дар самтҳои гуногун рушд карда, фарогири хосиятҳои зерин: **гуманизатсия** (раванди таълим ба рушд ва ташаккули муносибатҳои эҳтироми тарафайн дар асоси эҳтироми ҳуқуқи ҳар як шахс), **гуманитаризатсия** (талош варзидан ба азхудкунии мундариҷаи таълим новобаста аз сатҳ ва намуди он, то имкон диҳад, ки мушкилоти асосии иҷтимоӣ ба манфиати шахс ҳал карда шаванд), **дифференсиатсия** (самтгирӣ намудани дастовардҳои донишҷӯён бо назардошти қонеъгардонӣ ва рушди майлу қобилиятҳои онҳо); **фундаментализатсия** (мустаҳкам кардани алоқаи омодагии назариявӣ ва амалии ҷавон ба ҳаёти муосир), **информатизатсия** (истифодаи васеъи техникаҳои ҳисоббарор ва технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим) ва **фардисозӣ** (баррасӣ ва рушди хусусиятҳои фардии донишҷӯён дар ҳама гуна шаклҳои ҳамкорӣ) хоҳад гашт.

Аз ҷумла, татбиқи амалии унсурҳо дар сохтории амсилаи пешниҳодшуда дар натиҷаи таъсири ҳамкории принсипҳои аз тарафи мо таъкидшуда: муттасилӣ, ҳамоҳангии маҷмӯӣ ва тобишнокӣ (вариативнокӣ) метавонад, роҳандозӣ гардад.

Чунончи, **принсипи муттасилӣ** дар барқарор кардани робитаи устувор миёни тарафҳои алоҳида ва марҳилаҳои таълим ва тарбия истифода хоҳад

шуд. Бахусус, принсипи мазкур (муттасилӣ) дар раванди таълим, ҳангоми гузариши донишҷӯ аз як марҳилаи таълимӣ ба марҳилаи дигари он, зуҳур намуда, барои рушди минбаъдаи шахсияти ӯ шароити мусоид фароҳам меорад. Принсипи ҳамоҳангӣ (мутобиқат) - и возеҳии ҳадафи ташаккул додани омодагии донишҷӯёнро барои мутассил амалисозии ҳадафҳо, мантиқӣ будан ва пайдарҳамии амалҳои донишҷӯёнро ҳангоми ҳаракат ба сӯи ин ё он мақсад, ва ниҳоят, возеҳии банақшагириҳои навбатиро барояшон пешбинӣ мекунад. Бояд таъкид сохт, ки нақш ва ё муҳимияти ҳамоҳангӣ дар таносуб миёни амалҳои донишҷӯ ва омӯзгор ифода ёфта, он муқоисаи ҳадафҳо, захираҳо, шаклҳо ва усулҳои фаъолиятро пешбинӣ менамояд ва ба натиҷаҳои умумӣ, мустақилияти ташкили системаи педагогӣ оварда мерасонад.

Умуман, риояи принсипи ҳамоҳангии маҷмуӣ ва ё комплексӣ яклухтии раванди педагогӣ ва натиҷагирӣ аз онро таъмин менамояд, байни дониш, маҳорат ва малакаҳои бадастомада робитаҳоро барқарор намуда, боиси афзоиши универсалияти унсурҳои раванди педагогӣ ва ҳамоҳангии муносибатҳои байни онҳо гардида, ба муттаҳидшавии онҳо мусоидат мекунад.

Аммо **принсипи тобишнокӣ** (вариативнокӣ) дар доираи инфиродикунонӣ ва тафриқа асос ёфта, самти раванди педагогиро ба рушди ҳамаҷонибаи шахсияти донишҷӯ, худмуайяннамоии фаъолияти ӯ дар самти эҷодкорона азхудкунии ихтисоси ояндааш ҳидоят мекунад. Инчунин, унсурҳои дигар ва муҳимми амсила ҷузъҳои сохтории он аз қабили маромӣ - арзишӣ, эмотсионалӣ - иродавӣ, мазмунӣ, амалиётӣ, ҷисмонӣ, эҷодӣ ва арзёбӣ мебошанд. Аз ҷумла:

1. **Ҷузъи маромӣ - арзишӣ** дар мазмун ва фаъолияти педагогӣ барои шахс муҳим инъикос гардида, тавассути ҳадафҳо, муносибатҳо, рағбатҳо, арзишҳо: муносибат ба варзиш, хонандагон ва касби худ зоҳир мешавад. Чунки, агар фаъолияти педагогӣ барои шахс арзишманд набошад, яъне

машғул шудан ба он муҳим ва ҷолиб набошад, пас аз мавқеи унсури маромӣ - арзишӣ ӯ барои иҷрои фаъолияти касбии хеш омода нест.

2. **Ҷузъи маромӣ - арзиширо** таҳлил намуда, бояд дар назар дошт, ки он ҳамчун танзимгари фаъолияти таълимӣ баромад намуда, заминаҳои водор кардани муносибати ҷиддии шахсии ҳаматарафа инкишофёфтаро ба таълими касбӣ ва ё ба касби интихобкардааш фароҳам оварда, ҳамзамон, дар пайдоиши ниёзҳои дигар ва устувори фаъолияти касбии ӯ мусоидат ҳам мекунад. Муваффақияти маромнокнамоӣ ва ё маҳсулнокӣ, инчунин, ба иқтидори сифатҳои шахсии донишҷӯён иртибот дошта, он сифатҳо метавонанд, ба амалишавии маромҳои онон бевосита таъсир расонанд.

3. **Ҷузъи эмотсионалӣ - иродавӣ** низ дар сохтори омодагии донишҷӯ – омӯзгори оянда мавқеи махсусро ишғол мекунад. Ба ҷараёни педагогӣ ворид шуда истода, омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ муносибати эмотсионалиеро зоҳир мекунад, ки он дар шавқу рағбат ба фаъолияти таълимӣ - касбӣ ва ҳисси масъулиятшиносии ӯ ҷиҳати масъалаҳои ташкили кор ифода меёбад.

Ирода ё худ дорои мустаҳкамии ирода будан, ҳамчун ҷузъи муҳимми системасози омодагӣ, дар радифи қобилияти бошуурона расидани шахс ба ҳадафи гузошташуда ва бартараф кардани монеаҳои беруна ва дохилӣ зоҳир мешавад. Ба ифодаи дигар, рафтори иродавӣ маънои қобилияти ба самти дилхоҳ идора намудани ҳолат ва рафтори шахсро дар шароити гуногуни муҳити педагогӣ дақиқ намуда, мақсаднокӣ ва худтанзимкунии ӯро низ пешбинӣ мекунад.

4. Ҷузъи дигар – **мазмунӣ – омодагии шахс** ба миқдори муайяни донишҳои психологӣ, педагогӣ ва махсус, ки барои фаъолияти касбӣ заруранд, иртибот дорад. Яъне, раванди тайёр кардани муаллими тарбияи ҷисмонӣ, ҳамзамон, ба рушди ҳамаҷонибаи фарҳангии ӯ, дониши ба тахассус мувофиқ, ташаккули эътиқод, малака, қобилияти эҷодӣ ва меъёрҳои рафтори ӯ алоқаманд аст.

Инак, мо, бо назардошти талаботҳои стандарти давлатӣ ба сатҳи тайёрии хатмкунандагон аз рӯи ихтисоси тарбияи ҷисмонӣ, донишҳоеро, ки

омодагии омӯзгорони ояндаро ба таълими тарбияи ҷисмонӣ муайян мекунанд, дар бастҳои зерин гурӯҳбандӣ намудем:

а) донишҳое, ки дорои маълумоти хусусияти умумӣ (таснифоти касбҳо, намудҳои фаъолияти касбӣ, эҳтиёҷоти кадрҳо, имкониятҳои шуғл ва тағйирёбии мансаб дар оянда; маълумот дар бораи касбҳо) бударо фарогиранд;

б) донишҳое, ки соҳаи фанҳои марбут ба асосҳои муосири таълими тарбияи ҷисмонӣ, ташкили корҳои варзишӣ ва фароғатиро фаро гирифтаанд;

в) донишҳои мушаххасе, ки технологияи таълими фан, роҳҳои бунёди дарсҳоро дар муассисаҳои таълимии намудҳои гуногун, усулҳои умумӣ ва хусусӣ, ҳадафҳо ва вазифаҳои технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсиониро дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ фаро гирифтаанд;

г) донишҳое, ки дар бораи сифатҳои шахсии худ ва вазъи саломатие, ки барои талаботи касбро бо хусусиятҳои инфиродии худ мутобиқ кардан ба донишҷӯ зарур бударо фаро гирифтаанд.

Чуноне ки маълум аст, “донише, ки дар сохтори таҷрибаи омӯзгор ба сифати бори нолозим ва ҳамзамон, бидуни ба система ворид намудан мавҷуд аст, моликияти беманфиат ва нолозим маҳсуб меёбад” [186]. Аз ин рӯ, шакли асосии зуҳуроти омодагии назариявӣ маҷмӯи дониш ва маҳоратҳои махсус андӯхташуда маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, мо ба гурӯҳи малакаҳои барои омӯзгориояндаи тарбияи ҷисмонӣ зарур нуктаҳои зеринро қобили эътироф намудан меҳисобем:

а) малакаҳои таҳлилиро, ки барои пурра намудани фонди назариявии дониш аз фаъолияти амалӣ мусоидат карда, талаботҳои тарбияи ҷисмониро бо талаботҳои инфиродии донишҷӯён алоқаманд намуда, ниҳоят таҳлили омодагии инфиродии донишҷӯёнро ташхис менамоянд;

б) малака ва маҳоратҳои пешгӯинамоӣ, ки имкон медиҳанд, то натиҷаҳои фаъолият пешбинӣ карда шаванд. Чунин амал ба омӯзгориояндаи тарбияи ҷисмонӣ имкон медиҳад, ки вақтро барои таҳия намудани

лоиҳаҳои қарорҳо сарфа ва инчунин, тамоюлҳои номусоидро пешгирӣ намояд;

в) малакаҳои лоиҳавӣ (проективӣ), ки дар қобилияти банақшагирии фаъолияти худ гузоштани ҳадафҳои воқеии иҷрошаванда, интихоби шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои беҳтарин (оптималӣ) - и татбиқи онҳо дар фаъолияти амалӣ зоҳир мешаванд.

5. **Ҷузъи амалии омодагӣ** ба фаъолияти касбӣ бо мавҷудияти системаи маҳоратҳое собит мегардад, ки барои кори бомуваффақият дар самти ташаккули тарбияи ҷисмонии шахсияти донишҷӯён заруранд. Дар ин самт бояд фаъолияти омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ фарогири чор гурӯҳи малакаҳои ташаккулёфта бошад ва ё чунин малакаҳоро тақозо намояд. Аз ҷумла:

Гурӯҳи 1 ба малакаҳои ташкилӣ ва идоракунӣ (ташкил ва татбиқи чорабиниҳои варзишии оммавӣ дар самти тарбияи ҷисмонӣ ва солимгардонӣ; муайян кардани нақшаи намунавии гузаронидани чорабиниҳои тарбияи ҷисмонӣ ва солимгардонӣ; ҳуҷҷатгузорӣ ва тасдиқи он) омода бошанд;

Гурӯҳи 2 ба малакаҳои касбии педагогӣ (қобилияти иҷро кардан ва таълим додани амалҳои ҳаракатӣ, мониторинги омодагии психофизикии донишҷӯён ба раванди таълимӣ ва тармимӣ, қобилияти инкишофи таваҷҷӯҳ доштан, ҷиҳати ноил гардидан ба натиҷаҳои нақша гирифташудаи раванди таълим ё омӯзиш) соҳиб бошанд;

Гурӯҳи 3 ба малакаҳои варзишӣ (маҳорати иҷрои машқҳо ба ташаккули сифатҳои махсуси ҷисмонӣ равонашуда, машқҳо барои пурзӯр намудани равандҳои барқароргардӣ, машқҳо барои рушди гурӯҳҳои мушаххаси мушакҳо ва ғ.) қодир бошанд;

Гурӯҳи 4 ба маҳоратҳои заминавии амалӣ (бадеӣ, мусиқавӣ, меҳнатӣ ва амсоли ин) мусаллаҳ бошанд.

6. **Ҷузъи ҷисмонӣ**, ки ба мувофиқии вазъи саломатӣ, рушди ҷисмонӣ ва омодагии омӯзгориояндаи тарбияи ҷисмонӣ, ба талаботи фаъолияти педагогӣ ва коршоямии касбии ӯ иртибот дорад. Дар ин ҷода муҳимтарин

омили омодагии ҷисмонии омӯзгори оянда ба фаъолияти касбӣ эҳтиёҷоти ӯ ба қобилияти руҳан ташаккули худтарбиянамоӣ ва ҷисман худтакмилдиҳӣ ва руҳан худтарбиятнамоӣ унсури аз ҳама аввалин маҳсуб меёбад.

7. **Ҷузъи эҷодӣ** дар ташаккули сифатҳои эҷодии шахсияти омӯзгори оянда зоҳир мешавад, ки ин нукта дар амалҳои зерини ӯ: омодагӣ ба таваккал, мустақилияти ҳукмҳо, ҳукмҳои интиқодӣ, асолат, ҷасорати хаёлот ва андеша, қобилияти дур шудан аз тарзи тафаккури анъанавӣ, тавлиди ғояҳои ғайриоддӣ, ба даст овардани ҳалли асли (оригиналӣ) - и масъалаҳо зуҳур меёбад. Дар ин раванд (эҷодкорӣ) фаъолияти педагогӣ аз омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ омодагии доимии эҷодӣ, ҷустуҷӯйи ҳалли ғайриоддӣ ва ҳамзамон, омодагии мувофиқ (оптималӣ) - ро дар ҳолатҳои ғайристандартии касбӣ, ва ниҳоят, худтадбиқнамоии пайваста худомӯзиро талаб мекунад. Чунки омӯзгор бо хонандагоне, ки дорои хусусиятҳои инфиродии беназиранд, кор мебарад. Яъне, ӯ дар раванди фаъолияташ бо хонандаҳое сару кор мегирад, ки аз ҳам фарқ мекунанд. Аз ин рӯ, муҳимтарин кафолати муваффақияти омӯзгори имрӯзаро дорои неруи баланди касбӣ ва доимо инкишофёбандаи шахсӣ будани ӯ ташкил медиҳад.

Ҳамчунин, мебояд таъкид намуд, ки ташаккули фаъолияти эҷодӣ бидуни омодагӣ ва дониши махсус ғайриимкон аст. Аз ин ҷиҳат, омодагӣ ба таълими тарбияи ҷисмонӣ, ба ғайр аз дониш, қобилият ва малакаҳои махсус, рушди умумии фарҳангии худи омӯзгор, ташаккули мавқеи шахсии ӯро низ дар бар мегирад. Дорои чунин хусусият будан омили муаррификунандаи шахсияти ташаккулёфта аст, ки дар он амалиёт на аз зоҳир, балки дар доираи муносибатҳои ботинӣ муайян карда мешаванд.

8. **Баҳодиҳӣ** (арзёбӣ кардан) ҷузъи дигари муҳим дар доираи сохтори модели омодагии касбӣ аст, ки дар ташаккули малака ва маҳоратҳои рефлексивӣ - баҳогузорӣ, ташаккули қобилияти худтаҳлилнамоӣ, худбаҳодиҳии ӯ ифода ёфта, дар мавриди зарурӣ ба ислоҳи фаврии раванди омодасозии ӯ мусоидат мекунад. Мо розӣ ҳастем, ки омодагӣ ба рефлексия, ки як сифати системавӣ, иҷтимоӣ -психологии шахсият аст, ки дар натиҷаи

“таҳмил” - и фаъолият ба сохтори шахсият ба вуҷуд меояд ва дар махсусияти аз ҷониби субъект фаҳмида шудан ва иҷро гаштани нақшҳои иҷтимоию касбии ӯ, муносибати ӯ ба меҳнати таълимӣ ва ҳамчунин, дар раванди ихтилофноки ташаккули шахсият зоҳир мегардад [47].

Бояд гуфт, ки дар асоси амсила (модел) - и сохторӣ - функсионалии таҳиягашта технологияи татбиқи он низ пешниҳод карда шавад, ки дар заминаи он маҷмӯи методҳо ва шаклҳо аз ҷиҳати илмӣ асосноки ташкили раванди таълим дар мадди назар буда, ба ташаккул ва омодагии омӯзгори оянда ба таълими тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун метод ва ё усули хусусӣ дар ҷодаи роҳандозии фаъолияти касбии ӯ мавриди истифода қарор дода мешавад ва бояд мазмуни ҷузъҳои сохтории дар он (амсила) пешниҳодгашта тавассути роҳандозии нуктаҳои зерин татбиқи худро ёбанд:

а) дар раванди таълими фанни “Назария ва методикаи таълими тарбияи ҷисмонӣ”;

б) дар раванди фаъолсозии корҳои илмӣ - таҳқиқотии донишҷӯён;

в) дар раванди амалияи омӯзгорӣ дар муассисаҳои таълимӣ;

г) дар раванди корҳои мустақилона;

Дар маҷмуъ, амсилаи таҳиянамуда бобати омодасозии муаллими оянда ба таълими фанни тарбияи ҷисмонӣ, ба андешаи мо, ҳамчун натиҷаи амалҳои мақсаднок ва системанок фарогири мундариҷа, воситаҳо, усулҳо ва шаклҳои таълими касбии ӯ маҳсуб хоҳад ёфт.

## Хулосаи боби якум

Баррасии асосҳои назариявӣ ва амалияи муосир имкон медиҳад, ки омодасозии омӯзгори оянда ба таълими фанни тарбияи ҷисмонӣ дар муҳити таълимии муассисаҳои олӣ аз ҷумлаи масъалаи умдаи назарияи ва амалияи педагогӣ маҳсуб меёбад.

Раванди мавриди таҳқиқро тавассути кори мақсаднок, ҳамоҳанг кардашудаи тамоми ниҳодҳои педагогӣ татбиқ кардан мумкин аст, ки бояд ташаккули

қобилиятҳои махсуси низомии насли наврасро ба татбиқи вазифаҳои муҳофизатӣ дар муҳити артиш таъмин намоянд.

Омодасозии омӯзгориояндаи тарбияи ҷисмонӣ ба сохт ва мундариҷаи тайёрии касбӣ, системаи рейтинги барои арзёбии дониш, усулҳо ва васоити нави ташкили таълим, ҳамгиро намудани мундариҷаи фанҳои гуногуни таълимӣ, худбаҳоии донишҷӯ дар фаъолияти таълимӣ, илмию варзишӣ ва ташвиқи ӯ ба кори бошуурона ва мақсаднок дар донишҷӯён нигаронида шудааст.

Масъалаи бевоситаи тайёр кардани омӯзгорони оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” дар замони муосир муҳиммияти махсусро доро мебошад. Дар робита ба ин, зарурияти ҷустуҷӯи раҳёфтҳои муассир ба омодагии касбии омӯзгори оянда, ки соҳиби шахсияти ҳамаҷониба рушдёфта буда, ба такмили фаъолияти касби доимии худ, мунтазам пурра ва васеъ намудани доираи дониш ва малакаи худ қодир бошад, пеш меояд ва ин дар сурате имконпазир мегардад, ки омӯзгор нисбат ба касби хеш дилбастагӣ ва мавқеи ҳамешагиву фаъол дошта бошад.

Дар боби аввал, моҳият, мундариҷа, сохтори фаъолияти таълимӣ, шароитҳои ташкилию педагогии ташаккули сифатҳо ва амсилаи ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни тарбияи ҷисмонӣ ҳамзамон технологияи татбиқи онҳо пешниҳод гардидааст.

Бояд таъкид сохт, ки дар боби мазкур на танҳо мундариҷаи амсила дар ҷадвал пешниҳодшуда бо тартиби муайян гуруҳбандӣ карда шудааст, балки ҳар як қисму ҷузъи он тавзеҳ дода шудааст, татбиқи он мушаххасан таъкид гардидааст.

# БОБИ 2. ТАҲҚИҚОТИ ТАҶРИБАВӢ - ОЗМОИШӢ ВА НАТИҶАҲОИ ТАШАККУЛИ ОМОДАГИИ ОМӮЗГОРИ ОЯНДА БА ТАЪЛИМИ ФАННИ “ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ”

## 2.1. Методҳо ва роҳандозии амалии таҳқиқот дар самти ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ”

Таҳлили назариявии моҳият, мундариҷа ва сохтори омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ”, ки дар боби аввал дар доираи маводи гуногуни назариявию амалии ба ҳам алоқаманд баррасӣ гардид, моро имкон дод, ки шароити ташкилию педагогии ташаккули омодагии донишҷӯён муайян карда шуда, дар ҳамин замина амсила (модел) - и сохторӣ - функсионалии омодагии омӯзгориояндаро низ ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” таҳия намоем. Дар ин бобат тахмини мо ин аст, ки истифодаи амсилаи коркардшуда бобати омодагии омӯзгори оянда дар сурате мувофиқи мақсад ва технологияи ташаккули омодасозии ӯ маҳсулнок хоҳад буд, ки агар татбиқи он боиси тамоюли мусбӣ ва боварибахш дар зинаи омодагии онҳо ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” гардад.

Аз ин лиҳоз, аз ҷониби мо, бо мақсади санҷидани фарзияи мазкур барномаи корҳои таҷрибавӣ - озмоишӣ, ки ҳадафҳо, вазифаҳо ва методҳои таҳқиқоти озмоиширо фарогир бошад, омода карда шуда, ҳамзамон, корҳои таҷрибавӣ - озмоишӣ низ дар заминаи кафедраи тарбияи ҷисмонии факултаи табиатшиносӣ ва тарбияи ҷисмонии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент ва факултети тарбияи ҷисмонии ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров дар тули солҳои 2016 то 2021 мунтазам ба роҳ монда шуд, ки дар маҷмуъ, фарогири озмоишҳои **муқарраркунанда, таълимӣ ва ё ташаккулдиҳанда** ва **натиҷагирӣ - хулосавӣ** буданд, ки он ҳама инъикоси худро дар ҷадвали 3 ёфтаанд. Чунончи:

## Барномаи ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ”

Ҷадвали 3

| Давраҳои озмоиш | Муқарраркунанда | Ташаккулдиҳанда | Натиҷавӣ |
| --- | --- | --- | --- |
| Мақсад | Омӯзиши ҳолати воқеии омодагии донишҷӯёни ДОТП ба раванди таълими тарбияи ҷисмонӣ | Санҷидани дараҷаи ташаккули омодагии донишҷӯён ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” тавассути истифодаи технологияи коркардшудаи педагогӣ | Арзёбии натиҷаи маҳсулнокии технологияи пешниҳодгашта, ки дар раванди озмоиши ташаккулдиҳанда истифода шуда буд. |
| Вазифаҳо | - омӯхтани ҷузъиёти худбаҳодиҳӣ ва ё омодагии хатмкунандагон ба таълими фанни тарбияи ҷисмонӣ дар раванди фаъолияти таълимӣ ва амалии онҳо;<br>- ошкор намудани ноқисиҳо дар фаъолияти таълимии донишҷӯён, норасогиҳо дар ташкили раванди таълимӣ ва пешниҳоди роҳҳои мусбати такмилдиҳии он | - муайян намудани зинаи ибтидоии омодагӣ ба таълими фан дар омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ;<br>- ворид намудани технологияи педагогии ташаккули омодагӣ ба таълими фанни ТҶ;<br>- муайян намудани шароитҳои нисбатан мусоид ҷиҳати омӯзиши он дар раванди таълим;<br>- динамикаи ташаккули омодагии донишҷӯёнро ба таълими фанни ТҶ дар раванди озмоиш назорат намудан | - таҳлил ва ҷамъбасту хулосабарорӣ намудани маводи назариявӣ ва маълумот аз натиҷаи озмоиши ташаккулдиҳанда;<br>- пешниҳоди тавсияҳо ҷиҳати ворид намудани натиҷаҳои таҳқиқот ба раванди фоқеии таълим дар муассисаҳои олӣ. |
| Методҳо | таҳлили адабиёти илмӣ - методӣ, таъсис додани анкетаҳо бобати худбаҳодиҳӣ, арзёбии экспертӣ, методҳои омории математикӣ | анкетагузаронӣ, мусоҳиба, мушоҳидаи педагогӣ, худбаҳодиҳӣ, арзёбии экспертӣ, методҳои омории математикӣ | таҳлили муқоисавӣ, методҳои омории математикӣ |

Зимни омӯзиш ва таҳлили адабиёти психологӣ ва педагогӣ оид ба проблемаи таҳқиқот моро маълум гардид, ки дар назария ва амалияи он равишҳои гуногуни муайян кардани меъёрҳои омодагӣ (ба касб. – С.М.) ва нишондиҳандаҳои гуногун мавҷуданд [95; 118; 202 ва ғ.]. Меъёр – ин аломатест, ки дар асоси он арзёбӣ, муайяннамоӣ ё таснифи чизе дода мешавад. Бо ибораи дигар, меъёр андоза ё худ баҳодиҳӣ ба чизе, касе ва ё касбу ҳунаре аст. Дар адабиёти роҳнамои касбӣ мафҳуми "меъёр" на танҳо дар робита бо арзёбии раванди ҳидояти касбӣ, балки, ҳамчун асос, барои хулосаи муайян баровардан, баҳо додан ва ҳукм кардан истифода мешавад [167].

Мо низ меъёрҳоро ҳамчун нишондиҳанда ва ё маҷмуи аломатҳое баррасӣ мекунем, ки дар доираи онҳо арзёбӣ, ё худ ҳукм бароварда мешавад. Аз ҷумла, ба ақидаи мо, меъёрҳо ҷавобгӯйи талаботҳои зерин бошанд:

- бояд қонуниятҳои асосии ташаккули шахсиятро инъикос кунанд;
- бояд барои барқарор кардани робитаҳо байни ҳамаи ҷузъҳои системаи таҳқиқшаванда истифода шаванд;
- дар доираи меъёрҳо нишондиҳандаҳои сифатӣ бояд бо нишондиҳандаҳои миқдорӣ дар ҳамбастагӣ бошанд;
- меъёрҳо бояд тавассути як қатор хусусиятҳои сифатие (нишондиҳандаҳо) муайян карда шаванд, ки аз рӯи дараҷаи зуҳуроташон нисбати ин ва ё он касбу коре хулоса баровардан имконпазир бошад;
- ниҳоят, меъёрҳо бояд динамикаи сифати ченшавандаро дар вақт ва муҳиту фазои муайян ё худ таърихӣ инъикос карда тавонанд.

Аз ҷумла, ҳангоми таҳияи системаи меъёрҳои омодагӣ ба касб, ба андешаи мо, меъёрҳои пешниҳодшуда бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:

а) ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти донишҷӯёнро фаро гиранд ё худ тасниф кунанд;

б) нишондиҳандаҳои миқдориро дар бар гиранд;

в) хусусиятҳои мувофиқи сифатҳои тавсифоти субъективии шахсро инъикос кунанд;

г) барои истифодаи амалӣ мувофиқ бошанд.

Инак, мо бо назардошти ҳамин меъёрҳо, инчунин, дар доираи таҳлили адабиёти назариявӣ ва бозёфтҳои таҳқиқоти гузаронидашуда ба чунин хулоса омадем, ки нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои ташаккули ҷузъҳои сохтории омодагии омӯзгори ояндаро (Ниг. ба ҷадвали 4) ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" муқаррар намоем. Чунончи:

**Нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ"**

Ҷадвали 4

| Ҷузъҳои омодагӣ | Нишондиҳандаҳои омодагӣ | Меъёрҳои омодагӣ |
|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 |
| Маромӣ-шахсӣ | Мароми интихоби касб. Шавқу рағбати шуурона ба омӯзиши маводи таълимӣ.<br>Талабот ба фаъолияти педагогӣ, мақсаднок будани маромҳои азхудкунии касб. Самтгириҳои арзишӣ. Омодагии шахсӣ ба фаъолияти педагогӣ. | Мавҷудияти нақшаи ҳаётӣ (воқеӣ) ва касбӣ. Маҳорати эҳсос намудани мавқеи шахсӣ дар фаъолияти педагогӣ ва майл ба он.<br>Мавҷудияти муқаррароти бартарияти возеҳи касбӣ. Боварӣ доштан ба зарурати интиқоли таҷрибаи иҷтимоӣ ба кӯдакон. |
| Эмотсионалӣ-иродавӣ | Кӯшиши иродавӣ. Шавқу рағбатҳо. Мустақилият. Матонат. Қобилияти ташкил карда тавонистани раванди ҳалли масъалаҳои таълимӣ. | Вақти барои иҷрои вазифаи душвор сарфшуда. Ҷустуҷӯи имконоти ҳалли мушкилоти ҳалношуда. Шумораи саволҳо оид ба маводи омӯхташуда. Тамос доштан бо муаллим барои кӯмак. Худомӯзии адабиёти иловагӣ. |

| | | |
|---|---|---|
| Мазмун ва ё натиҷа | Аз ҷониби педагог дарк гардидани нақш ва аҳамияти донистани хусусиятҳои шахсии худ, омодагии ҷисмонӣ ва вазъи солимии худ дар фаъолияти касбӣ.<br>Донистани анвои масъалаҳои касбии педагогӣ, ки ҳар омӯзгор дар раванди фаъолияти худ бо онҳо рӯ ба рӯ мегардад ва инчунин, донистани талабот ба натиҷаҳои ҳалли онҳо. | Гуногунҷанбагии дониш.<br>Шинос будан ба маводи таълимӣ.<br>Ҳаҷми дониш.<br>Сифат ва ё хосияти донишҳо: амиқӣ, пуррагӣ, системанокӣ, даркшавандагӣ.<br>Ғояи истифодаи имконпазири донишу маҳоратҳои нав дар фаъолияти педагогӣ.<br>Ташкили фаъолият дар доираи вақт. Давомот ва далелнокии ҷавобҳо дар машғулиятҳо. |
| Амалиётӣ (оператсионалӣ) | Қобилият доштан ба ҳунари амсиласозӣ вобаста ба вазъиятҳои педагогӣ, доштани қобилиятҳои ташкилотчигӣ дар раванди таълим ва корҳои тарбиявӣ.<br>Дар доираи талаботи касбӣ қобилияти баҳо додан ба донишҳо оид ба имкониятҳои фардии худ. | Омоданомоӣ ба иҷрои супоришҳо.<br>Таҳлили муқоисавии хусусиятҳои инкишофи ҷисмонии хонандагон.<br>Таҳлили дарс аз диди педагогӣ.<br>Таҳияи конспект. Иҷрои супоришҳои ба вазъияти педагогӣ иртиботдошта.<br>Коркард намудани барномаи худтакомулдиҳии касбӣ. Ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфӣ. |
| Амалиётӣ (оператсионалӣ) | Қобилият ва ё маҳорати пешниҳод кардани мақсад ва таҳия намудани нақшаи фаъолияти худ. | Коркард ва вориднамоии технологияи иртиботӣ ҷиҳати ташкили кори мустақилонаи варзишӣ – солимгардонӣ дар амалияи кор бо хонандагон. |

| | | |
|---|---|---|
| Ҷисмонӣ | Мувофиқати ҳолати солимӣ, инкишофи ҷисмонӣ ва омодагии педагог ба талаботи фаъолияти педагогӣ ва коршоямии касбӣ. Соҳиб будан ба техникаи оптималии машғулиятҳои варзишӣ ва васоити намоиши онҳо. Соҳиб будан ба методҳои роҳандозии ҳолати ҷисмонӣ дар раванди дарсҳои ба тарбияи ҷисмонӣ ироашаванда. | Қувват ва бобардоштии равандҳои асабӣ. Танзими биноӣ - ҳаракатӣ, назарсанҷӣ (глазомер). Хотираи оперативӣ. Коршоямӣ. Сифатҳои ҷисмонӣ: тезӣ, қувва, чандирӣ, бобардоштӣ. Ширкати шахсӣ дар саёҳатҳои туристӣ, ҷашнҳои варзишӣ ва мусобиқаҳо. |
| Эҷодӣ | Зоҳир намудани ташаббус, фаъолӣ, ҳадафмандӣ. Истифодаи роҳҳои ғайриоддии ҳалли масъалаҳои педагогӣ. Мавҷудияти услуби хоси фаъолияти педагогӣ. Соҳиб будан ба имкониятҳои мустақилона ба даст овардани донишҳо. | Иҷрои супоришҳои ғайриҳатмӣ. Санҷидани натиҷаи маҳсулнокии истифодаи супоришҳои эҷодӣ дар амалияи педагогӣ. Истифода карда тавонистани ғояҳои аслӣ (оригиналӣ) дар раванди амалияи педагогӣ. Коркарди барномаи мусобиқаву конкурсҳо, олимпиадаҳо ва ширкат дар онҳо. |
| Арзёбӣ | Баҳодиҳӣ ба омодагии худ ба фаъолияти касбӣ ва мувофиқати он ба интихоби касб. Донистани таносуби хусусиятҳои фардӣ ба талаботи фаъолияти касбӣ | Ташхис ва худташхиснамоии ҳолатҳои функсионалӣ. Таҳлили сифати амалҳои ҳаракатии хонандагон ва худ. Арзёбии сифати дараҷаи омодагӣ ва инкишофи ҷисмонии хонандагон. Татбиқи худтанзимнамоӣ ва худислоҳнамоӣ. Доварӣ дар мусобиқаҳо. Арзёбӣ ва хударзёбии дониш, маҳорат ва малакаҳо. |

Инчунин, мо дар зер (дар ҷадвали 5) дараҷаи ифодаёбии меъёр ва нишондиҳандаҳоро вобаста ба ҷузъҳои асосии омодагии омӯзгорони оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” муайяну дақиқ намудем.

Чунончи:

**Сатҳи ҷузъҳои омодагии муаллими оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ”**

Ҷадвали 5

| **Ҷузъҳои омодагӣ** | **Сатҳи омодагӣ** |
|---|---|
| 1 | 2 |
| **Маромӣ - шахсӣ** | ***Эҷодӣ.*** Таваҷҷӯҳ ба фаъолияти омӯзгорӣ возеҳу равшан ифода ёфтааст. Дорои сифатҳо ва ё нақшаи бошууронаи ҳаётӣ ва касбӣ, системаи арзишҳои ахлоқӣ ва талаботи устувори дохилӣ барои азхуд кардани ихтисоси оянда мебошад. Масъулиятшиносии баланди фаъолияти педагогӣ дар раванди амалҳои хеш. |
| | ***Баланд***. Ифодаи таваҷҷӯҳи зиёд ба фаъолияти омӯзгорӣ. Доро будан ба ҷанбаҳои асосии маромӣ - арзишӣ ва роҳандозӣ намудани онҳо. Метавонад ҳадафҳои ҳаётӣ ва нақшаи касбиро муайян кунад, майли беҳад ба азхуд кардани ихтисоси оянда дорад. Баррасии дараҷаи баланди маҳсулнокии педагогӣ дар раванди таҷрибаомӯзӣ. |
| | ***Миёна***. Талаботи дақиқу мақсаднокро бобати аз худ кардани ихтисоси оянда дуруст эҳсос намекунад. Нақшаи воқеӣ ва касбиро ба сабаби номуайянии ҳадафҳову вазифаҳо ба қадри кофӣ асоснок карда наметавонад. Аммо дар фаъолияти педагогӣ, дар рафти таҷрибаомӯзӣ натиҷагириро зоҳир мекунанд. |
| | ***Паст.*** Саҳмгирии шахсият ба фаъолияти педагогӣ эҳсос намешавад. Зарурати азхуд кардани ихтисосиояндаро дарк |

| | |
|---|---|
| | намекунад. Нақшаи рушди шахсӣ ва касбӣ дар ӯ вуҷуд надорад. Дар давраи таҷрибаомӯзӣ фаъолияти касбии педагогиашон чандон умедбахш нестанд. |
| **Эмотсионалӣ - иродавӣ** | ***Эҷодӣ.*** Рағбати баланд доштан ба касби оянда. Дорои низоми қавии иродавӣ, истодагарӣ ва азми қавӣ будан дар ҷодаи расидан ба ҳадафҳои гузошташуда. Интихоб карда тавонистани муносибати дуруст дар ҷараёни таҷрибаи педагогӣ нисбат ба хонандагон, хатоҳояшро босаброна ва одилона ислоҳ мекунад, ба унсурҳои дурӯғ ва мунокишаҳои беасос дар муошират роҳ намедиҳад. |
| | ***Баланд.*** Ба касби ояндааш мароқ дорад. Дар ҷодаи расидан ба ҳадаф суботкорӣ нишон медиҳад ва дар ин ҷода монеаҳои беруна ва дохилиро паси сар мекунад. Дар ҷараёни таҷрибаи педагогӣ ӯ талаботи мавҷударо риоя мекунад, аммо баъзе дуршавиҳо аз чунин талабот ба муносибати ӯ нисбат ба донишҷӯён таъсир намерасонанд. |
| | ***Миёна.*** Чун қоида аз сабаби душвориҳои пешомада ба мақсади гузоштааш ноил намегардад, дар вазъиятҳои баҳсталаби педагогӣ масъулияти ҳалли масъаларо ба дӯш намегирад. Дар ӯ мавҷудияти танзими нокофии иродавӣ эҳсос мешавад. Дар раванди таҷрибаи педагогӣ ҳангоми ҳалли проблемаҳои пешомада низ бо душворӣ рӯ ба рӯ мешавад. |
| | ***Паст.*** Барои бартарафнамоии душвориҳо, ки бобати иҷрои фаъолияти амалии мушаххас марбутанд, омода нест. Барои расидан ба мақсади пешгузошта талош намеварзад. Дорои дараҷаи пасти танзими иродавист. Дар рафти таҷрибаи педагогӣ дар ҳалли муаммоҳои пешомада душворӣ мекашад. |
| | ***Эҷодӣ.*** Соҳиби донишҳои амиқ ва гуногунҷабҳаи фанни худ (назария ва методикаи таълими табияи ҷисмонӣ, психологияи синнусолӣ, физиология, информатика ва ғ.) мебошад, мунтазам |

| | |
|---|---|
| | адабиёти махсус, методӣ ва илмӣ -оммаввии марбути фанни худро мутолиа мекунад, ба навовариҳои илмӣ дар соҳаи худ марок дорад. |
| Мазмунӣ | ***Баланд.*** Дар маҷмуъ, дар доираи фанни худ донишҳои мукаммал дорад, адабиёти махсус ва методиро мутолиа мекунад, дар таълим ва тарбияи хонандагон раҳёфти инфиродиро татбиқ менамояд. |
| | ***Миёна.*** Фанни таълимиро, асосан, дар доираи талаботи барнома донад ҳам, баъзан дар ҷавоб ба саволҳое, ки аз доираи талаботи мазкур берун аст, душворӣ мекашад. |
| | ***Паст.*** Дар донистани фанни худ ба душвориҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ мешавад. Ҳангоми тадрис ба ғалатҳо роҳ медиҳад, адабиёти махсусро ба таври номунтазам мутолиа мекунад, малакаҳои истифодаи технологияҳои иртиботиро чандон соҳиб нест. |
| Амалиётӣ (оператсионалӣ) | ***Эҷодӣ.*** Доро будан ба дараҷаи баланди инкишофи маҳоратҳои методӣ, истифодаи озоди усулҳои сершумори махсус дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ. Дар раванди таҷрибаи педагогӣ фаъолияти худ ва хонандагонро дуруст ташкил мекунад. Аз лиҳози техникӣ машғулиятҳои ҷисмонии дар барномаи таълимӣ овардашударо дуруст намоиш медиҳад ва иҷро мекунад. |
| | ***Баланд.*** Дар маҷмуъ дар ӯ маҳоратҳои методӣ инкишоф ёфтаанд, аз усулҳои махсуси соҳаи тарбияи ҷисмонӣ бархурдор аст. Дар раванди таҷрибаи педагогӣ фаъолияти худ ва хонандагонро дуруст ташкил мекунад. Ниҳоят, аз лиҳози техникӣ машғулиятҳои ҷисмонии дар барномаи таълимӣ пешниҳодшударо дуруст ташкил карда метавонад. |

| | |
|---|---|
| | ***Миёна.*** Қобилиятҳои дар боло зикргардида дар ӯ дар дараҷаи миёна рушд ёфтаанд. Дар рафти таҷрибаи педагогӣ на ҳамеша маводи зарурии таълимиро интихоб намуда, фаъолияти худ ва хонандагонро роҳандозӣ карда метавонад. Машқҳои алоҳидаи ҷисмониро, ки барномаи таълимӣ талаб мекунад, дуруст иҷро карда ва нишон дода наметавонад. |
| | ***Паст.*** Дар баррасии маҳоратҳои зикргардида ноқисиҳои назаррас дорад. Дар рафти таҷрибаи педагогӣ, ҳангоми интихоб ва татбиқи маводи таълимӣ, ташкили фаъолияти худ ва хонандагон, ба ғалатҳои ҷиддӣ роҳ медиҳад. Дар иҷро намудан ва намоиш додани машқҳои ҷисмонии ба маводи барномаи таълимӣ шомилбуда душворӣ мекашад. |
| Ҷисмонӣ | ***Эҷодӣ.*** Талабот ба худтакомулдиҳии ҷисмониро соҳиб аст. Фаъолона дар мусобиқаҳои варзишӣ ширкат меварзад. Дар рафти таҷрибаи педагогӣ ҳадафмандона ва қотеъона дар хонандагон маҳорат ва малакаҳои машғулиятҳои мустақилонаро ташаккул медиҳад. |
| | ***Баланд.*** Дар маҷмӯъ, талабот ба худтакомулдиҳии ҷисмониро соҳиб аст. Дар мусобиқаҳои варзишӣ ширкат меварзад. Дар рафти таҷрибаи педагогӣ метавонад, дар хонандагон маҳорат ва малакаҳои машғулиятҳои мустақилонаро ташаккул медиҳад. |
| | ***Миёна.*** Талабот ба худтакомулдиҳии ҷисмониро чандон соҳиб нест. Дар рафти таҷрибаи педагогӣ фаъолияташ дар самти ташаккули маҳорат ва малакаҳои машғулиятҳои мустақилона назаррас нест. |
| | ***Паст.*** Сатҳи пасти омодагии ҷисмониро соҳиб аст. Доираи маҳдуди восита ва методҳоро дар раванди таълиму тарбияи хонандагон истифода мекунад. |

| | |
|---|---|
| Эҷодӣ | ***Эҷодӣ.*** Дараҷаи баланди фаъолии эҷодиро соҳиб аст. Бо муносибати оқилонааш дар раванди таълим фарқ мекунад, мекӯшад, то ки роҳҳои нави ҳалли масъалаҳои педагогиро пайдо намояд, ба таври мунтазам бо навовариҳои адабиёти педагогӣ шинос шуда, дар фаъолияти педагогии худ ғояҳои навро истифода мебарад. |
| | ***Баланд.*** Дар маҷмуъ, фаъолияти эҷодкоронаро соҳиб аст. Фаъолона ғояҳои навро, ки ба такмилдиҳии раванди таълиму тарбия бахшида шудаанд, дастгирӣ мекунад. |
| | ***Миёна.*** Муносибати эҷодии ӯ ба касби оянда танҳо дар намудҳои алоҳидаи фаъолияти касбиаш зоҳир мегардад. Ба ғояҳои нави педагогӣ муносибати мусбӣ дорад, вале онҳоро на ба таври фаъолонаву кофӣ татбиқ менамояд. Ба навовариҳо талабот эҳсос намекунад. |
| | ***Паст.*** Дар ӯ эҷодкорӣ нисбат ба касби оянда комилан вуҷуд надорад. Ба навгониҳо муносибати танқидкорона ва манфӣ дорад. Дар раванди татбиқи ғояҳо, масъалаҳои нав ба душворӣ рӯ ба рӯ мегардад ва ғ. |
| Арзёбӣ | ***Эҷодӣ.*** Доро будани ӯ ба арзёбии дурусти фаъолияти худ, кӯшиши такмил додани донишу маҳорат ва малакаҳои худ. Мавқеи фаъол доштани ӯ ба азхудкунии касб, ба хубӣ баланд будани фаъолияташ дар иртибот ба техникаи худташхиснамоӣ. |
| | ***Баланд.*** Дар маҷмуъ, оид ба худ ва касбиояндаи худ талабот ва тасаввуроти мувофиқ дорад. Дурнамои фаъолияти касбии хешро пурра дарк мекунад. Дар лаҳзаҳои алоҳидаи фаъолияти педагогӣ амалҳои худтанзим ва худтаҳлилро дуруст ба роҳ монда метавонад. |

| | |
|---|---|
| | ***Миёна.*** На ҳамеша сифатҳои муҳими касбӣ, майлҳо ва қобилиятҳои худро ба тавri дилхоҳ арзёбӣ мекунад. На ҳамеша сифатҳои худро бо талаботи фанни таълимӣ мувофиқ карда метавонад. Дар раванди татбиқи худтаҳлилнамоӣ, худтанзимнамоӣ ва худислоҳнамоӣ фаъолии зарурӣ зоҳир намекунад. |
| | ***Паст.*** Ба худомӯзии маводи касбӣ, худтаҳлилнамоӣ ва худтанзимнамоӣ саъй намекунад. Худбаҳодиҳӣ ва дараҷаи талаботи номувофиқро соҳиб аст. Дар бораи худ тасаввуроти нодуруст дорад. Дурнамои наздиктарини касбияш муайян нест, ниҳоят, амалҳои худро танзим карда наметавонад. |

Ҳамчунин, дар раванди таҳқиқот бо мақсади муайян кардани вазъи омӯзиши худбаҳодиҳии омодагӣ ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" дар байни донишҷӯёни курсҳои болоӣ ва хатмкунандагон озмоиши педагогии муқарраркунанда роҳандозӣ шуд, ки дар иртибот ба он ҳалли масъалаҳои зерин дар мадди назар буд:

• муайян кардани муносибати донишҷӯён ба низоми мавҷудаи кори таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва диди онҳо оид ба камбудиҳо ва роҳҳои бартараф намудани онҳо;

• омӯзиши худбаҳодиҳии омодагии донишҷӯёни факултети табиатшиносӣ ва тарбияи ҷисмонӣ, дар маҷмуъ ва ҷузъҳои алоҳидаи он дар мавриди таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ".

Бояд таъкид сохт, ки дар раванди тадқиқот озмоиши муқарраркунанда бо мақсади баланд бардоштани объективияти натиҷаҳо дар ду марҳила ва ё самт баргузор кардашуд:

Дар марҳилаи аввал корт ё худ харитаи ташхисии такмилдодашуда таҳия гардид, ки аз ҷониби донишҷӯён як маротиба пур карда шуда, дараҷаи муҳиммии омилҳои таҳқиқшавандаро муайян мекунад [95].

Харитаи ташхисӣ имкон дод, ки тавассути гурӯҳбандӣ ҷанбаҳои ташкилии проблема таҳлил карда шаванд; ҳавасмандгардонии кори таълимии донишҷӯён, шаклҳо, усулҳои татбиқ ва назорати он таъмин, ҳамчунин, арзёбии чорабиниҳои пешниҳодгашта дар доираи воқеият ба роҳ монда шавад. Дар ин бобат, санҷишу пурсишҳое, ки дар байни донишҷӯёни факултети тарбияи ҷисмонӣ ва ҳар ду муассисаи олӣ (ДОТ ва ДДХ) дар давоми соли хониши 2016 - 2021 гузаронида шуданд, 180 нафар донишҷӯёни курсҳои 1-5-ро фаро гирифта буд.

Бояд таъкид сохт, ки арзёбии омилҳои омӯхташуда аз ҷониби донишҷӯён дар доираи ҷадвали зерин: “1” - омил аҳамият надорад; “2” - омил то андозае аҳамият дорад; “3” – ба омил қимати миёна дода мешавад; “4” - омил аҳамияти калон дорад; “5” - ба омил қимати аз ҳама баланд дода мешавад; “0” – дар ҷавоб душворӣ мекашам – баргузор шуда буд.

Дар самти дуюм, озмоиши мазкур (муқарраркунанда) таҳти унвони **Омӯзиши худбаҳодиҳии омодагӣ ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ”** дар байни хатмкунандагони факултети табиатшиносӣ ва тарбияи ҷисмонӣ гузаронида шуд. Бояд дар ин самт фаъолияти худро донишҷӯён ба таври пинҳонӣ арзёбӣ менамуданд. Ин амал натиҷаи коркарди маводи аввалия, ки дар ҷараёни пурсиш ба даст оварда шуд, моро имкон дод, ки маълумоти бадастомада оид ба омодагии онҳо дар ду ҷанба гурӯҳбандӣ карда шавад. Ин усули кор, аввалан, моро имкон дод, ки натиҷаи худбаҳодиҳии ҳар як донишҷӯро вобаста ба ҳар як савол ё худ ҷузъи омодагиаш муайян намоем; сониян, мо имконият пайдо кардем, ки дар бораи худбаҳодиҳии умумии омодагии донишҷӯён ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ”, ки дар баллҳо ифода ёфтааст, маълумот гирем. Дар ин бобат, коеффисиенти омодагии донишҷӯён ба касби хеш аз рӯи формулаи 2 ҳисоб бо дараҷаи омодагии донишҷӯён муқоиса карда шуд [34].

Лозим ба таъкид аст, ташкили **озмоиши ташаккулдиҳанда**, мутобиқи низоми меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои коркардшуда дар иртибот ба омодагии донишҷӯён ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” мо, инчунин, восита як идда ё худ методҳоро ҳам барои ташхиси ҳолати воқеии падидаи омӯхташаванда дар марҳилаи аввали кор ва ҳам бобати баҳодиҳӣ ба самаранокии ташхис дар давраи озмоиши мазкур интихоб кардем. Аз ҷумла, дар ҷараёни озмоиши ташаккулдиҳанда усулҳои зерини таҳқиқот мавриди истифода қарор дода шуданд:

- **методи мушоҳида**, ки дар ҷараёни он нуктаҳои зерин муайян карда шуданд: иштирок дар дарсҳо, муносибат ба фаъолияти таълимӣ, хусусиятҳои рафтори донишҷӯён дар амалияи омӯзгорӣ, муносибати донишҷӯён бо ҳамкурсон, зуҳуроти фардияти донишҷӯён дар раванди фаъолияти таълимӣ, қобилияти иҷрои машқҳои ҷисмонӣ аз ҷониби ҳар кадом;
- **методи пурсиш, ё худ суҳбатҳои инфиродӣ**, ки тавассути онҳо нуктаҳои зерин муайян карда шуданд: ангезаҳои шахсии фаъолияти таълимӣ ва варзишӣ, худбаҳодиҳии омӯзгорони оянда дар бораи мувофиқати тасаввуроти шахсии онҳо оид ба фаъолияти омӯзгорӣ, донистани талабот ба хатмкунандагони факултети табиатшиносӣ ва тарбияи ҷисмонӣ;
- **методи худбаҳодиҳӣ**, ки дар ҷараёни он худбаҳодиҳии сатҳи ҷузъҳои омодагии омӯзгорониояндаи тарбияи ҷисмонӣ муайян карда шуд;
- **аз усули тестгузаронӣ**, ки имкон дод, то ҷузъҳои мазмунӣ ва амалиёти (оператсионалӣ) - и омодагии холисонаи донишҷӯён арзёбӣ карда шаванд;
- **аз усули баҳодиҳии коршиносон**, ки дар ин раванд онҳо, ҳамчун довар, аз рӯи нишондиҳандаҳои асосӣ, ҳар як ҷузъи омодагии донишҷӯро бо холҳо баҳогузорӣ мекунанд.

Ба ҳамин тарзи баррасии амалҳо, ки дар раванди озмоиши муқарраркунанда баррасӣ шудаанд, дар ниҳояти озмоиш баҳои миёнае, ки донишҷӯ барои ҳар як давра гирифтааст, холҳои умумии ҳар як коршинос ва гурӯҳи коршиносон, дар маҷмуъ, ҳисоб карда шуданд, ки дар натиҷа, мо тасаввуроти дақиқро оид ба тарафҳои заиф ва қавии ҷузъҳои омодагии ҳар як донишҷӯро ба таълими фанни

“Тарбияи ҷисмонӣ” пайдо намудем. Бояд таъкид намуд, ки ба ҳайси коршиносон (экспертҳо) омӯзгорони ботаҷрибаи факултети табиатшиносӣ ва тарбияи ҷисмонӣ дар ҳайати 10 нафар интихоб шуда буданд, ки ҳамаи онҳо дорои сифатҳои босалоҳиятӣ, беғаразӣ, фаҳмиш, кушодадилӣ, мустақилият дар муҳокимаронӣ буданд.

Қобили зикр аст, ки дар раванди озмоиш, асосан, сатҳи ташаккули ҷузъҳои омодагии донишҷӯён ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” тибқи методикаи пешниҳодкардаи профессор Сафаров Ш. С. амалан санҷида шуд [173]. Мо аз методикаи мазкур истифода намуда, дараҷаи ташаккули омодагии донишҷӯёнро дар ҳудуди 25% тамоюли холҳои рейтингии миёна дар доираи арзёбии холҳо муайян кардем. Он гоҳ арзёбии рейтингии сатҳи пасти ташаккули ҷузъи омодагии донишҷӯён ба касби худ дар ҳудуди аз 25% то 50% қарор доштааст.

Лозим ба таъкид аст, ки дар раванди озмоиши гузаронидашуда, холи рейтингии ҳар як ҷузъи омодагии донишҷӯ аз рӯи 15 нишондиҳанда муайян карда шуд. Чунки тибқи ҷадвали баҳогузории қабулкардаи мо, донишҷӯ барои ҳар як нишондиҳандаи ташаккули ҷузъҳои омодагӣ метавонист, ки аз як то чор хол гирад. Аз ин лиҳоз, холи ҳадди аксар (максимали) - и рейтинг (Rmax) 60 балл, ҳадди ақал (R-min) бошад, дар доираи 15 хол муайян шуда буд. Аз ин ваҷҳ, ҳудуди фосилаи ҷойгиршавии холи рейтинг дар доираи арзёбӣ ба 45 ва 30 хол баробар буд, ки мувофиқи чунин меъёри ташаккулёбии омодагии донишҷӯён дар иртибот ба касби хеш бо холҳои зерини баҳодиҳии рейтингӣ муайян карда шудаанд (ҷадвали 6).

**Арзёбии сатҳи ташаккули омодагии муаллими оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ”**

Ҷадвали 6

| **Сатҳи ташаккул** | **Холҳо** |
|---|---|
| Паст | 15-29 |
| Миёна | 30-44 |

| | |
|---|---|
| Баланд | 45-59 |
| Эҷодӣ | 60 ва бештар аз он |

Инчунин, бояд таъкид намуд, ки иштироки донишҷӯён дар таҳқиқоти гуногун, конфронсҳо ва ғайра боиси баланд шудани рейтинги онҳо гардида, метавонад, ҳангоми гузариш ба зинаи баландтари рушд дар дохили сатҳ ё гузариш ба сатҳи нав мусоидат намояд.

Албатта, дар асоси натиҷаҳои баҳои рейтингӣ, дар маҷмуъ, метавон оид ба натиҷаҳои таҷрибаи педагогӣ барои тамоми гурӯҳ хулоса баровард. Дар ин самт чандин усули баҳодиҳии натиҷаи таҷрибаро истифода бурдан лозим меояд.

Ҳамчунин, зарур аст, таъкид намоем, ки сатҳҳои ташаккулёбии омодагии донишҷӯён дар ибтидо ва интиҳои таҳқиқоти озмоишӣ дар доираи усули таносуб муқоиса карда шуд. Ҳамзамон, дар асоси натиҷаҳои таҳлили маълумоти бадастомада нақша - тасвирҳои тақсимоти рейтингӣ, чи дар ибтидо ва чи дар интиҳои озмоиши педагогӣ, сохта (мураттаб карда) шуданд, ки онҳо моро имкон доданд, то ки тағйиротро дар ҳар як ҷузъи омодагӣ дар алоҳидагӣ ва омодагии омӯзгорони ояндаро барои таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ”, дар маҷмуъ, муайян намоем.

Ниҳоят, моро муяссар шуд, ба баҳодиҳӣ ё худ арзёбӣ ба афзоиши сифатии ташаккулёбии омодагии донишҷӯёни гурӯҳҳои озмоишӣ дар марҳилаи ниҳоии озмоиш дар робита бо сатҳи ибтидоии рушди онҳо зимни истифода аз усулҳои омори математикӣ комёб гардем. Барои ин, мо аз меъёри омории Стюдент истифода кардем [223:29-35].

Ниҳоят, бояд таъкид намуд, ки натиҷаҳои муфассали арзёбии раванди ташаккули омодагии муаллимони оянда барои таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” дар таҳқиқоти озмоишии мо дар басти 4 – и ҳамин боб (боби 2) пешниҳод шудааст.

## 2.2. Натиҷаҳои озмоиши муқарраркунанда ва хулосабарорӣ аз он

Бояд таъкид намуд, ки озмоиши мазкур (муқарраркунанда), чун меъёр, дар заминаи саволномаҳои пешакӣ мураттабшуда баргузор шуда буд. Аз ҷумла, зимни саволи аввал ба мо муяссар шуд, ки маромнокии касбии донишҷӯён муайян карда шавад. Чунки донистани сабабҳое, ки ҳар як донишҷӯро барои интихоби касби ояндаи худ водор мекунад, шарти аввал ва ҳатмӣ, фаъолияти мақсадноки муҳаққиқ маҳсуб меёбад.

Инак, дар зер гурӯҳбандии ҷавобҳои 180 нафар донишҷӯёни факултети табиатшиносӣ ва тарбияи ҷисмонии ДОТ дар шаҳри Панҷакент дар иртибот ба саволномаҳои дар ҷадвали зерин (7) баррасишуда пешниҳод мегардад:

Ҷадвали 7

| **Саволномаҳо** | **Теъдоди иштирокчиён 180 нафар** | **Ҷавобҳо тибқи %** |
|---|---|---|
| Мехоҳам маълумоти олӣ гирам | -//- | 31,9 |
| Ихтисоси оянда ба ман писанд аст | -//- | 23,6 |
| Дӯстон, шиносҳо тавсия карданд | -//- | 16,9 |
| Муҳаббат ба кӯдакон (Кор бо кӯдакон ҷолиб аст ва дар ин ҷода муваффақ ҳам ҳастам) | -//- | 11,9 |
| Омӯзгори тарбияи ҷисмонии мактаб будан ба ман писанд омад | -//- | 10 |
| Дигар | -//- | 3,2 |
| Анъанаҳои оилавӣ | -//- | 2,5 |

Чунон ки аз ҷадвал бармеояд, ҷавобҳои аз ҳама зиёд ба саволномаи “Ман мехоҳам маълумоти олӣ гирам” доир гардидааст, ҷои дуюмро ҷавоб ба саволи “Ман ихтисоси ояндаи худро дӯст медорам” дар бар гирифтааст, зеро аксари донишҷӯён, ҳатто пеш аз дохил шудан ба муассисаи олӣ ба варзиш майл доштаанду дар бахшҳои гуногуни варзишӣ ширкат мекарданд. Яъне, маҳз

ҳамин амал боиси интихоби факултети тарбияи ҷисмонӣ аз ҷониби онҳо шудааст. Тибқи саволномаи сеюм, донишҷӯён иброз доштанд, ки интихоби ин касбро барояшон дӯстон ва шиносон тавсия кардаанд. Ҳамин тавр, натиҷаҳои дар доираи ҷавобҳои ба саволномаҳо бадастомада ба мо имкон дод, ки маромнокӣ танзим карда шуда, барои донишҷӯён шароит барои гузариш аз мароми интихоби касб ба мароми азхудкунии онҳо фароҳам оварда шавад.

Бояд таъкид намуд, ки самаранокии фаъолияти таълимии донишҷӯён бештар аз қаноатмандии онҳо аз таҳсил вобаста аст. Аз ин ваҷҳ, тавре ки аз натиҷаҳои ҷадвали 7 дида мешавад, аксарияти донишҷӯён (73,6%) аз таҳсили худ изҳори қаноатмандӣ кардаанд. Ин вазъи хуброметавон дар иртибот ба ислоҳоти солҳои охир дар системаи таҳсилоти олӣ воридшуда шарҳ дод, ки он ҳама ба таҳкими ҳавасмандии омӯзиш, дарк намудани аҳамияти дониш ва малакаҳои ҳосилшуда дар толибилмон равона карда шудааст. Аз ҷумла, ҷанбаҳои пешбари азнавсозии системаи таҳсилоти олӣ ба нуктаҳои зерин иртибот доранд: ворид намудани технологияи муосири омӯзишӣ ба раванди таълим, гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим ва ғайра. Ин навгониҳо ба ҳар як донишҷӯ имкон медиҳад, ки ҷойгоҳи худро дар макотиби олӣ муайян кунад, дар назди худ ҳадафҳои худшиносӣ гузорад ва онҳоро бомуваффақият ҳаллу фасл намояд. Маҳз дар ҳамин хусус мо бо мақсади фаҳмидани майлу рағбати дар байни донишҷӯёни муассисаҳои олӣ, ки то кадом дараҷа аз натиҷаҳои таҳсили худ қаноатманд мебошанд, дар доираи саволномаҳои зерин (Ниг: ба ҷадвали 8) пурсиш гузаронидем:

Ҷадвали 8

| **Номгӯйи анкета – саволномаҳо (Иштирокчиён – 180 нафар)** | **Гунаҳои ҷавоб аз рӯйи (%)** | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **Ҳа** | **Ҳа аз не афзалтар аст** | **Не** | **Ба ман ҷавоб додан душвор аст** |
| Қаноатмандӣ аз омӯзиш | 28,6 | 45,0 | 23,9 | 2,5 |
| Оё ташкили раванди таълим | 33,9 | 26,9 | 25,0 | 14,2 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| қаноатмандкунанда аст? | | | | |
| Оё дониш, маҳорат ва малакаҳои бадастомада дар фаъолияти минбаъдаи касб ба шумо зарурат дорад? | 31,1 | 51,1 | 8,9 | 8,9 |
| Дараҷаи омодагӣ ба фаъолияти касбии оянда. | 21,9 | 51,1 | 13,1 | 13,9 |

Чунон ки мебинем, тибқи анкетаи гузаронидашуда аз теъдоди 180 нафар танҳо 33,9% донишҷӯён ба ташкили раванди таълим дар факултет баҳои баланд доданду 14,2% озмудашавандагон дар ҷавоб душворӣ кашиданд ва ё ҷавобҳои манфӣ додаанд. Ин нукта моро водор намуд, ки бобати ошкор намудани сабаби камбудиҳои дар раванди таълим мавҷудбуда дар байни донишҷӯён боз пусиш гузаронем. Натиҷаи чунин пурсиш маълум намуд, ки донишҷӯён ба ҳайси камбудӣ бештар зиёд будани миқдори супоришҳои таълимиро, баъдан, дар ҷойи дуюм тақсимоти нобаробари сарбории таълимро дар семестрҳо таъкид намудаанд. Чоряки донишҷӯён изҳор намудаанд, ки аз ҷониби муаллимон кӯмаки нокофӣ мегиранд ва ё бархе аз он кӯмакҳоро бесамар ҳисобиданд. Аммо қисман донишҷӯён намедонанд, ки фаъолияташонро дар давоми семестр чӣ тавр оқилона ташкил кунанд, ки ин шояд ба ҳаҷми зиёди супоришҳои пеш аз имтиҳонот додашавандаи таълимие иртибот дошта бошад, ки ҳазм шуданаш барояшон душворӣ меоварад.

Бахусус, ба саволи “Оё дониш, маҳорат ва малакаҳои бадастомада дар фаъолияти минбаъдаи касбии шумо зарурат дорад?” сеяки донишҷӯён бо боварӣ посух додаанд, ки дониши аз донишкада бадастовардаи онҳо дар фаъолияти касбии ояндаашон пурра зарурат дорад. Бефоида будани дониши дар муассисаи олӣ додашавандаро 8,9% - и донишҷӯён эътироф карданду 8,9% посухи мушаххас надодаанд. Аммо, зиёда аз сеяки посухдиҳандагон изҳори боварӣ намудаанд, ки дониши дар донишкада гирифта барояшон қисман лозим мешавад.

Аммо, сарфи назар аз ин ҳама, тибқи ҷавобҳои ба саволномаҳои дар анкета омода гардонидаи донишҷӯён, маълум мешавад, ки бархе аз онҳо ба қадри кофӣ дар бораи зарурияти дониш, малака ва маҳоратҳои дар донишкада бадастовардаашон тасаввурот надоранд.

Танҳо 21,9% - и донишҷӯён худро барои таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” омода меҳисобанд ва ҳар донишҷӯйи дуюм худро ба фаъолияти мазкур нимтайёр ё худ начандон омода медонаду аз даҳ як қисми посухдодагон ба фаъолияти ояндаи худ омода набуданашонро изҳор намудаанду боз ҳамин қадари онҳо, яъне аз даҳ як қисмашон, дар ҷавоб душворӣ кашидаанд.

Бояд гуфт, ки баланд бардоштани омодагии донишҷӯён ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” бештар аз мавҷудияти сифатҳои муҳими касбии устодон – омӯзгорон, вобастагӣ дорад. Онҳо бояд сохтори мураккаби хусусиятҳои инфиродӣ ва шахсии фард (донишҷӯён) – ро ташаккул диҳанд, ки ин амал муваффақияти ҳама гуна фаъолияти касбиро дар донишҷӯён таъмин месозанд.

Ҳамчунин дар раванди таҳқиқоти ташхисӣ ба донишҷӯён супориш дода шуд, ки ба сифатҳои зерини шахсият, ки дар ҷадвали 9 номбар шудаанд, вобаста ба дараҷаи аҳамият ва ташаккулёбиашон воқеъбинона аз лиҳози касбӣ баҳогузорӣ (арзёбӣ) намоянд. Инак, натиҷаи ҷавобҳои онҳо, ки дар ҷадвал омадааст, гувоҳӣ аз он медиҳад, ки донишҷӯён аҳамияти ин сифатҳоро барои худ ва дараҷаи рушди онро дар худ то андозае дарк мекардаанд.

**Тавсифоти аҳамиятнокӣ ва ташаккули сифатҳои аз лиҳози касбӣ муҳими шахсият**

Ҷадвали 9

| **Сифатҳо** | **аҳамият** | **ташаккул** |
|---|---|---|
| | **Х (хол)** | **Х (хол)** |
| Тафаккури эҷодӣ | 4,5 | 3,0 |
| Коршоямӣ, ироданокӣ | 4,3 | 3,4 |
| Ниёз доштан ба худшиносӣ | 4,0 | 3,2 |
| Фаъолии маърифатӣ | 3,8 | 3,0 |

| | | |
|---|---|---|
| Ҳисси вазифашиносӣ ва масъулиятшиносӣ | 3,6 | 3,3 |
| Талабот ба худомӯзӣ | 3,5 | 3,4 |
| Ташаббуснокӣ | 3,4 | 3,2 |
| Дигар омилҳо | 1,4 | 0,3 |

Натиҷаҳои пурсиш нишон медиҳанд, ки донишҷӯён ба аҳамияти объективии тамоми сифатҳои дар ҷадвал номбаршуда барои кори таълимияшон баҳои баланд доданд (аз 2,6 то 4,5). Бахусус, барои фаъолияти пурсамари таълимӣ зарурати рушди тафаккури эҷодӣ, коршоямӣ, ирода ва ниёз ба худшиносӣ, ҳамчун сифатҳои волотарин, арзёбӣ шудаанд. Яъне донишҷӯён, ҳамчун мутахассисони ба дараҷаи кофӣ омодашуда, сифатҳои дар ҷадвал номбаршударо барояшон мусбат арзёбӣ намудаанд.

Ҳангоми арзёбии дараҷаи ташаккул ва ё инкишофи ин сифатҳо донишҷӯён худтанқидкунӣ нишон дода, сатҳи миёнаи рушди онҳоро, тибқи холгузорӣ мутаносибан дар доираи аз 3,4 то 3,0 арзёбӣ намудаанд. Аммо сифатҳои дигар, ба монанди ниёз ба худомӯзӣ, ташаббускорӣ - аз нигоҳи ниёзмандӣ ва дараҷаи рушди худ тақрибан якхела (03 - 3.5; 03 - 3.4) арзёбӣ шудаанд, ки қобили қабул аст.

Бояд тазаккур дод, ки дар иртибот ба рафтори фардии хеш дар раванди таъсиси озмоиши муқарраркунанда, тибқи саволномаҳои дар анкета омада, ки муқарраркунандаи асосҳои ташаккули хислатҳои шахсӣ маҳсуб меёбанд, донишҷӯён кори фаъолона бо кӯдакон, истифодаи шаклҳои гуногуни ташкилии таълим, истифодаи худомӯзии беруназсинфиро қайд карданд, ки инро метавон дар нишондиҳандаҳои дар ҷадвали 10 омада мушоҳида намуд.

Ҷадвали 10

| **Номгӯйи омилҳо, ё худ амалҳои муаррификунандаи хислатҳо (сифатҳо) –и шахсият** | **X (хол)** |
|---|---|
| Кори фаъолона бо кӯдакон (дар раванди амалҳои омӯзгорӣ, | 4,8 |

| | |
|---|---|
| баргузории чорабиниҳои варзишӣ ва дигар чорабиниҳо) | |
| Таъсиси машғулиятҳои мустақилонаи беруназсинфӣ | 3,3 |
| Истифодаи шаклҳои гуногуни ташкили таълим | 3,1 |
| Таъмини кумак ба роҳҳои ҷустуҷӯи илмии донишҷӯён | 2,8 |
| Донистани усулҳои фардигардонии таълим | 2,3 |
| Ӯҳдабароёна истифода намудани маводҳои дидактикӣ (барномаҳои таълим, маҷмуаҳои вазифавӣ, бозиҳои корӣ, тавсифи ҳолатҳои педагогӣ барои таҳлил ва ғ.) | 2,2 |
| Истифодаи воситаҳо ва усулҳои гуногун дар таълим | 1,6 |
| Дигар омилҳо | 0,5 |

Инчунин, зарур аст, ки дар раванди таълим дар шуури донишҷӯён тасаввуроти хеле возеҳро дар бораи фаъолияти касбии ояндаашон ташаккул дод, вагарна дар омоданамоӣ ва фаъолияти минбаъдаи омӯзгорони дорои маълумоти олии тарбияи ҷисмонӣ муваффақиятҳоро умед доштан душвор аст.

Ҳамчунин, бояд таъкид намуд, ки дар раванди таҳсил як идда мушкилоте пеш меоянд, ки асосӣ арзёбӣ ёфта, донишҷӯёнро ҳангоми азхудкунии ихтисос ба душворӣ рӯ ба рӯ мекунанд, ки ин ҳолатро тибқи ҷавобҳои онҳо доир ба нишондиҳандаҳои дар ҷадвали 11 омада метавон мушоҳида ва хулосабарорӣ намуд.

Ҷадвали 11

| **Омилҳои ба мушкилот рӯбарӯкунандаи донишҷӯён дар раванди таҳсил** | **X (хол)** |
|---|---|
| Душвориҳои ташкилӣ (таҷҳизонидани бади китобхона, мушкилот дар ҷадвали дарсҳо ва ғайра) | 4,5 |
| Нарасидани вақт барои кори мунтазами мустақилона | 4,1 |
| Ба эътибор нагирифтани сатҳи кунунии омодагӣ | 3,5 |
| Хоҳиш надоштан бобати корҳои таълимӣ ҷалб кардани донишҷӯён | 3,6 |

| | |
|---|---|
| Тайёрии нокифояи назариявӣ - педагогии омӯзгорон дар самти шаклу усулҳои муосири ташкили корҳои таълимии синфӣ ва беруназсинфӣ | 3,4 |
| Таваҷҷӯҳи кофӣ надоштан ба рушди маърифатии донишҷӯён дар раванди таълим | 2,1 |
| Бештар майл доштани омӯзгор ба шаклҳои анъанавии ташкили раванди таълим (дар синф ва варзишгоҳҳо) | 1,3 |
| Набудани мунтазамӣ дар раҳёфти навоварона дар факултет | 0,1 |

Бояд исрор намуд, ки мо сабабҳои гуногуни рӯйдоди чунин ҳолатҳоро дар иртибот ба нуктаҳои зерин: мароми заиф ба таълиму омӯзиш, зарурати ба даст овардани пули иловагӣ, сарбории зиёд дар вақти дарс, тақсимоти нобаробарии сарборӣ дар давоми ҳафта, семестр ва ғ. мансуб медонем. Аммо бештари донишҷӯён мушкилотро дар нокифоягии омодагии феълӣ (актуалӣ) – и худ мебинанд. Яъне, дар онҳо ҳисси худтанқидкунӣ низ мавҷуд аст: чунончи, бо холи баланд (3,6) онҳо хоҳиши мунтазам мустақилона кор кардан надоштанашонро арзёбӣ намудаанду гурӯҳи дигари донишҷӯён зарурати аз ҷониби ҳайати омӯзгорон пешниҳод гаштани дастурҳоро оид ба банақшагирӣ, ташкил ва назорати корҳои таълимӣ қайд кардаанд.

Ҳамчунин, боиси таваҷҷӯҳ аст, ки донишҷӯён дар раванди озмоиш ташхисӣ (муқарраркунанда) нуктаҳои зеринро (Ниг: ба ҷадвали 12) ба ҳайси муҳимтаринҳо қайд карданд: дар навбати аввал - навсозии системаи банақшагирии кори таълимӣ; дар навбати дуввум - таҳияи дастурҳои методӣ барои кори мустақилонаи донишҷӯён ва ба ҳайси яке аз омилҳои ташкилӣ дар навбати сеюм пурра намудани фонди китобхонаҳо, ниҳоят, дар навбати чорум истифодаи самараноки лабораторияҳои илмиро зарур шумоидаанд, ки ин ҳамаро метавон дар ҷадвали 12 мушоҳида намуд:

Ҷадвали 12

| **Омилҳои баланд бардоштани самаранокии таълими тарбияи ҷисмонӣ аз диди донишҷӯён** | **X (хол)** |
|---|---|
| Ҷорӣ намудани технологияҳои нави педагогӣ | 4,1 |
| Таҳияи дастурҳо барои кори мустақилонаи донишҷӯён | 3,8 |
| Пурра кардани фонди китобхонаҳо бо миқдори зарурии китобҳои дарсӣ, адабиётҳои методӣ ва илмӣ | 3,2 |
| Истифодаи самараноки лабораторияҳои илмии факулта | 2,4 |
| Шаклҳои гуногуни назорати ҷорӣ ва даврии натиҷаҳои кори таълимии донишҷӯён | 2,2 |
| Муҷаҳҳаз кардани раванди таълим бо технологияи компютерӣ | 2,1 |
| Омӯзиши ҳамаҷонибаи имконияти вақти донишҷӯён дар тақсимоти корҳои синфӣ ва беруназсинфӣ | 0,5 |
| Омилҳои дигар | 0,2 |

Гуфтан ҷоиз аст, ки ин ҳамаи омилҳои такмили кори таълимӣ, ки дар ҷадвали мазкур номбар шудаанд, ҳангоми татбиқ ва ё роҳандозӣ шуданашон дар раванди таълим ва ё ташкили дарсҳо ба омӯзгор имкон медиҳад, ки барои рушди беҳтарин (оптималӣ) – и шахсияти донишҷӯ шароит фароҳам оварда, ба инкишофи худидоракунии онҳо, зуҳуроти хусусиятҳои шахсии онҳо, ҳамчун имкониятҳои корсоз, барои бомуваффақият азхуд кардани фаъолияти касбии ояндаашон мусоидат намояд.

Дар робита ба нуктаҳои дар боло таъкидшуда, ҳамчунин, бобати ҷамъ намудани маълумот оид ба худбаҳодиҳии омодагии донишҷӯён ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" дар доираи ҳар як ҷузъ ва ё сохтори омодагии махсус ташхис гузаронидем, ки натиҷаҳои он дар ҷадвали 13 пешниҳод шудааст.

**Сатҳи ташаккули ҷузъҳои омодагии донишҷӯён дар асоси натиҷаҳои худбаҳодиҳӣ (%)**

Ҷадвали 13

| Ҷузъҳои омодагӣ | Сатҳи омодагӣ | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Эҷодӣ | Баланд | Миёна | Паст |
| Маромӣ - арзишӣ | 9 | 32 | 54 | 5 |
| Эмотсионалӣ - иродавӣ | 15 | 63 | 18 | 4 |
| Мазмуннокӣ | 47 | 36 | 15 | 2 |
| Амалиёти (оператсионалӣ) | 5 | 19 | 44 | 32 |
| Ҷисмонӣ | 69 | 25 | 4 | 2 |
| Эҷодӣ | 11 | 14 | 46 | 29 |
| Арзёбӣ | 2 | 15 | 52 | 31 |

Чунон ки аз таҳлил ва ё натиҷаҳои омории дар ҷадвали мазкур ироашуда бармеояд, маълум мешавад, ки ҷузъи **маромнокӣ - арзишии** омодагӣ дар байни аксарияти пурсидашудагон дар сатҳи паст қарор доштааст: онҳо изҳори боварӣ намудаанд, ки барои омодагии касбӣ тавaҷҷуҳи мувофиқ ва ниёзи ботинӣ надоранд. Дар ин бобат тахмини мо ин аст, ки нақшаи ҳаётӣ ва касбии онҳо бинобар ҳадафҳо ва вазифаҳои номуайян ҳанӯз ба таври кофӣ дар шуурашон асоснок карда нашудаасту заминаи маромнокӣ ва муносибати арзишиашон ба касб ва таҳсилот ташаккул наёфтааст.

Дар робита ба ҷузъи **эмотсионалӣ - иродавӣ** маълум мешавад, ки хатмкунандагон дар раванди корҳои таълимӣ саъй мекунанд, ки монеаҳо ва душвориҳои эмотсионалиро паси сар кунанд, аммо аксар вақт ба онҳо ирода ва сабри кофӣ барои анҷом додани кори оғознамудаашон ба назар ноустувор мерасанд. Аммо дар раванди таҷрибаи педагогӣ онҳо мекӯшанд, то ки муносибати дурустро ба хонандагон интихоб кунанд, хатоҳои онҳоро босаброна ислоҳ кунанд ва аз унсурҳои дурӯғгӯӣ, такаббур ва мунoқишаҳои беасос дар раванди муошират бо онҳо ҷилавгирӣ кунанд, ки тибқи чунин амалҳои онҳо, донишҷӯён қаноатмандӣ эҳсос намуда, ба иҷрои фаъолиятҳои нав ҳавасманд мегарданд.

**Ҷузъи мазмунии** сатҳи омодагии донишҷӯён, чунон ки аз маълумоти дар ҷадвал баррасишуда бармеояд, дар дараҷаи хеле баланд ифода ёфтааст. Чунончи, қариб нисфи донишҷӯён чунин мешуморанд, ки онҳо дар фанни худ дорои дониши амиқ ва ҳаматарафа буда, мунтазам адабиёти тахассусӣ, методӣ ва илмӣ - оммавиро оид ба ихтисоси худ мутолиа мекунанд ва озодона дар хабарҳои гуногун самтгирӣ менамоянд. Нисфи дигар дониш ва ё имкониятҳои худро каме пасттар арзёбӣ кардаанд, ҳарчанд ки онҳо, одатан, дар соҳаи фанҳои таълимии марбут ба фаъолияти касбӣ дорои дониши васеъ бошанд ҳам.

Хатмкунандагон **ҷузъи амалиёти (оператсионалӣ) - ро** дар худ чун сатҳи пасти омодагӣ арзёбӣ намудаанд. Чунки онҳо боварӣ ба он доранд, ки на ҳама вақт тарзи дурусти интиқол додани донишҳои назариявиро ба фаъолияти амалӣ медонанду на ҳамеша талаботи касби омӯзгори тарбияи ҷисмониро ба хусусиятҳои инфиродии худ нисбат дода метавонанд, на мунтазам маводи зарурии таълимиро интихоб карда метавонанд, на ба тарзи дилхоҳ фаъолияти худ ва хонандагонро ташкил карда метавонанд. Ниҳоят, дарислоҳи хато - камбудиҳои хонандагон низ душворӣ мекашанд. Дар ин бобат, тахмини мо ин аст, ки шояд донишҷӯён барои рафъи мушкилоте, ки бо татбиқи фаъолияти мушаххаси амалӣ алоқаманданд, омода нестанд. Онҳо қобилияти гузоштани ҳадаф, таҳияи барномаи фаъолияти худ ва қабули қарори қатъӣ дар вазъиятҳои гуногуни педагогиро дар худ “тарбия” накардаанд.

Донишҷӯён сатҳи омодагии худро дар иртибот ба **ҷузъи ҷисмонӣ** хеле баланд арзёбӣ кардаанд. Аниқтараш, аксари донишҷӯён ба худтакмилдиҳии ҷисмонӣ ниёз доранд, ҳар як донишҷӯи дуюм боварӣ дорад, ки вазъи саломатӣ, рушди инфиродӣ ва омодагии ҷисмонии ӯ ба талаботи фаъолияти омӯзгорӣ ва коршоямии касбӣ ҷавобгӯ мебошад. Бешубҳа, ин натиҷаи он аст, ки тайёрии варзишӣ, чи дар доираи донишкада ва чи дар маҳфилҳои варзишӣ (Бисёр донишҷӯён маҳорати худро дар онҳо такмил медиҳанд), қисми асосии раванди таълим маҳсуб меёбад.

Тавре дар ҷадвал омадааст, ба донишҷӯёни факултети табиатшиносӣ ва тарбияи ҷисмонӣ сатҳи **ҷузъи эҷодии** омодагӣ нисбат ба ҷузъи ҷисмонии

омодагиашон хеле паст арзёбӣ шудааст. Ба ифодаи дигар, ҳарчанд онҳо ба ғояҳои нави педагогӣ муносибати мусбӣ доранд, аммо дар амалия онҳоро начандон ба таври кофӣ татбиқ мекунанд. Хусусан, дар вазъиятҳои ғайристандартии таълимӣ онҳо “худро гум мекунанд” ва муносибати стереотипиро ба кор авлотар медонанд. Аксарияташон ба фаъолияти таълимию маърифатӣ назари мустақилона ва аслӣ (оригиналӣ) надоранд.

Дар ҷадвали мазкур (13), ҳамчунин, **ҷузъи арзёбии** омодагии донишҷӯён дар дараҷаи ҳадди ақал баррасӣ гардидааст. Чунончи, ҳамаи иштирокчиёни пурсиш изҳор намудаанд, ки онҳо ҳангоми таҳлил ва ё баҳодиҳӣ ба фаъолияти худ ба мушкилот дучор мешаванд, аз хатоҳои худ ва дигарон, аз натиҷаҳои манфии фаъолияташон хулоса баровардан барояшон душвор аст. Гумон меравад, ки онҳо аз қобилиятҳои инфиродии худ пурра огаҳӣ надоранду маромнокии устувори худдигаргунсозӣ ва худтакмилдиҳии фаъолият дар онҳо ҳанӯз ба қадри кофӣ ташаккул наёфтааст, ки ин ҳама дар мавҷуд набудани тасаввуроти возеҳ дар бораи симои “Ман” - и худ ифода меёбад.

Дар маҷмуъ, нишондиҳандаи маҷмӯии (интегратсионии) омодагии донишҷӯёни курсҳои болоӣ ва хатмкунандагони факултети табиатшиносӣ ва тарбияи ҷисмонӣ барои таълими фанни “Тарбия ҷисмонӣ” дар сатҳи гуногун қарор дорад. Аниқтараш, натиҷаи озмуни муқарраркунанда маълум намуд, ки 26,1% - и донишҷӯён сатҳи пасти омодагӣ ба касб доранду танҳо 5,6% - и донишҷӯён дар дараҷаи омодагӣ ва эҷодкорӣ қарор доранд.

Дар маҷмуъ, сатҳ ва рушди омодагии донишҷуёнро, тибқи маълумотҳои аз раванди озмоиши муқарраркунанда бадастомада, дар диаграммаи зерин (расми 1) низ баррасӣ намудем, ки зимни он ҳар кас метавонад, хулосабарорӣ намояд.




Расми 1. Сатҳи ташаккули омодагии донишҷуён ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” (%)

Ҳамин тариқ, таҳлили маълумотҳои бадастомада аз раванди озмоиши муқарраркунанда моро имкон дод, ки камбудиҳои асосии раванди таълимро дар факултети табиатшиносӣ ва тарбияи ҷисмонӣ муайян намуда, бобати рафъи камбудиҳои дар фавқ муаррифигашта методҳо ё худ технологияи муаллифиро ҷиҳати ташаккули омодагии омӯзгорони оянда таҳия ва татбиқшавандагии онро дар раванди озмоиши ташаккулдиҳанда мавриди санҷишу ташхис қарор диҳем, ки фасли навбатии кор маҳз ҳамин нуктаро фарогир аст.

## 2.3 Технология (барнома) - и ташаккули омодагии донишҷӯён ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” ва роҳҳои татбиқи он

Ҷустуҷӯи роҳҳои баланд бардоштани сифати тайёрии омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ моро водор намуд, ки технологияи таълими курси “Назария ва методикаи таълими фанни тарбияи ҷисмонӣ” - ро аз диди худ таҷдиди назар намоем. Зеро маҳз тавассути такмил додани раванди таълими ҳамин фан иҷрои ҳадафҳои асосӣ - ҳамгироии донишҳои назариявӣ ва малакаҳои амалии донишҷӯён дар давоми таҳсил таъмин карда шавад. Барои он ки асосан, фанни мазкур хусусиятҳои фаъолияти касбии омӯзгори ояндаи тарбияи ҷисмониро дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва касбии сатҳҳои гуногун бештар фарогир мебошад. Аз ин лиҳоз, ҳадафи асосӣ ҳангоми таҳия ё худ такмил додани

технологияи таълимие, ки он (технология) бобати ташаккули омодагии омӯзгорони оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” бояд мусоидат намояд, ин – бештар такя намудан ба шахсияти донишҷӯён, майлу қобилиятҳои ӯ, инчунин, ба талаботи татбиқи эҷодкоронаи системаи дониш, малака ва маҳоратҳои касбии онҳо маҳсуб меёбад.

Ба ҷуз аз ин ҳадафҳо, моро лозим омад, ки ҳангоми таҳияи барномаи **озмоиши ташаккулдиҳанда** хулосаҳо ва ё натиҷаи маълумотҳои дар раванди **озмоиши муқарраркунанда** бадастовардашуда (Норасогиҳои дар ташкили кори таълимӣ мавҷудбударо, ки донишҷӯён номбар кардаанд ва роҳҳои такмил додани он; афзалиятҳои донишҷӯёнро дар бобати тарзҳои ташкил, идора ва назорат аз болои корҳои синфӣ ва беруназсинфии онҳо, инчунин, натиҷаҳои худбаҳодиҳии сатҳи омодагӣ ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” аз тарафи хатмкардагони факултет) – ро ба инобат гирем.

Бояд исрор намуд, ки дар доираи таҳияи технологияи такмилёфта пешниҳоди принсипҳои муайяне дар мадди назар буд, ки бояд ба ҳайси як навъ меъёрҳои интихоби воситаҳо ва усулҳои мундариҷаи предмети таълим дар раванди ташаккули омодагии донишҷӯён ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” мусоидати амалӣ менамуданд. Аммо мо, дар навбати аввал, дар таҳқиқоти худ ҳангоми таҳияи технологияи ташаккул додани омодагии муаллимониояндаи тарбияи ҷисмонӣ ба принсипҳои маъмуле, ки дар илми педагогика роҳандозӣ мешаванд, аз ҷумла, ба принсипҳои зерин такя намудем:

1. Ба принсипи **мукаммалият**, ки талаботи асосии он муаррифии ягонагии органикии корҳои таълимӣ, илмӣ ва маърифатӣ, ҳамкории зичи ҳама гуна шаклҳо ва усулҳои ташаккули шахсияти эҷодӣ буда, истифодаи воқеии он ҳамеша дар раванди таълим ва дар машғулиятҳои беруназсинфӣ дар мадди назар аст. Илова бар ин, ба ақидаи мо, принсипи мукаммалият бояд ба рушди равандҳои дигари фаъолияти омӯзгорониояндаи таълими тарбияи ҷисмонӣ мусоидат кунад. Чунончи:

• ба афзоиши таваҷҷӯҳ ба фаъолияти касбии оянда;

• ба ташаккули арзёбии субъективии мундариҷаи фанҳои таълимӣ ҳамчун амалан муҳим ва муфид;

• бобати таъмини самаранокӣ дар азхудкунии мундариҷаи мавзуи курс;

• ба рушди неруи зеҳнӣ;

• ба барҳам додани камбудиҳо дар сохтори фаъолияти таълимӣ.

2. Ба принсипи **проблеманокӣ,** ки дар раванди таълим ба рушди қобилият ва тафаккури эҷодии донишҷӯён мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, тибқи истифода аз принсипи мазкур, дар ҳар як дарс мақсад гузошта мешавад, ки дар донишҷӯ қобилияти фикр намудан, таҳлил намудани иттилоот дар вазъиятҳои гуногуни педагогӣ, мустақилона ҷустуҷӯ намудан, ба низом даровардан ва ба кор бурдани дониши нав ташаккул дода шавад. Ҳамчунин, истифода аз ин принсип дар мавриди иҷрои вазифаҳои мунтазам мураккабшаванда дар тафаккури донишҷӯён вазъияте ба вуҷуд оварда мешавад, ки барои баромадан аз он (қарор қабул кардан, ҷавоб ёфтан ва ғ.) дониши доштаашон кифоят намекунад ва маҷбур мешаванд, ки худашон фаъолона бо кӯмаки ҳамдигар, ё худ омӯзгор донишҳои нав ба даст биёранд. Ҳамин тариқ, донишҷӯён дониши навро на аз шарҳи тайёри омӯзгор, балки дар натиҷаи фаъолияти мустақилонаи худ ба даст меоранд. Ин ба даст овардани донишҳои нав аз лиҳози субъективӣ барои ҳар як донишҷӯ, ҳамчун кашфиётҳои шахсӣ, маҳсули ҷамъбастнамоиҳо, хулосаҳо ва ё натиҷаи меҳнати маърифатии шахсӣ маҳсуб меёбад. Ба ифодаи дигар, таассуроти муаллифи донишҳои нави бадастомада будан дар донишҷӯён боиси пайдо гаштани эмотсияҳои мусбӣ хоҳад гашт, ки ин дар навбати худ омили нави худтакомулёбии онҳо хоҳад буд [96:58 - 69].

3. Ба принсипи **ягонагии назария ва амалия,** ки дар он мутобиқати фаъолияти таълимӣ ба хусусияти тамоюли касбии донишҷӯён ифода меёбад. Ташкили фаъолияти таълимӣ аз рӯи табиати худ бояд ба ҳадди ақал ба мундариҷаи фаъолияти касбӣ наздик бошад, онро ташаккул диҳад ва ба ин васила, дар якҷоягӣ бо принсипи **таълими проблемавӣ** гузаришро аз идроки ғайрифаъол (пассив) - и донишҳои тайёр ба фаъолона ва амалан истифода намудани он донишҳо таъмин намояд. Хуллас, амалан истифода шудани дониш

ва корбурди мундаричаи иттилоотии он ҳатмӣ асту методҳо ва воситаҳои азхуднамоии онҳо бояд заминавӣ ва амалкунанда бошанд. Ниҳоят, далели муҳим он аст, ки дар раванди роҳандозии принсипҳои номбурда, дар баробари азхудкунии мундаричаи фанҳои курсҳои омӯзишӣ, усулҳои азхудкунии гирифтани донишҳои нав ва унсурҳои омодагии донишҷӯён ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" низ сурат мегирад.

4. Принсипи **омӯзиши тарафайн**. Хеле муҳим аст, ки татбиқи принсипи омӯзиши тарафайн дар вазъияти мушаххаси таълимӣ, ҳамчун ҳолати ягонагӣ ва омезиши ҷудонопазири маҳсули психологӣ ва функсионалии фаъолияти педагогӣ, амал мекунад. Дар ин ҷо омӯзгор ҳамеша вазъияти масъалагузориро аз ҷумла, фаъолияти эҷодии дидактикӣ – дар як вақт истифодаи таҷриба ва дониши коллективонаи донишҷӯёнро барои ғанигардонии фаъолияти ҳамдигар тарафайн дар раванди таълим ҳал мекунад. Зеро маҳз дар чунин раванд бобати рушд ва истифодаи захираи малака ва маҳоратҳои педагогии омӯзгори оянда имконият ва ё вазъияти масъалагузории педагогӣ ба вуҷуд меояд. Аз тарафи дигар, чунин вазъияти таълимӣ, ки мувофиқи принсипи омӯзиши тарафайн эҳё мегардад, боиси  дар донишҷӯён ташккул ёфтани як қатор малакаҳои барои фаъолияти ояндаи омӯзгорӣ зарурӣ аз қабили қобилияти ташкилотчигӣ ва педагогӣ боиси тағйироти қолабҳои шаклгирифтаи маърифатӣ, эмотсиоалӣ ва намунаҳои рафтор гардида, ҳамзамон, баланд гаштани масъулиятро барои ба даст овардани натиҷаҳои умумӣ тақозо мекунад.

Бояд донист, ки дар раванди таълим донишҷӯён ногузир ба ҳолатҳое дучор меоянд, ки дар таҷрибаи худ ба онҳо монандашро вонахӯрдаанд. Аз ин рӯ, барои ҳалли чунин ҳолатҳо (масъалаҳо) аз онҳо малакаи таҳқиқи мушкилот ва корбурди падидаҳои нав азхуднамуда  талаб карда мешавад, ба шарте ки чунин захираи нави донишу малакаҳо дар онҳо пешакӣ ҷамъ ё худ аз бар шуда бошанд.

Дар воқеъ, зимни анкетаҳои гузаронидашуда мо ба хулоса омадем, ки донишҷӯёни факултети табиатшиносӣ ва тарбияи ҷисмонӣ дар худ аҳамияти ташаккули ниёз ба худомӯзиро хеле баланд арзёбӣ мекардаанд.

Бахусус, зарурати ҳидоят намудани донишҷӯён дар доираи принсипи худомӯзӣ ҳангоми ташкили раванди таълим дар факултети табиатшиносӣ ва тарбияи ҷисмонӣ аз он ваҷҳ зарурат дорад, ки чунин принсип боиси инфиродикунонии фаъолияти таълимии ҳар як донишҷӯро дар ҷодаи худшиносӣ, худбаҳодиҳии мунтазам, талоши фаъолона ҷиҳати пурра намудан ва такмил додани донишҳо ва малакаҳои худ сафарбар мекунад.

Инчунин, дар донишҷӯён – омӯзгорони оянда, эҳё гардидани як идда қобилиятҳо, аз ҷумла, қобилияти худтанзимкунии фаъолияти таълимӣ, гузориши мустақилонаи ҳадафҳо ва вазифаҳои таълимӣ, қобилияти идоракунии амалҳои таълимӣ ва ба меъёр даровардани вақти таълимии худ ҳар донишҷӯро ба ҳайси дорандаи сифатҳои муҳимтарини субъекти рушдёфта дар ҷодаи фаъолияти таълимӣ муаррифӣ менамояд. Чунки дар адабиёти педагогӣ ва психологӣ - педагогӣ таъкид шудааст, ки барои пайдоиши қобилият ба худтаълимдиҳӣ ва худомӯзӣ маҷмӯи шароитҳои ба ҳам алоқаманд заруранд. Аммо, аз натиҷаҳои дар раванди озмоиши муқарраркунанда бадастомада мо ба хулоса омада будем, ки дар аксарияти донишҷӯёни факултети табиатшиносӣ ва тарбияи ҷисмонӣ ин хусусиятҳо ба қадри кофӣ ташаккул наёфтаанд ё дар сатҳи ташаккули онҳо номутаносибӣ мушоҳида карда шуд, ки ин ҳолат, дар навбати худ, бобати татбиқи принсипи худтаълимдиҳӣ ва худомӯзӣ дар фаъолияти таълимии онҳо (донишҷӯён) баъзе мушкилотро ба вуҷуд меовард.

Ба андешаи мо, рафъи душвориҳои мазкур дар сурате имконпазир мегардад, ки агар хусусиятҳои инфиродии ҳар як донишҷӯ ба инобат гирифта шуда, роҳҳои беҳтарини (оптималӣ) - и дарк ва коркарди иттилооти таълимӣ, озодии интихоби таносуби кори мустақилона, инфиродӣ ва синфӣ, вақти кифоя ва роҳҳои ҳифзи натиҷаҳои фаъолият дар онҳо эҳё карда, вобаста ба ин ҳама, раванди таълим низ бо дарназардошти **принсипи фардигардонӣ** тарҳрезӣ карда шавад.

Бояд таъкид намуд, ки принсипи мазкур – принсипи фардигардонӣ, яке аз воситаҳои ташкили фаъолияти таълимӣ бо назардошти қобилият ва имкониятҳои фардии донишҷӯён роҳандозӣ карда мешавад. Яъне принсипи

мазкур дар раванди омода кардани омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ аҳамияти баландро доро мебошад.

Мо қаблан таъкид намуда будем, ки хусусияти фарққунандаи ин гуна донишҷӯён гуногун будани онҳо вобаста ба нишондиҳандаҳои заминавии фаъолияти таълимиашон мебошад. Аз ин рӯ, дар як қатор муассисаҳои таълимӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд, то ки ба масъалаи ташкили гурӯҳҳои таълимӣ зимни таҳияи барномаҳои кории дорои муносибати тафриқавӣ таъсис дода шавад, аммо ба низом даровардани чунин гуногунрангӣ ба таври дилхоҳ рух намедиҳад.

Ҳамчунин, лозим аст, ки дар раванди таҳсилот дар мадди назар доштани **хусусиятҳои психофизиологӣ**, аз ҷумла, синну сол, мутобиқшавӣ ба раванди таълим, қобилияти дарки чизҳои нав, суръати реаксияҳои нейропсихикӣ, динамикаи коршоямии зеҳнии таҳсилкунандагон ва ғайра низ муҳиманд. Чунки хусусиятҳои фардӣ - психологии номбаршуда дар ҷараёни таълиму тарбия истифодаи чунин шаклу усулҳои таълимро талаб мекунанд, то ки ба қадри имкон, хусусиятҳои фардии ҳар як донишҷӯро фаро гирифта, амалишавии принсипи фардигардонии раванди таълимро таҳким бахшад.

Ҳамин тавр, тавсифи он ҳама принсипҳои баррасишуда ба мо имкон медиҳад, таъкид намоем, ки роҳандозӣ намудани онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, бахусус, дар ташаккули омодагии донишҷӯён ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” шароити зарурии ташкилию педагогиро фароҳам хоҳанд овард.

Ҳамчунин таъкид намуд, ки технологияи таҳиянамудаи мо, ба ҷуз принсипҳо ва шароитҳои зикргардида, ки омилҳои беҳтарини омодасозии мутахассис – омӯзгори ояндаи таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” – ро фаро мегиранд, инчунин, фарогири нуктаҳои зерин ҳам мебошанд:

- шаклҳо, методҳо, усулҳо ва воситаҳои ташкилии таълимро;
- мундариҷаи фан (ба донишҷӯён чиро таълим додан) ва механизми амалиётӣ (чӣ гуна таълим додан ба донишҷӯёнро);
- пайдарпайии татбиқи технология;

- нишондиҳандаҳои ташаккули омодагӣ ва меъёрҳои самаранокии технологияи педагогиро;
- маҷмуи воситаҳое, ки ба ташхиси таъсироти рушддиҳандаи технология нигаронида шудаанд.

Инчунин, бояд таъкид намуд, ки технологияи ташаккули омодагии таҳиянамудаи мо дар доираи се модул баррасӣ шуда, ҳар яке дорои қисмати мукаммал, мантиқӣ бо вазифаҳои худ, мундариҷа, усулҳо ва воситаҳои таълимӣ ва ташхисии худ буда, ҳамаи бахшҳои фанни “Назария ва методикаи таълими тарбияи ҷисмонӣ” - ро дар бар гирифтааст.

Ҳамчунин, гуфтан лозим аст, ки технологияи таҳияшуда фаъолият ва ташаккули омодагии омӯзгорони ояндаи фанни тарбияи ҷисмонӣ ва фаъолияти донишҷӯёнро, асосан, дар давраи таҳсилашон дар курсҳои 3 то 4 баррасӣ мекунад.

Метавон бо боварӣ таъкид намуд, ки давра ба давра ва ё ба тарзи зинавӣ роҳандозӣ шудани мундариҷаи сохтори модулии технологияи таҳияшуда ба раванди ташаккулёбии омодагӣ мусоидат карда, имкон медиҳад, ки дар ҳамин замина мониторинг (ташхис) - и педагогӣ гузаронида шавад.

Бояд гуфт, ки ҳар як модули таҳиякардаи мо, шартан се марҳиларо фаро мегирад. Чунончи:

**1. Марҳилаи назариявӣ ва амалӣ**, ки ин марҳила барои ташаккули омодагӣ ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” заминаи иттилоотӣ ба вуҷуд меорад. Дар раванди корбурди марҳилаи мазкур донишҷӯён дониши нави назариявӣ гирифта, онро бо донишҳо, маҳоратҳои амалӣ ва малакаҳои аллакай мавҷудбуда, ки дар ҷараёни омӯзиши фанҳои умумии касбӣ ва фаннӣ ба даст овардаанд, ба низом медароранд. Аниқаш, дар ин марҳила шаклҳои асосии ташкили фаъолияти таълимии донишҷӯён бо мақсади азхудкунии мундариҷаи фан дар раванди таълимии навъи академикӣ - дар доираи лексияҳо ва семинарҳо сурат мегирад.

**2. Марҳилаи таҳқиқотӣ**, ки дар ин марҳила истифодаи донишҳои назариявӣ, малакаҳо ва маҳоратҳои амалӣ дар фаъолияти илмӣ - таҳқиқотии

донишҷӯён дар мадди назар мебошад. Мо дар ин давра роҳандозӣ шудани корҳои таълимӣ - таҳқиқотиро ҷузъи хеле муҳими таълим арзёбӣ мекунем, чунки он имкон медиҳад, то фаъолии эҷодии омӯзгори ояндаи фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” амалӣ карда шавад. Инчунин, бояд таъкид намуд, ки дар ин марҳила на танҳо маҳорати истифода намудани донишҳои андӯхта дар шароити фаъолияти касбӣ, балки мустақилона омӯхтан ва ҳалли самараноки масъалаҳои муҳимми касбӣ бояд аҳамияти хосаро касб кунад.

Масалан, яке аз роҳҳои татбиқи масъалаи мазкур бо роҳнамоии омӯзгорон ворид намудани фаъолияти таҳқиқотии донишҷӯён ба раванди таълим ва идоракунӣ мебошад. Дар муассисаҳои олии муосир зарур аст, ки ҳангоми тайёр кардани мутахассисон дар донишҷӯён ниёзро ба ошноии мунтазам бо адабиёти илмӣ рушд дода, дар онҳо қобилият ба тафаккури эҷодӣ низ тарбия ва малакаҳои иҷрои корҳои илмиро дар онҳо парвариш намуд ва ба онҳо, бо назардошти тамоюлҳои рушди таҳсилоти муосир, маҳорату малакаҳои мустақилона қабул намудани қарорҳои оқилона ва дурандешонаро омӯзонид.

Хулоса, дар марҳилаи мазкур донишҷӯён ба ҷустуҷӯи мустақими илмӣ ҷалб карда мешаванд. Онҳо бояд бо суръати инфиродӣ, вале таҳти назорати муаллим вазифаҳои дар наздашон гузошташударо иҷро карда, дар рушди малакаҳои касбӣ саҳм мегирифтагӣ шаванд. Ҳамзамон, вазифаи омӯзгор дар ин марҳила аз он иборат аст, ки ба шогирд дар ёфтани амсила (модел) - и барои ӯ мувофиқ, судмандтарин услуби кор кӯмак расонад, вале тавассути стандартикунонии тамоми усулҳо ва воситаҳои кор барои тамоми донишҷӯёнро дар як раванд ҳидоят намудан кӯшиш накунад, ки чунин амал берун аз имкон аст.

3. Марҳилаи сеюм **марҳилаи таълимӣ ва касбӣ** буда, дар раванди он дониш ва малакаҳои дар марҳилаҳои аввал ба даст овардашуда дар фаъолияти амалии донишҷӯён боз ҳам мустаҳкам гардида, мукаммалият бештар шуда, инчунин, технологияи таълими фанни “Назария ва методикаи таълими тарбияи ҷисмонӣ” коркард мегардад, то ки дар раванди роҳандозӣ шудани он дараҷаи муайяни омодагии донишҷӯён ва муносибати маромӣ - арзишии онҳо ба касби

интихобкардаашон ташаккул дода шавад. Дар ин раванд, ё худ марҳила, шаклҳои асосии ташкили фаъолияти донишҷӯён **саёҳат (экскурсия) - и таълимӣ, амалияи педагогӣ, бозиҳои корӣ ва машваратҳои гуногун** маҳсуб меёбанд.

Зимнан, бояд таъкид намуд, ки ҳамаи марҳилаҳои дар боло тавсифшуда бо ҳам вобастагии қавӣ дошта, натиҷаи татбиқи ҳар яки онҳо омодагӣ ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ”- и донишҷӯён – омӯзгорони ояндаро дар сатҳҳои гуногун: **эҷодӣ, баланд, миёна ва паст** таъмин месозад.

Умуман, бояд афзуд, ки ҳадафи асосии озмоиши ба ном **озмоиши ташаккулдиҳанда** таъсисдодаи мо, ки низ дар доираи технологияи педагогии аз тарафи мо таҳияшуда бобати ташаккул додани омодагии омӯзгори ояндаи тарбияи ҷисмонӣ ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” бахшида шуда буд, ки дар раванди баррасии он мо дар назди худ иҷрои вазифаҳои зеринро дар мадди назар доштем:

а). муайян кардани сатҳи ибтидоии омодагии омӯзгорони оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ”;

б). татбиқи технологияи нав таҳияшудаи педагогии ташаккули омодагии донишҷӯён ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ”;

в). муайян намудани шароитҳои беҳтарин (оптималӣ) - и татбиқи технология дар раванди таълим;

г). пайгирӣ намудани динамикаи инкишофи меъёрҳои омодагии донишҷӯён барои таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ”;

д). дақиқ намудани самтҳои минбаъдаи рушди технологияи ташаккулдиҳандаи фаъолияти омодагии омӯзгорони оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ”.

Бори дигар мебояд хотиррасон намуд, ки ин озмоиш яъне озмоиши ташаккулдиҳанда, дар факултети табиатшиносӣ ва тарбияи ҷисмонии ДОТП ва факултети тарбияи ҷисмонии ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров пеш аз ҳама, дар заминаи фанни “Назария ва методикаи таълими тарбияи ҷисмонӣ” ва баъдан, дар заминаи технологияи дар доираи фаҳмишҳои худӣ таҳиянамудаи мо таъсис

дода шуд, чунки ин фан маҷмуи донишҳои назариявӣ ва малакаҳои амалии дар ҷараёни омӯзиши курсҳои гуногуни қаблан омӯхтаи донишҷӯёнро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, мо дар вақти таҳқиқот кӯшидем, то ки нақш ва аҳамияти омӯзиши фанни “Назария ва методикаи таълими тарбияи ҷисмонӣ” - ро дар ташаккули шахсияти ҳар як донишҷӯ, ташаккули омодагии ӯ ба таълими фанни мазкур намоиш диҳем. Зеро ин курс ҷузъи ҳамгиро бо мундариҷаи умумии фанҳои дигари таълимӣ буда, воситаи асосии пайвандгари илмҳои ба тарбияи ҷисмонӣ ироашаванда махсуб ёфта, татбиқи маҷмуи корҳои таълимӣ ва илмӣ - таҳқиқотиро дар заминаи фанҳои барои донишҷӯён асосӣ пешбинӣ мекунад.

Бахусус, бо мақсади роҳандозӣ намудан ва ё санҷиши технологияи таҳияшуда дар раванди озмоиши ташаккулдиҳанда (таълимӣ) дар ҳайати 35 – нафарӣ (ҷамъ 70 нафар) донишҷӯёни факултети табитшиносӣ ва тарбияи ҷисмонӣ ДОТ дар шаҳри Панҷакент ва факултети тарбияи ҷисмонии ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров гурӯҳи озмоишӣ ташкил карда шуда, дар муддати 3 семестр ҳамин технологияи коркарднамуда мавриди истифода қарор дода шуда, ҳамзамон, барои муқоиса намудани натиҷаҳои озмоиши мазкур дар ҳайати 70 нафар донишҷӯён аз ин ду муассисаи олӣ гурӯҳи назоратӣ ташкил карда шуд, ки санҷиши гурӯҳи мазкур бояд дар доираи технологияи анъанавӣ (таҷрибавӣ) сурат мегирифт.

Пеш аз оғози ба роҳ мондани ин ду навъи эксперименти педагогӣ ҳолати ибтидоии донишҷӯёни гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ аз тарафи омӯзгорон муайян карда шуд. Дар ин раванд, тибқи истифода аз усулҳои омории математикӣ мавҷуд набудани фарқияти оморӣ бобати дониш, маҳорат ва малакаҳои омӯзгорӣ дар байни гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ вобаста ба меъёрҳои интихобшуда дақиқ карда шуд.

Ба маврид аст, таъкид намоем, ки ҳангоми таълими курси озмоишӣ, мо намудҳои гуногуни лексияҳоро аз қабили лексияи назоратӣ, лексия -нишасти матбуотӣ ва лексияҳои проблемавӣ (лексияи навъи таҳлилӣ, лексияи навъи намунавӣ, лексияи проблемавӣ) – ро истифода бурдем, ки роҳандозии ин

амалҳо моро имкон медоданд, то ки масъалаҳои педагогии дар раванди рушди зеҳнӣ ва ҷисмонии донишҷӯён рухдиҳанда низ ҳал карда шаванд.

Дар ҷараёни таҳқиқот ё худ озмоиши ташаккулдиҳанда барои рушд додани ҳавасмандии мусбии донишҷӯён ба касби интихобкардаашон аз усулҳои таъсиррасони педагогӣ, аз ҷумла, аз усулҳои зерини боваркунонӣ низ истифода намудем:

- **аз усули заминавӣ (фундаменталӣ)**, ки зимни ин усул муроҷиати мустақим ба донишҷӯ дар мадди назар буда, дар ин раванд ба ӯ маҷмуи маълумоте дода мешавад, ки дар асоси хулосаҳои таҳқиқоти заминавии мутахассисони пешбар ба даст омадаанд;

- **аз усули зиддият**, ки он ба муайян кардани зиддиятҳо дар далелҳои аз тарафи донишҷӯ пешниҳодшуда ва тафтиши ҳамаҷонибаи далелҳои омӯзгор истифода (ироа) мешавад;

- **аз усули "хулосабарорӣ**", ки зимни истифодаи далелҳо на якбора, балки марҳила ба марҳила, тибқи санҷишҳои боварибахш, пешниҳод мегарданд;

- **аз усули задакунонӣ**, ки он дар раванди далелҳои овардаи донишҷӯ истифода мешавад (ту худат мегӯи, ки ...).

Дар раванди озмоиш, ҳамчунин, аз **усули боваркунонӣ**, ки дар заминаи он шарҳи моҳияти падида, робитаҳои сабабу натиҷа, шарҳ додани аҳамияти ҳалли масъалаи мушаххас ва такя намудан ба тафаккури таҳлилӣ дар мадди назаранд. Ҳангоми истифодаи ин усул мо зимни равшанӣ андохтан ба аҳамияти вазифаи иҷрошаванда ва ё имконияти иҷрои он пардохта, нуқтаҳои назари гуногунро оид ба ҳамон як масъала пешниҳод намуда, ба донишҷӯён имкон додем, ки бо мақсади ҳалли масъалаҳои интихобкардаи худ далелҳо пешниҳод намоянд; хусусиятҳои фардии донишҷӯ, сатҳи маърифатӣ ва фарҳангии ӯро ба назар гирифта, кӯшиш намудем, ки маводи таълимиро бо донишҷӯён бо далелҳо ва то ҳадди имкон равшану возеҳ пешниҳод намуда, баъдан, санҷем, ки оё иттилооти барояшон дастрасшударо дуруст дарк кардаанд ё не ва дар иртибот ба нуктаи охир ба донишҷӯёни фаъол такя намудем, то онҳо дигар донишҷӯёнро ба

муҳокимаи фаъолонаи масъала ва қабули қарор оид ба онҳо (масъалаҳо) водор намоянд.

Ҳамчунин, дар раванди озмоиш аз усули дигари ташаккули маромнокӣ, ки **талқиннамоӣ** маҳсуб меёбад, истифода намудем, ки он на ба мантиқ, балки ба эмотсияҳои донишҷӯ таъсир мерасонад. Тавассути истифода аз усули талқиннамоии мустақим ва ғайримустақим фаъолии донишҷӯёнро ба самти дилхоҳ равона карда, мо тавонистем, ки дар раванди он, асосан, ба самти эмотсионалӣ - иродавии онҳо таъсир расонем. Инчунин, ҳангоми талқиннамоии ғайримустақим, усулҳои зерин низ роҳандозӣ карда шуданд. Чунончи:

- ба донишҷӯ, ҳамчун намуна дар бораи дигар донишҷӯёни фаъол ва ё рӯйдодҳои ибратбахш нақл карда мешуданд;

- дар ҳузури донишҷӯ ба донишҷӯёни дигар муроҷиат карда мешавад ва ё матне пешниҳод карда мешавад, ки оид ба ғоя ва сужаи он худи ӯ хулосаҳояшро иброз намуда тавонад;

- пешниҳоди ибораҳои нотамом, то ки донишҷӯ онро худаш ба итмом расонда тавонад;

Умуман, бояд зикр намуд, ки истифода намудан аз усулҳои **боваркунонӣ** ва **талқиннамоӣ** ҳангоми идоракунии раванди ташаккули эътиқод ва маромҳои интихоби дурусти касби додашуда дар асоси ба назар гирифтани хусусиятҳои фардӣ - психологии шахсияти донишҷӯ бештар роҳандозӣ мегарданд.

Илова ба метод ва усулҳои дар боло зикршуда, дар раванди озмоиш маҷмӯи усулҳои зерин низ истифода шуданд:

• ҳангоми кор бо донишҷӯён (махсусан, дар мусобиқаҳо) ба назар гирифтани хусусиятҳои давраи ҷавонӣ (дӯстӣ, муҳаббат, ҳисси камолот, мустақилият ва ғ.);

• истифода аз тавзеҳот дар мавриди пайдоиши мушкилот дар машғулиятҳои таълимӣ, тамринҳо, мусобиқаҳо тибқи шиори “Аз мушкилот набояд дурӣ ҷуст, балки онро бояд эътироф ва ҳал кард”;

• аз барномарезии чорабиниҳои оянда дар машғулиятҳои омӯзишӣ бо истифода аз дастрасии иттилооти зарурӣ дар бораи чорабиниҳои мазкур ва дар сурати набудани чунин иттилоот;

• истифода намудан аз системаи ҳавасмандгардонӣ барои иштирок дар семинарҳо, машғулиятҳои омӯзишӣ - тамринӣ, мусобиқаҳо (барои ирода ба ғалаба, барои кори курсии беҳтарин, барои дарси дуруст ва эҷодкорона гузаронидашуда ва ғ.);

• ҳавасмандгардонии рушди касбии донишҷӯ (дар васоити ахбори омма, сафар намудани ӯ ба мусобиқаҳо, мукофотонидан бо либоси варзишӣ ва ғайра);

• истифода аз системаи мураббигӣ, ки дар ин раванд донишҷӯи нав ба донишҷӯи ботаҷриба вобаста карда мешавад ва ғ.

Мо чунин мешуморем, ки истифодаи усулҳои дар боло номбаршуда дар раванди кор бо донишҷӯён имконият медиҳад, ки дар онҳо эътимод ба ҳисси шаъну эътибори худ, муносибати мусбӣ ба дарсҳо ва фаъолияти касбии дарпешистода, ниҳоят, омодагиашонро барои такмили минбаъдаи корҳои таълимӣ ва варзишӣ мустаҳкам гардад. Дар маҷмӯъ таҷрибаи мо нишон дод, ки самараи бештар дар азхудкунии мундариҷаи курс ба донишҷӯён дар сурате ба даст меояд, ки агар омӯзгор усулҳои гуногуни таълими фаъолро дар раванди таҳсил ба таври ногусастанӣ муттаҳид кунад. Аз ҷумла, агар аз усулҳои лексия - сӯҳбат; даъват ба таҳқиқоти дастаҷамъӣ (“ҳуҷуми зеҳнӣ”); лексия - муҳокима; лексия - машварат; машварати гурӯҳӣ, тарроҳӣ дар шакли бозӣ, бозиҳои тақлидии педагогӣ ва ғайра истифода намояд.

Масалан, дар ҷараёни лексияҳо аз фанни “Назария ва методикаи таълими тарбияи ҷисмонӣ” мо ба донишҷӯён на танҳо ҳаҷми муайяни донишро пешниҳод кардем, балки татбиқи қарорҳои ғайристандартӣ, тағйир додани тактикаи рафтор вобаста ба шароити воқеиро омӯзонидем, яъне дар онҳо тафаккури педагогиро тавонистем, ки инкишоф диҳем.

Инчунин, дар раванди озмоиши ташаккулдиҳанда донишҷӯён вазифадор карда шудаанд, ки дар асоси бахшҳои калидии барнома харита -супоришҳо низ таҳия намоянд. Ин амал – таҳияи харита – супоришҳо аз тарафи донишҷӯён

моро имкон медод, ки муносибати шахсӣ - фаъолиятии онҳо ба раванди таълим, ғояҳои педагогикаи ҳамкорӣ ва тамоюли шахсиятошон мавриди омӯзиш қарор дода шавад. Муҳимияти ин амал иборат аз он буд, ки дар раванди он бобати иҷрои вазифаҳои пешниҳодшуда ба донишҷӯён озодии ҳадди ақалро барои худтатбиқнамоии эҷодӣ фароҳам меовард.

Бояд таъкид кард, ки омодасозии харита - супоришҳои педагогӣ дар раванди ташкили кори таълимии донишҷӯён, ҳамзамон, вазифаҳои таълимӣ ва назоратиро иҷро менамуданд.

Инчунин, дар харита - супоришҳои таълимӣ вазифаҳои таълимӣ ё тарбиявии кор бо кӯдакон, коркарди вазъиятҳои проблемавӣ ва татбиқи онҳо дар амсилаҳои гуногун намоиш дода мешуданд. Ҳамчунин, дар харита – супоришҳо тавсифи равандҳо дар шакли пайдарпайии марҳила ба марҳилаи амалҳо ва дар асоси супоришҳои торафт мураккабшаванда ва системаи рейтингии арзёбӣ, бо нишон додани воситаҳои истифодашуда, аз ҷумла, истифодаи корҳои бисёрсатҳаи синфӣ ва мустақилона (аз репродуктивӣ то эҷодӣ) пешниҳод карда мешуданд. Бахусус, ҳангоми мураттабсозии харита - супоришҳои омӯзишӣ ба ҳамаи донишҷӯён пешниҳод карда мешуд, ки аз рӯи алгоритми додашуда ҷанбаҳои зеринро арзёбӣ ва худбаҳодиҳӣ намоянд:

- рушди ҷисмониро дар заминаи нишондиҳандаҳои андозагирии антропометрӣ;

- омодагии ҷисмониро дар асоси нишондиҳандаҳои санҷишӣ (тестӣ);

- ҳолати функсионалиро аз рӯи нишондиҳандаҳои санҷишҳои функсионалӣ;

- сатҳи саломатиро зимни нишондиҳандаҳои маҷмӯӣ (комплексӣ);

- ниҳоят, равандҳои маърифатиро дар асоси омӯзиши нишондиҳандаҳои диққат, хотира, бахусус, дар заминаи хотираи оперативӣ, ҳамоҳангсозии визуалӣ - моторӣ, имкониятҳои эҳсоси биноӣ, қобилиятҳои зеҳнӣ. (Натиҷаҳои бадастомада доир ба ин ҳама дар зер дар ҷадвалҳо ворид ва ё намоиш дода мешаванд).

Бояд таъкид сохт, ки ӯҳдабароёна иҷро намудани супоришҳои аз тарафи омӯзгорон додашуда донишҷӯёнро водор менамуданд, ки минбаъд барномаҳои шахсии ислоҳнамоӣ ва ё рушди сифатҳои муҳими касбӣ ва малакаҳои ҳаракатиро бо назардошти синну сол, ҷинс, дараҷаи тармим ва ғайра худашон мустақилона таҳия намоянд. Гузашта аз ин, иҷрои ин амал ба донишҷӯён имкон медод, ки дар фаъолияти минбаъдаи таълимӣ кӯшиш ба харҷ диҳанд, то ки донишҳои аз таҷрибаи шахсиашон ҳосилгаштаро ба амалияи педагогӣ интиқол диҳанд. Ин нуктаро метавон яке аз сифатҳои асосии омӯзгорӣ оянда донист.

Инчунин, дар раванди озмоиш донишҷӯён дар иртибот ба маълумотҳои арзёбии ҳолатҳо ва интихоби супоришҳои санҷишӣ барои гурӯҳҳои синнусолии гуногун дар заминаи нақшаҳои мавҷуда ба таври мустақилона харита - супоришҳои "Мониторинги тиббию педагогии саломатии кӯдаконро дар дарсҳо ва машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ" - ро омода карда метавонистагӣ шуданд, ки дар доираи онҳо аз дид ва ё хусусиятҳои раванди педагогӣ бо дарназардошти мураккабии амали ҷисмонӣ, давраҳои таълим, хусусиятҳои синнусолии тамринкунандагон, дараҷаи соҳиб будан ба амалҳои ҳаракатӣ, инкишофи сифатҳои ҷисмонии кӯдакон ба назар гирифта мешуданд. Чунки беҳтаргардии сифати таълим дар сурате имконпазир мегардад, ки таҳқиқи ҳамаҷонибаи омилҳо, имконияти мутобиқ намудани методҳои таълим (усулҳо, воситаҳо, шаклҳо) ба хусусиятҳои синнусолии тарбиягирандагон ва ё ба ин ё он шароит амалан мутобиқ гардонида шавад.

Ҳамчунин, донишҷӯён дар раванди озмоиш ба омода намудани харита - супоришҳое водор карда мешуданд, ки бояд дар асоси ҳадафҳои зерин: ҷустуҷӯи роҳҳо ва усулҳои такcондиҳандаи қисмати ҳаракатии дарсро дар асоси баҳодиҳии педагогӣ ба дарс, ки аз ҷониби донишҷӯи дигар амалӣ гардидааст, таҳия мешуданд.

Ҳадафи ниҳоии супориши мазкур ва ё охирин иборат аз он буд, ки он бобати баланд бардоштани маҳсулнокии дарс моҳиятан ва ё дар маҷмуъ, тамоми бастаи дониш ва маҳоратҳои заруриро, ки ба донишҷӯ ҷиҳати хуб ба роҳ мондани дарс зарур аст, дақиқ фаро мегирифт. Бартарии дигари таҳияи

харитаи мазкур дар ин буд, ки дар он маҳорат ва малакаҳои донишҷӯ ҷиҳати дар амал татбиқ намудани ҳамаи он нуктаҳое, ки ӯ дар қисмати назариявӣ омӯхта буд, таҳти назорат қарор дода мешуд. Ба ифодаи дигар, супориши охирин нишондиҳандаи қобилиятҳои иртиботӣ ва ташкилотчигии донишҷӯёне маҳсуб меёбад, ки дар натиҷаи таҷриба ҳосил намудаанд.

Ниҳоят, дар раванди озмоиши ташаккулдиҳанда иҷрои яке аз амалҳоро дар сикли барномаҳои омӯзишии мо **таҳияи корт** – омода намудани сенарияи супоришоти шахсии чорабинии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш охирин ва ҷамъбасткунанда маҳсуб меёфт, ки дар раванди роҳандозии он шумораи рейтингҳои ҷорӣ ва миёнамӯҳлат муайян карда шуд. Инчунин, дар ин раванд роҳҳои назорати сатҳи дониш, маҳорат ва малака дар доираи иҷрои шаклҳои зерини кор амалӣ карда шуданд: Донишҷӯ вазифадор буд, ки барои ҳар як мавзуъ нусхаи хаттии супоришро пешниҳод кунад, онро дар ҷараёни семинар ҳимоя кунад, дар дарси амалӣ порчаеро аз он (қисми омӯзишии супоришро) баррасӣ намояд. Баррасии мавзӯи аввал мавзӯи санҷишӣ маҳсуб меёфт, ки дар заминаи он ва минбаъд ҳамаи донишҷӯён дар самтҳои гуногун чӣ тавр кор карданро пешакӣ тасаввур мекарданд.

Дар охир бояд ёдовар шуд, ки иҷрои ӯҳдабароёнаи супоришҳои ҳар як харита бо 15 хол арзёбӣ карда мешуд. Холҳои боқимондаро донишҷӯён дар ҷараёни амалияи таълимӣ - педагогӣ ба даст меоварданд. Бахусус, зимни иҷро ва ироаи намудҳои зерини корҳои мустақилона:

- навиштани рефератҳо;
- гузаронидани мини-таҳқиқот оид ба омӯзиш ва татбиқи технологияи муосири таълим ва, баъдан, ҳисобот додан дар семинарҳо дар бораи натиҷаҳои кори анҷомдодашуда;
- гузаронидани таҳқиқоти ташхисӣ дар муассисаҳои таълимии шаҳр оид ба масъалаҳои таълим (дар амал) бо пешниҳоди минбаъдаи натиҷаи он дар конфронсҳои факултетҳо ва дар ҳафтаҳои илм;
- таҳияи харита-супоришҳо барои бахшҳои гуногуни фанҳои тадрисӣ;

- таҳияи бозиҳои нақшофарӣ, вазъиятӣ ва тақлидӣ дар доираи барномаи мактаб барои истифодабарии минбаъда дар давраи таҷрибаи педагогӣ.

Инчунин, бамаврид аст, таъкид намоем, ки интиҳову ҷамъбасти фаъолияти донишҷӯён дар доираи курси “Назария ва методикаи таълими тарбияи ҷисмонӣ” хотима меёбад. Ҳангоми омода кардани он донишҷӯ бояд таҷриба ва мушоҳидаҳои педагогиро бо маҳорати баланд таъсис дода тавонад; усулҳои таҳлили математикии маълумоти бадастомадаро дуруст истифода бурда тавонад; тарроҳӣ намудан ва намоиш додани корро донад; бо маърӯза баромад намояд; фишурдаи корро дар қолаби мақолаҳо омода намояд ва ғ.

Ғайр аз ин ҳама, бобати афзудани суръати рушди нерӯҳои эҷодии донишҷӯён онҳоро ба ҳалли мавзӯи умумие, ки дар он раванд донишҷӯёни синфҳои болоӣ низ кор мекунанд, пайваст кардан зарур аст. Умуман, дар донишҷӯён қобилият ва имконияти муқоисаи нуқтаи назари гуногунро оид ба ҳамон як масъала ва албатта, дар асоси маълумоти шахсии худаш ташаккул додан ва ё фароҳам овардан бояд яке аз вазифаҳои ҳадафманди омӯзгорон бошад. Бояд масъулият ва омодагии касбии донишҷӯ – муаллими ояндаи таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” ба дараҷае рушд ёфта бошад, ки ӯ дар мавридҳои зарурӣ ба саволҳои худиаш аз қабили: “Ман дар раванди таълим худро чӣ гуна эҳсос мекардам? Ман бароҳат будам? Бо кадом кайфият (ҳолати рӯҳӣ) кор мекардам? Оё ман аз худам қаноатмандам?”; “Дар гурӯҳи хурд кор кардан барои ман то чӣ андоза бароҳат буд? Ман ба рафиқонам кӯмак кардам, онҳо ба ман кӯмак карданд – кадомаш бештар буд? Оё ман дар ҳалли масъала салоҳиятманд будам? Ҳангоми кор бо гурӯҳ чӣ гуна мушкилот доштам?”; “Оё ман ба ҳадафи таълим расидам? Оё ин мавод барои омӯзиши минбаъда ба ман лозим аст (танҳо барои амалия ҷолиб аст)? Мушкилоти асосии ман дар чӣ буд? Чӣ гуна ман мушкилоти худро бартараф карда метавонам?” ва ғайра ҷавоб ёфта тавонад.

Ҳамчунин, барои муайян кардани самаранокии сохтори курс аз донишҷӯён хоҳиш карда шуд, ки андешаҳояшонро оид ба саволи зерин “Ҳангоми омӯзиши

мавзуъҳои пешниҳодшуда барои худ чӣ чизи муҳимро омӯхтед ва фаҳмидед?” баён кунанд, ки ҷавоб ба ин савол аз тарафи аксар, асосан, хуб арзёбӣ карда шуда буд.

Ғайр аз он ҳалли амалҳои баррасишуда, барои рушди маҳорат ва малакаҳо дар муошират, таълим ва ташаккули сифатҳои муҳими касбӣ дар рафти озмоиш таъсис додани тренингҳои омӯзишӣ ва гуногун ба нақша гирифта шуда буданд. Масалан, дар раванди тренинги “Дониш” - донишҳо дар бораи саломатӣ, усулҳо ва воситаҳои амалишавии онҳо, ки ба рушди малакаҳои дар машғулиятҳои мустақилонаи тарбияи ҷисмонӣ барои кӯдакон нигаронида шудаанд, диққати донишҷӯро ба ҳаракати инкишоф аз нотавонӣ ба маҳорат, аз нодонӣ ба дониш, аз бехоҳишӣ ба хоҳиш, аз амал ба рафтор ҷалб менамуданд. Чунин раванди ташкили маърифатӣ имкон медиҳад, ки донишҷӯ мақсадноку мунтазам кор карда, ин ё он амалиёти фикриро дар худ мутобиқи вазифаҳои гузошташуда ба таври системанок рушд диҳад.

Дар раванди таъсиси **тренинги коммуникатсионӣ** донишҷӯён намудҳои муоширатро аз қабили тамоси визуалӣ, тамаркуз ба ҳаракатҳо ва идоранамоии фазои байнишахсӣ азхуд намуда ва бояд намоиш медоданд.

Дар таъсиси тренинги бозиҳои таълимӣ саволҳои зерин: “Ин ба ман чӣ лозим аст?”, “Ман чӣ кор мекунам?”, “Ман чӣ гуна кор мекунам?” – донишҷӯён ҷавоб меҷустанд, ки қобилияти зеҳнии онҳо дар ин раванд намоиш дода мешуд.

Ҳамин тариқ, технологияи пешниҳодшуда, ки дар раванди озмоиши ташаккулдиҳанда аз санҷиш ва арзёбӣ қарор гирифта буд, методика ва роҳу усулҳои аз ҷиҳати психологӣ ва педагогӣ асоснокро дар бар мегирифт, ки барои амалисозии худтанзимкунӣ ва худислоҳнамоӣ - худидоранамоӣ аз ҷониби донишҷӯ ва назорат ва идоракунии омӯзгор дар ҳамаи давраҳои таълим ҷавобгӯ ва фарогири шароитҳои зарурӣ эътироф карда шуд. Он (технологияи ироашуда) имконият медиҳад, ки донишҷӯ на танҳо мустақилонаву фаъолона кор кунад, балки ба таври фардӣ проблемаҳои умумиро низ ҳал намуда, минбаъд худро бобати расидан ба дараҷаи эҷодкор рушд диҳад.

Ниҳоят, муҳимияти технологияи омодакардаи мо омодагии донишҷӯёнро ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” ба таври системавӣ дар иртибот бо мундариҷаи таълим, идоракунии фаъолияти таълимӣ ва маърифатии дар асоси ташкили технологияи педагогӣ ва системаи рейтингии арзёбишаванда, ҳамчунин, бобати фароҳам овардани шароити мусоид дар раванди таълим ва ғ. метавонад, ҳаматарафа таъмин намояд.

## 2.4. Динамикаи ҷузъҳои омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” тибқи натиҷаҳои озмоиши ташаккулдиҳанда дар муассисаи олӣ

Мо дар фасли сеюми боби 2, ки ба он “Технологияи ташаккули омодагии донишҷӯён ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” ва роҳҳои татбиқи он” унвон дода шудааст, дар баробари такя намудан ба маълумоти дар курси “Назария ва методикаи таълими тарбияи ҷисмонӣ” баррасишаванда, дар бораи барнома ё худ технологияи таҳиякардаи худ, ки роҳандозии он дар баробари барномаи асосии таълим бобати рушди босифат ва омодасозии омӯзгорониояндаи фанни тарбияи ҷисмонӣ метавонад, нақши созандагиро дошта бошад, маълумоти муфассал пешниҳод намудем. Он маълумотҳо на танҳо фарогири мазмуну мундариҷаи принсипҳо, модулҳо, марҳилаҳо ва вазифаҳои асосии барнома ё худ технологияи такмилдодашуда, балки фарогири ҷузъиёти ҳар яке аз он қисматҳо низ маҳсуб меёбанд.

Гузашта аз ин, дар заминаи ҳамин технологияи такмилдодаи мо, ки корбурдаш дар раванди рушд ва омодагии касбии омӯзгорониояндаи тарбияи ҷисмонӣ бояд такконе эҳё менамуд, дар курсҳои болоӣ (III ва IV) **эксперимент** – озмоиши педагогии ба ном **ташаккулдиҳанда** таъсис ва назарсанҷӣ карда шуд. Аммо маълумотҳо, ё худ натиҷаҳои аз раванди ин озмоиш бадастомада на чун аз натиҷаҳои дар раванди озмоиш муқарраркунанда гирдоваранда (Ниг.: ба фасли 2 –и ҳамин боби 2) на аз ҷиҳати оморӣ (ҳисоби метаматикӣ), балки танҳо аз диди муҳокимарониҳои филологӣ ҷамъбасту хулосабарорӣ карда шудаасту бас. Ин амали мо низ мақсаднок буд. Яъне, дар ин бобат мо дар назди худ

мақсад гузошта будем, ки пас аз он таҳқиқоти педагогӣ, агар тибқи ҷадвалҳо ва диаграммаҳо натиҷаҳои озмоиши ташаккулдиҳанда бо озмоиши муқарраркунанда, ки ин ҳар ду озмоиш дар заминаи факултети табиатшиносӣ ва тарбияи ҷисмонии ДОТ дар шаҳри Панҷакент ва факултети тарбияи ҷисмонии ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров баррасӣ гардидааст, намоиш дода шаванд, худи хонанда тибқи маълумотҳои дар он ҷадвалу диаграммаҳо омада метавонад, бе ягон монеа фарқиятҳо ва бартариҳои маълумотҳои дар раванди ин ду озмоиш бадастомадаро тибқи муқоиса кардан барояш муайян ва арзёбӣ намояд.

Бояд таъкид намуд, ки мо пеш аз таъсис додани озмоиши ташаккулдиҳанда, ки дар раванди он аз ин ҳар ду муассиса 35 - нафарӣ донишҷӯёни курсҳои 3 ва 4 ширкат меварзиданд, инчунин, бобати намоиш додани ҳолати муқаррарӣ ё худ асосиву ибтидоии омодагии омӯзгорони ояндаи таълими тарбияи ҷисмонӣ на чун дар раванди озмоиши муқарраркунанда (Ниг.: ба фасли 2 – и боби 2) дар доираи 180 нафар, балки дар ҳайати 35 - нафарӣ (ҷамъ – 70 нафар) донишҷӯён гурӯҳи назоратӣ, ки бояд фаъолияти онҳо дар доираи муқаррароти барномаи асосии таълим мавриди пажӯҳиш қарор дода мешуд, таъсис дода будем.

Инак, пеш аз ҳама, мо натиҷаҳои озмоиши ташаккулдиҳандаро, ки тафсилоташ дар фасли гузашта, яъне дар фасли 3 – и ҳамин боби 2 дар иртибот ба сатҳ ва ё дараҷаи омодагии донишҷӯёни курсҳои 3 ва 4 таъсис дода шуда буд, дар қиёс бо натиҷаҳои бадастовардаи гурӯҳи назоратӣ, ки сатҳи омодагии ибтидоии онҳо дар доираи барномаи асосӣ назарсанҷӣ карда шудааст, дар зер, дар ҷадвали 14, аз тариқи фоиз (%) вобаста ба 7 ҷузъи (ё худ сатҳи) инкишофи омодагии донишҷӯёни ҳар ду гурӯҳ (озмоишӣ ва назоратӣ) пешниҳод мекунем:

Ҷадвали 14.

| **Ҷузъҳо** | **Гурӯҳи озмоишӣ дар ДОТП (Иштироккунандагон - 35 нафар)** | **Гурӯҳи назоратӣ Иштироккунандагон – 70 нафар)** | **Гурӯҳи озмоишӣ дар ДДХ (Иштироккунандагон - 35 нафар)** |
|---|---|---|---|

| | эчодӣ | баланд | миёна | паст | эчодӣ | баланд | миёна | паст | эчодӣ | баланд | миёна | паст |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Маромӣ - арзишӣ | 6,1 | 15,1 | 27,3 | 51,5 | 2,9 | 17,1 | 20,0 | 60,0 | 4,2 | 13,3 | 20,3 | 42,0 |
| Эмотсионалӣ - иродавӣ | 12,1 | 15,1 | 45,5 | 27,3 | 17,1 | 17,1 | 34,3 | 25,7 | 10,0 | 13,2 | 40,1 | 25,4 |
| Мазмунӣ | 3,0 | 18,2 | 48,5 | 30,3 | 5,7 | 20,0 | 37,1 | 34,3 | 2,1 | 15,4 | 45,6 | 28,4 |
| Амалиётӣ (оператсионалӣ) | 11,1 | 27,3 | 43,3 | 18,2 | 15,7 | 28,6 | 45,1 | 10,6 | 8,1 | 22,5 | 40,3 | 15,8 |
| Ҷисмонӣ | 15,2 | 54,5 | 24,2 | 6,1 | 20,0 | 45,7 | 25,7 | 8,6 | 12,8 | 50,7 | 20,2 | 4,0 |
| Эҷодӣ | - | 12,1 | 30,3 | 57,6 | 5,7 | 8,6 | 37,1 | 48,6 | - | 8,1 | 27,5 | 54,7 |
| Арзёбикунанда | 3,0 | 6,1 | 18,2 | 72,7 | - | 8,6 | 28,6 | 62,8 | 2,0 | 4,8 | 13,8 | 68,2 |

Чуноне ки аз натиҷаҳои омории дар ҷадвали мазкур (14) баррасишуда бармеояд, ҷузъиёти маромӣ - арзишӣ дар ҳар ду гурӯҳ бештар ба ҳам шабоҳат доранд. Агар ин нуктаро, яъне рейтинги омодагии ибтидоии ҳар ду гурӯҳи ширкаткунандагони озмуни педагогиро дар диаграмма (расми 2) пешниҳод намоем, чунин манзара пеши назар меояд:

Расми 2.




Инчунин, бамаврид аст, таъкид намоем, ки холҳои рейтингӣ, чи дар  байни донишҷӯёни гурӯҳҳои озмоишӣ ва чи назоратӣ, аксар вақт (зиёда аз 50%) ба 12 - 20 балл баробар мешуданд, ки ин ҳолат аз сатҳи пасти рушди омодагии онҳо ба касби омӯзгори ояндаи тарбияи ҷисмонӣ гувоҳӣ медод. Бахусус, теъдоди донишҷӯёне, ки соҳиби 30 - 44 холҳо мешаванд, дар асл, онҳо дар сатҳи миёнаи омодагӣ қарор доштанд. Мутаассифона, чунин ашхос дар гурӯҳи озмоишӣ ҳамагӣ 20,0% ва дар гурӯҳи санҷишӣ 27,3% - ро ташкил медоданду теъдоди камтарини онҳо дар ҳар ду гурӯҳ (камтар аз 20%) дар фосилаи сатҳи баланд ва эҷодии рушди ҷузъи маромӣ - арзишии омодагӣ қарор доранд.

Хулоса, ташаккули ҷузъҳои маромӣ - арзишии донишҷӯён ба таълими тарбияи ҷисмонӣ, ҳамчун стратегияи хусусии рушди касбии муаллим, дар оянда ниёз ба тағйироти куллӣ дошт.

Умуман, чи тавре ки аз таҳлил ва мушоҳидаи нишондиҳандаҳои фаъолияти омодагии донишчуён – омӯзгорониояндаи тарбияи ҷисмонӣ, ки дар ҷадвали 14 ва диаграммаи дар расми 2 баррасишуда бармеояд, метавон қиёс намуд, ки ҳолати ибтидоии ҷузъҳои омодагии донишчуёни, чи гурӯҳҳои озмоишӣ ва чи гурӯҳҳои санҷишӣ, ба таълими фанни тарбияи ҷисмонӣ фарқи ҷиддӣ надорад. Яъне, чунин вазъият моро ба хулоса овард, ки ҳолатҳои ибтидоии омодагии

донишҷӯён – омӯзгорони ояндаи таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” – ро, асосан, як хел арзёбӣ намуда, дар зер чӣ тавр арзёбӣ гардидани динамикаи ҷузъҳои маромӣ - арзишӣ ва эмотсионалӣ - иродавии донишҷӯён – омӯзгорони ояндаи таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” - ро, ки дар раванди озмоиши ташаккулдиҳанда муқаррар карда шудааст, шарҳ диҳем. Аз ҷумла, санҷиш ва ё арзёбии ҷузъҳои маромӣ - арзишӣ ва эмотсионалӣ - иродавии донишҷӯён дар раванди озмоиши ташаккулдиҳанда, пеш аз ҳама, ба мо имкон медиҳад, ки оид ба бартарӣ ва дараҷаи таъсиргузории технологияи таҳиянамудаи худ дар бобати воридсозии тағйирот дар муносибати донишҷӯён ба фаъолияти омӯзгорӣ, дараҷаи иддао, зуҳуроти кӯшишҳои эмотсионалӣ ва иродавии онҳо дар роҳи расидан ба ҳадафи гузоштаашон ва ғ. хулосабарорӣ намоем.

Бояд таъкид намуд, ки ҷузъи маромӣ - арзишӣ барои ҳар як раванди тахассусҳо, аз ҷумла, донишҷӯён – омӯзгорони ояндаи таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” муҳим буда, ҷанбаҳои зеринро фаро мегирад: моҳияти интихоби равандҳо; хусусиятҳои динамикии водоркунанда, қувват ва аҳамияти он; давомнокӣ ва шиддатнокии раванди таълим ва омодагиро ба ин ё он сатҳи шиддати функсионалии он. Аз ин лиҳоз, маълум аст, ки ниёзҳои омӯзгори оянда ҳар андоза ғанитар бошанд, ҳамон андоза талаботи баландтарро нисбат ба фаъолияти хеш пешниҳод мекунанд, аммо дар айни замон чунин талаботҳо ӯро имкон медиҳанд, ки аз кор қаноатмандии бештар ба даст орад. Барои ҳамин ҳам, таҳлили худбаҳодиҳии ташаккули ҷузъҳои маромӣ - арзишии омодагӣ тағйироти назаррасро дар муносибати донишҷӯён ба фаъолияти касби ояндаашон муайян намуд. Бахусус, дар марҳилаи якуми озмоиш муносибати фаъолу мусбии онҳо танҳо дар қисми ками донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ мушоҳида карда мешуд, ки ин баробар ба 11,5% буд. Баъзе аз донишҷӯёни пурсидашуда (26,4%) қайд карданд, ки онҳо ниёзҳои ботинии устувор ба омодагии касбӣ надоранд. Барои аксарияти донишҷӯён (62,1%) баҳои дар имтиҳон бадастомада назар ба донистани ин фан муҳимтар буд. Аммо дар ниҳоди чунин гурӯҳи донишҷӯён мақсади дақиқи дурнамои инкишофашон

ошкор нагашт. Асосан, дар ин гурӯҳи донишҷӯён шакли ғайрифаъоли муносибат ба фаъолияти таълимӣ ва кор бо кӯдакон бартарӣ дошту бас.

Таҳлили дараҷаи ибтидоии самтҳои арзишӣ маълум намуд, ки таърифҳо ё худ баҳодиҳӣ бобати арзишҳои пешниҳоднамудаи донишҷӯён аз ҷиҳати таркиби мазмунӣ бештар ва ё одианд. Дар маҷмуъ, 108 таъриф аз тарафи онҳо гуфта шуд, ки ба ҳисоби миёна ба ҳар як донишҷӯ 4,5 таъриф рост меомад, ки ин барои зуҳуроти касбият ҳангоми кор бо кӯдакон кофӣ нест.

Аммо дар интиҳои озмоиши ташаккулдиҳанда шаклҳо ва сабабҳои зоҳиргардии муносибатҳоро дар донишҷӯён дарк намудан моро имкон дод, то ки бошуурона ва ҳадафмандона ба муносибатҳои донишҷӯён таъсир расонида, суръат ва самти рушди арзишҳои онҳоро идора намоем. Бахусус, самаранокии азхудкунии арзишҳои таълимии донишҷӯён дар равандҳои зерин таъмин карда шавад: ҷустуҷӯ, интихоб ва арзёбии арзишҳо “барои худ”, аз худ гаштани онҳо аз ҷониби шахс, пешгӯии нақши арзишҳои интихобшуда дар фаъолияти педагогӣ; доимо баланд бардоштани эҳтиёҷоти худинкишофдиҳии касбӣ дар заминаи худтакомулдиҳии касбӣ; таъмини озодии татбиқи арзишҳои шахс дар фаъолияти касбӣ ва ғ.

Инчунин, дар раванди озмоиш роҳандозӣ шудани барномаи махсус тартибдодашуда дар ташаккули муносибати содиқонаи касбӣ, аз ҷумла, таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ”, ташаккули тарзи ҳаёти шахсии худ ва сифатҳои касбии муҳим дар маромнокии иддаоӣ - арзёбикунанда мусоидат менамуд.

Ҳамчунин, барномаи озмоиши ташаккулдиҳанда интихоби бошууронаи амалҳоеро фарогир буд, ки тавассути он омӯзгори оянда ба натиҷаи пешбинишуда ноил шудан мехоҳад.

Дар маҷмуъ, бояд таъкид сохт, ки дар раванди озмоиши ташаккулдиҳанда, пеш аз ҳама, самтҳои арзиши донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ вобаста ба касби тарбияи ҷисмонӣ, бахусус, дар таҳлили мазмуну мундариҷаи таърифҳои пешниҳодкардаашон муайяну дақиқ карда шуд, ки ин нукта дар зер, дар ҷадвали 15 баррасӣ гардидааст.

Ҷадвали 15

| Самтҳо (аломатҳо) – и арзишии донишҷӯён | Ибтидоӣ | Ниҳоӣ |
|---|---|---|
| Эътимод ба худ, устувории эмотсионалӣ, кайфият, шодмонӣ, ҳушёрӣ, қаноатмандӣ, некӯаҳволӣ. | 43 | 56 |
| Барои омӯхтани бисёр чизҳои нав, арзишманд ва муфид кӯмак мекунад. | 11 | 38 |
| Истироҳатро аз сарбориҳои фикрӣ таъмин мекунад, хастагиро бартараф мекунад, худро аз мушкилот дур мекунад, стресс, шиддатро бартараф мекунад. | 6 | 36 |
| Нерӯи ҳаётиро дар ҳолатҳои экстремалӣ (шадид) нигоҳ медорад, онро афзоиш медиҳад. | 3 | 32 |
| Барои нигоҳ доштани саломатӣ кӯмак мерасонад. | 2 | 32 |
| Ба омодагии умумии ҷисмонӣ, рушди ҷисмонӣ, сифатҳои ҷисмонӣ аз қабили суръат, чолокӣ, чандирӣ ва ҳамоҳангии ҳаракатҳо таъсир мерасонад. | 5 | 28 |
| Муоширaт, дӯстӣ ва коллективизмро инкишоф медиҳад. | 1 | 28 |
| Қувваи иродаро рушд медиҳад, хислати худро устувор мегардонад, ҳадафмандӣ ва масъулиятро таъмин мекунад | 1 | 27 |
| Коршоямиро афзоиш медиҳад, фаъолияти зеҳниашро ташаккул медиҳад. | 3 | 26 |
| Ба шумо имкон медиҳад, ки қомати худро ташаккул диҳед. | 7 | 26 |

| | | |
|---|---|---|
| Фаъолии ҷисмонӣ ва серҳаракатиро дар худ таъмин мекунад. | 11 | 24 |
| Саломатиро таъмин мекунад. | 23 | 24 |
| Зебогиро нигоҳ медорад. | 1 | 19 |
| Хотира ва зеҳнро беҳтар мекунад. | 1 | 18 |
| Барои бартараф намудани вазни зиёдатӣ кӯмак мекунад. | 1 | 13 |
| Теъдоди таърифҳо дар маҷмуъ: | 119 | 427 |

Хулоса, то ба охир расидани озмоиш дар тамоюлҳои арзишии донишҷӯён дар ҷойи аввал нишондиҳандаҳое қарор гирифтанд, ки асосан, хусусиятҳои эмотсионалии таъсири тарбияи ҷисмониро ба инсон инъикос менамоянд, дар ҷои дуюм – хусусиятҳои маърифатӣ ва ниҳоят, дар ҷои сеюм – омилҳои тарбияи ҷисмонӣ, ҳамчун воситаи танзими ҳолатҳои психологии шахс, дар мадди назар буданд.

Ниҳоят, дар асоси таҷриба ва ё таъсис додани дарс – машғулиятҳо зимни барномаи курси “Назария ва методикаи таълими тарбияи ҷисмонӣ” маълум гардид, ки донишҷӯён дар раванди машғулиятҳои таълимӣ на танҳо таваҷҷӯҳи амиқ зоҳир менамоянд, балки донишҳои андӯхтаашонро минбаъд ба натиҷаҳои фаъолияти таълимии худ алоқаманд менамоянд ва асосҳои онро бобати таҳкими рушди касбӣ ва шахсӣ низ роҳандозӣ мекунанд. Ин нукта, чунин маънӣ дорад, ки онҳо ба афзоиши ҳунари касбиашон ҳавасмандӣ доранд.

Афзоиши ҳавасмандиро дар фаъолияти таълимӣ мо ҳамчун натиҷаи хеле муҳими кор дар самти ташаккул додани омодагии донишҷӯён ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” мешуморем.

Чунон ки дар оғоз таъкид гардида буд, зимни таъсиси озмоиши ташаккулдиҳанда, чи дар гурӯҳи озмоишӣ ва чи дар гурӯҳи назоратӣ, тавозуни ҳама гуна ҷузъҳои омодагии донишҷӯён – омӯзгорони оянда бояд мавриди пажӯҳиш қарор дода мешуд. Аз ҷумла, раванди озмоиши мазкур муайян намуд, ки ҷузъҳои эмотсионалӣ – иродавии омодагии донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ ба

таври назаррас дар қиёс бо омодагии гурӯҳи назоратӣ дар раванди мазкур фарқ намуд. Инак, оид ба ин ҳама метавон ба ҷадвали 16 муроҷиат кард.

Ҷадвали 16

| **Нишондиҳандаҳо** | **Меъёрҳо** | **Гурӯҳи озмоишӣ дар ДОТП бо (Иштирокчиён 35 нафар)** | **Гурӯҳи назоратӣ (Иштирокчиён 70 нафар)** | **Гурӯҳи озмоишӣ Дар ДДХ (Иштирок-чиён 35 нафар)** |
|---|---|---|---|---|
| Кӯшишҳои иродавӣ | Вақти сарфшуда барои вазифаҳои сатҳи иҷрояшон душвор (дар доираи дақиқа) | 16,5±3,3 | 11,2±2,7 | 13,4±2,5 |
| | Кӯшишҳои ҷустуҷӯи шакл (вариант) - ҳои ҳалли вазифаҳои ҳалнашаванда (шумораи кӯшишҳо) | 1,37±0,4 | 3,52±1,5 | 1,0±0,2 |
| Рағбат | Саволҳо дар бораи маводи омӯхташуда | 2,5±0,7 | 4,7±1,9 | 1,8±0,4 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | (теъдоди саволҳо) | | | |
| Мустақилият | Муроҷиат ба омӯзгор ҷиҳати кӯмак (шумораи муроҷиатҳо) | 6,56 ±0,4 | 3,3 ±1,3 | 4,58 ±0,2 |
| | Омӯзиши мустақилонаи адабиёти иловагӣ (шумораи адабиёт) | 1,3±0,2 | 4,7±0,6 | 1,0±0,1 |
| Қобилияти ташкили раванд, ҳалли масъалаҳои таълимӣ | Вақти омодагӣ барои иҷрои супориш (теъдоди супоришҳо) | 1,7 ±0,9 | 2,9 ±0,9 | 1,1 ±0,5 |
| | Вақти тайёр кардани супориш (дар доираи дақиқа) | 6,0±1,1 | 2,2±0,3 | 4,7±1,0 |
| | Иҷрои вазифаҳои ғайризарурӣ (миқдор) | 2,9±0,1 | 3,2±0,3 | 2,1±0,1 |

Дар воқеъ, чунон ки аз рақамҳои омории дар ҷадвали мазкур баррасишуда бармеояд, ё худ аз он маълум мегардад, вазъи арзёбии ҷузъи эмотсионалӣ -

иродавии омодагии донишҷӯён ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” дар гурӯҳи озмоишӣ фарогири динамикаи мусбат будааст. Сабаб дар он аст, ки натиҷаи фаъолият пас аз ҳар як иҷроиши харита - супориш ва дигар намудҳои супоришҳо, ҳам аз ҷониби худи донишҷӯ ва ҳам аз ҷониби омӯзгор, мавриди таҳлил қарор дода мешуд. Натиҷаҳои пурсиш ва анкетаҳо имкон доданд, ки дараҷаи иддаои донишҷӯ ба танзим даровarda шавад. Қаноатмандӣ аз ҷараён ва ташкили дарсҳо, фаъолияти педагог, хусусиятҳои шахсии ӯ ба тағирёбии ҳолати эмотсионалии донишҷӯён низ таъсири мусбату назаррас расонд. Мувофиқи натиҷаҳои пурсиши саволнома бо истифода аз методикаи КФҲ (кайфият, фаъолӣ, ҳолати руҳӣ) пас аз озмоиш маълум гардид, ки шумораи донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ, ки аз машғулиятҳои омӯзишӣ қаноатмандии эмотсионалӣ намудаанд, 47,5% зиёд шуд (29,6% - пеш аз озмоиш ва 77,1% - пас аз он). Яъне, донишҷӯён тавассути истифодаи донишу малакаҳои худ дар ҳалли масъалаҳои таълимӣ таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир карда, барои ноил шудан ба ҳадаф талошҳои зеҳнӣ ва нерӯи ҷисмонии худро сафарбар намудаанд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки таҳлили маълумоти дар раванди озмоиши ташаккулдиҳандаи бадастомада маълум намуд, ки афзоиши амалҳои устувор ва тамоюли мусбӣ дар гурӯҳи озмоишӣ дар сатҳи баланди омодагӣ рушд ёфтааст, ки ин ҳама ба малакаҳои ҳавасманд кардани шавқу рағбат ба фаъолияти касбӣ, татбиқи онҳо дар раванди таҷрибаи таълимӣ, худшиносии қобилияту имкониятҳои худ барои аз байн бурдани “фишори мушакӣ”, ҳолати нобоварӣ ба худ ва ғайра иртиботи қавӣ доштанду мусоидат менамуданд.

Бахусус, муваффақиятҳо дар фаъолияти таълимӣ худбаҳодиҳии устувори баланди имкониятҳои худ ва дараҷаи баланди иддаоро дар донишҷӯён таъмин намуданд. Аз ин рӯ, сарфи назар аз он, ки вазъият то кадом андоза, воқеан, идорашаванда буд, донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ бештар дар рафторашон суботкорӣ ва дигар сифатҳои иродавиро нишон медоданд. Инак, маълумотҳои дар ҷадвали 17 омада, муаррификунандаи гуфтаҳои дар фавқ баррасишуда маҳсуб хоҳад ёфт:

Ҷадвали 17

**Тағйирот дар сатҳи ташаккули ҷузъҳои эмотсионалӣ – иродавии омодагӣ ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” (%)**

| Сатҳи омодагӣ | Гурӯҳи озмоишӣ дар ДОТП (Иштироккунандагон – 35 нафар) | | Гурӯҳи назоратӣ (Иштироккунандагон – 35 нафар) | | Гурӯҳи озмоишӣ дар ДДХ (Иштироккунандагон – 35 нафар) | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Сатҳи ибтидоӣ | Сатҳи хотимавӣ | Сатҳи ибтидоӣ | Сатҳи хотимавӣ | Сатҳи ибтидоӣ | Сатҳи хотимавӣ |
| эҷодӣ | 12,1 | 15,2 | 17,1 | 42,8 | 11,2 | 12,1 |
| баланд | 15,1 | 18,2 | 17,1 | 34,3 | 12,5 | 15,4 |
| миёна | 45,5 | 60,6 | 34,3 | 22,9 | 40,1 | 50,4 |
| паст | 27,3 | 6,0 | 25,7 | - | 22,4 | 4,0 |

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои ташхис нишон медиҳанд, ки роҳандозии уҳдабароёнаи технологияи пешниҳодкардаи мо, ки натиҷаҳояшро дар иртибот ба ҷузъҳои омодагии омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ баррасӣ намудем, дорои қобилияти расонидани тағйироти назаррас дар сатҳ ё худ динамикаи ҷузъҳои эмотсионалӣ – иродавии омодагии омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ низ будааст.

Зимнан бояд қайд намуд, ки ҳадафи асосии омӯзгорон – устодони муассисаи олии факултетҳои тарбияи ҷисмонӣ ташаккул додани омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” маҳсуб меёбад, то ки онҳо дар худ қудрати рушд додани муносибатҳои эҷодкоронаро доро буда, дар истифодаи воситаҳо ва технологияҳои амалҳои ҳаракатӣ моҳир бошанду семиотикаи психомоториро (забони ҳаракатҳо, забонҳои бадан, воситаҳо ва усулҳои эҳсоснамоӣ) таҳия карда метавонистагӣ шаванд.

Дар воқеъ, озмоиши муқарраркунанда моро имкон дод, муайян намоем, ки ҷаҳони субъективии донишҷӯён қодир будааст, ки ҳам ба фаъолияти таълимии худ ва ҳам ба дарки маводи таълимӣ таъсири назаррас расонад. Аммо чунин таъсиргузорӣ дар ду намуд ба назар расид: Аз як тараф, он ҳамбастагии

хусусиятҳои хоси донишҷӯёни факултети тарбияи ҷисмониро ба хусусиятҳои фаъолияти таълимиашон муайян намуд. Аз ҷониби дигар, ҳаҷми зиёди мазмуни маводи предмети курсҳои таълимӣ дар иртибот ба фаъолияти таълимӣ-касбии онҳо имконият намедодааст, ки иттилооти бадастомадаро саривақт дар амалият татбиқ намоянд. Ба ин омилҳои зерин боис мегарданд:

а) зинаи ибтидоии омодагии донишҷӯён ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" бо нишондиҳандаҳои миёна ва аз миёна ҳам пасттар арзёбӣ гардид, ки дар ин ҳолат 87% - и озмудашавандагон қарор доштанд.

б) тартиби баррасии баъзе мавзуъҳо ва фанҳои таълимӣ дар асоси баҳодиҳии субъективии муваффақият дар азхудкунии мундариҷаи онҳо сурат мегирад;

в) машқҳои ҷисмонӣ ҳамчун олоти асосии фанни тарбияи ҷисмонӣ дар раванди таълим, асосан, бидуни далел истифода мешаванд, намоиши ғайримустақим вуҷуд надорад, илова бар ин, хатогиҳо ислоҳ намешаванд.

Ҳамзамон, мебояд таъкид намуд, ки курси "Назария ва методикаи таълими тарбияи ҷисмонӣ" ягона воситаи таркибкунандаи ҳамаи фанҳои қаблӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, надонистани яке аз қисматҳои маводи қаблан азхудшуда метавонад, донишҷӯро аз шумори донишҷуёни муваффақ ба қатори донишҷӯёни номуваффақ шомил кунад. Табиист, ки ин ҳолат боиси коҳиш ёфтани шавқу хоҳиши ӯ барои идомаи фаъолонаи кор мегардад. Бахусус, дар марҳилаи аввали кори озмоишӣ ба ҳамаи субъектҳо афзалияти сатҳи пасти омодагии назариявӣ ва истифодаи он дар фаъолияти педагогӣ хос буд (коэффисиенти миёна 0,73). Дар дарсҳои амалӣ камбудиҳои назаррас дар дониш, маҳдудӣ, асабоният ҳангоми нишон додан ва иҷрои машқҳои ҷисмонӣ дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ ва вобаста ба ин, афзоиши стресси нейро - эмотсионалӣ ба мушоҳида мерасиданд.

Баъдан, дар раванди ташкили моҳиронаи фаъолияти маърифатӣ зери роҳбарӣ ва назорати омӯзгор, ки дар асоси таҷдиди ҳадафҳои гузошташуда, имкониятҳои донишҷӯ ва касби ояндаи ӯ сурат мегирифт, дар аксари ҳолатҳо бобати таъсис дода шудани чорабиниҳои педагогӣ гардиданд. Бахусус, дар ин

раванд, донишҳо ба меъёрҳои ахлоқӣ ва эътиқоди ботинӣ ба омодагӣ табдил ёфтанду фаъолияти донишҷӯён ба меъёри рушди талабот, одатҳо ва анъанаҳо.

Дар воқеъ, омӯзиши муназзами бахшҳои асосии барнома имкон дод, ки нишондиҳандаҳои азхудкунии донишҳо аз рӯи натиҷаҳои худбаҳодиҳӣ ба таври мусбат тағйир дода шаванд, ки ин ҳолат зимни маълумоти муқоисавии таҳлилшуда дар иртибот ба худбаҳодиҳии донишҷӯён вобаста ба донишҳои педагогӣ, чи дар гурӯҳҳои санҷишӣ ва чи озмоишӣ, дар интиҳои озмоиши педагогӣ баръало маълум гардид, ки дар ин бобат нишондиҳандаҳои дар ҷадвали 18 баррасишуда шоҳидӣ медиҳанд. Чунончи:

**Арзёбии донишҳои педагогӣ аз ҷониби донишҷӯёни гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ (%)**

Ҷадвали 18

| № | Меъёрҳои дониш | Худбаҳодиҳӣ | | |
|---|---|---|---|---|
| | | **Гурӯҳи озмоишӣ дар ДОТП (Иштирокчиён – 35 нафар)** | **Гурӯҳи назоратӣ (Иштирокчиён – 70 нафар)** | **Гурӯҳи озмоишӣ дар ДДХ (Иштирокчиён – 35 нафар)** |
| 1 | пурра | 80,0 | 45,5 | 75,4 |
| | ҷузъӣ | 20,0 | 54,5 | 18,7 |
| 2 | амиқ | 48,6 | 48,5 | 44,5 |
| | сатҳӣ | 51,4 | 51,5 | 48,7 |
| 3 | мустаҳкам | 82,8 | 42,4 | 78,4 |
| | ба қадри кофӣ мустаҳкам набудан | 17,2 | 57,6 | 15,4 |
| 4 | системавӣ | 45,7 | 33,3 | 38,7 |
| | ба қадри | 54,3 | 66,7 | 52,1 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | системавӣ набудан | | | |

Чунон ки аз мушоҳидаи рақамҳои омории дар ҷадвал сабтшуда бармеояд, аксарияти донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ ба дониши худ баҳои баланд додаанд ва онро (донишро) ба таври пурра (80,0%), амиқ (48,6%), мустаҳкам (82,8%) ва системавӣ (45,7%) арзёбӣ кардаанд. Тибқи арзёбии коршиносон, низ мо метавонем, бо итминон розӣ шавем: яъне, онҳо низ таъкид намудаанд, ки донишҷӯён, воқеан, ба донишҳои худ баҳои мувофиқ медодаанд.

Дар раванди омодагии назариявӣ, ҳангоми ҳалли масъалаҳои педагогие, ки дар ҷараёни омӯзиши фан ба миён меомаданд, донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ шартҳои иҷрои супоришҳоро таҳлил намуда, кӯшиш мекарданд, то ки тавассути мулоҳизаҳои пайваста байни назарияҳои машҳури педагогӣ, қонунҳо, принсипҳо ва усулҳо бо шароит ва талаботи тарбияи ҷисмонӣ робита барқарор кунанд, дониши бадастоварда ва малакаҳои худро дар амал татбиқ намоянд. Аммо дар ин бобат, дар гурӯҳи назоратӣ, ҳарчанд, дар маҷмуъ, тағйироти мусбӣ ба назар расанд ҳам, саъйю кӯшиши онҳо аксар ба фаъолияти умумии ҳадафсоз ба мушоҳида намерасид. Ба ифодаи дигар, дар онҳо сатҳи баланди имкониятҳояшон ба 21,2%, 56,5%, вале сатҳи миёнаи он то ба 56,5% ба мушоҳид гирифта шудааст.

Хуллас, эҳсос ва мушоҳида намудани тағйироти назаррас дар сатҳи рушди ҷузъҳои мазмунии омодагии донишҷӯёни гурӯҳи назоратӣ ба мо имкон дод, хулоса намоем, ки динамикаи мусбӣ дар сатҳи дониши онҳо, асосан, тавассути таъсироти мушаххаси педагогӣ ва дар шароити муайяни ташкилию педагогӣ имконпазир мегардидааст. Аммо дарки набудани тағйиротҳои назаррас дар фаъолияти донишҷӯёни гурӯҳи мазкур (назоратӣ) моро имкон дод, ба хулоса оем, ки системаи таҳсилоти касбии дар муассисаи олӣ ироашаванда ба ташаккули донишҷӯён, ҳамчун субъектҳои фаъолияти таълимӣ ва худомӯзӣ, мусоидат намекардааст.

Инчунин, тибқи гузориши субъективии донишҷӯёни ҳар ду гурӯҳ дар оғози озмоиш метавон хулоса намуд, ки тасаввуроти онҳо дар бораи амалҳои ҳаракатӣ, алалхусус, дар оғози кори таҷрибавӣ номуайян ва норавшан мебошанд. Аниқтараш, дар ин бобат ихтилоф миёни арзёбии шифоҳӣ ва рафтори амалии онҳо ба мушоҳида мерасид. Дақиқтараш, боз ин аст, ки ҳолатҳои мазкур дар он зоҳир мегардад, ки донишҷӯён ин ё он амали ҳаракатро хуб иҷро кунанд ҳам, аммо онро ба таври шифоҳӣ тасвир карда наметавонистанд. Яъне, аз лиҳози маъно интихоби нодурусти калимаҳо ва ибораҳое, ки техникаи иҷрои амали ҳаракатиро "шарҳ медоданд", ба мушоҳида гирифта мешуд. Ҳамзамон, донишҷӯён маҷмуи маҳдуди фармонҳо, супоришҳо, тавзеҳотро дар ихтиёр доштанду дар онҳо мавҷуд набудани маҳорати намоиши ғайримустақими ҳаракатҳо низ эҳсос карда мешуд.

Аз ин лиҳоз, номутаносибии ҳамкории нутқ ва забон бо амалҳои ҳаракатӣ сифати инъикоси воқеиятро паст мекунад, дар шахс тафаккури яктарафаро ташаккул медиҳад. Маҳз ҳамин нукта дар самти тамоюлҳои арзишии донишҷуён ба соҳаи тарбияи ҷисмонӣ эҳсос мегардад. Яъне ифодаҳо ва ё мафҳумҳои аз лиҳози маъно нофаҳмобуда наметавонад, дигареро ба зарурияти иҷрои амал ҳидоят ё худ бовар кунонад. Аз ин рӯ, дар сурате соҳаи касбии фаъолияти донишҷӯён инкишоф меёбад, ки агар он дар асоси нутқи волову мураттаб ва назариявии ба иҷрои амалҳои иҷрошаванда ҳидоят гардида бошад.

Аз ин ваҷҳ, ҷалби тамаркузи диққат ба тарзи ифодаи дурусту забонии амалҳои ҳаракатии иҷрошаванда, тадриҷан боис гардид, ки дар донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ дар давоми кори таҷрибавӣ - озмоишӣ дониш, малака ва маҳоратҳои аз ҷиҳати забонӣ ҳам баррасӣ карда тавонистан ва ё фаҳмонида тавонистани амалиётҳои варзишӣ ташаккул ёфтаанд.

Дар охири озмоиш онҳо намудҳои гуногуни малакаҳои касбиро бомуваффақият азхуд карданд, онҳоро дар раванди дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш истифода мебурданду аз ҷиҳати шифоҳӣ тарзи иҷрои ҳар як амали варзиширо дар иртиботи меъёрӣ ба шогирдон бо забони буррову саҳеҳ

фаҳмонида метавонистагӣ ҳам шуданд, ки ин ҳамаро метавон дар ҷадвали 19 мушоҳида намуд.

Ҷадвали 19.

**Хусусиятҳои ҷузъи амалиёти донишҷуён дар ибтидо ва интиҳои тадқиқот**

| Меъёрҳо | Гурӯҳи озмоишӣ дар ДОТП (Иштирокчиён 35 нафар) | | Гурӯҳи назоратӣ (Иштирокчиён 70 нафар) | | Гурӯҳи озмоишӣ дар ДДХ (Иштирокчиён 35 нафар) | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Аслӣ** | **Поён** | **Аслӣ** | **Поён** | | |
| Қобилияти гузаронидани сӯҳбат, лексия, машварат ва арзёбии холҳо | 1,9±0,2 | 3,0±1,2* | 1,6±0,3 | 3,9±0,9* | 1,1±0,1 | 2,8±1,0 * |
| Қобилияти интихоб ва истифодаи моҳиронаи усулҳои таълими амалҳои ҳаракатӣ, холҳо | 1,9±0,6 | 3,2±1,4 | 1,9±0,8 | 4,2±0,8* | 1,9±0,6 | 2,2±1,0 |
| Қобилияти аз рӯи аломатҳои зоҳирӣ шинохтани ҳолати донишҷӯён, холҳо | 1,5±0,8 | 2,7±1,0 | 1,7±0,8 | 3,8±1,0* | 1,5±0,8 | 2,1±1,0 |
| Идора кардани овоз, ифодаи рӯй, имову ишораҳо, холҳо | 1,8±0,7 | 2,1±0,5 | 1,9±0,6 | 4,3±0,3 | 1,8±0,7 | 1,8±0,3 |
| Нутқи мӯҷаз ва ҳамоҳангсозии баланди ҳаракатҳо, холҳо | 2,8±0,3 | 2,9±0,6 | 2,8±0,6 | 3,8±0,8* | 2,8±0,3 | 2,0±0,4 |
| Қобилияти дуруст шарҳ додан, нишон додан, доварӣ кардани бозиҳо, холҳо | 1,5±0,6 | 2,7±0,6 | 1,7±0,3 | 3,8±0,6* | 1,5±0,6 | 2,0±0,3 |

Ҳамин тариқ, иҷрои амалҳои предметӣ ва ё воқеии тарбияи ҷисмонӣ ба соҳаи рағбатҳои касбӣ ва ҳаётан муҳимми донишҷӯён табдил ёфтанд, ки он ҳама дар натиҷаи ба раванди педагогӣ дохил кардани вазъияти муколама, фаъолиятҳои гуногуни ҳаракатӣ ва бозиҳои гуногун дар донишҷӯён, ҳамчун воситаҳои муҳим ва самарабахши азхудкунии таҷрибаи шахсӣ, маҳсуб

меёфтанд. Инчунин, азхудкунии таҷрибаи ҳаракатҳои шахсӣ ва донишҳои соҳаи тарбияи ҷисмонӣ барои дар донишҷӯён ташаккул ёфтани сифатҳо ва малакаҳои аз ҷиҳати касбӣ муҳим мусоидат намуда, эътимоди онҳоро ба худ, мушоҳидакорӣ ва улфатпазирӣ ва зиёда аз ин, ба ташаккули малакаҳои нави ҳаракатӣ ва такмилёбии малакаҳои аллакай азхудшуда афзун менамуданд.

Дар фаъолияти педагогӣ онҳо худро ҳамчун унсурҳои амалигардонии техникаи педагогии омӯзгор меҳисобиданд. Аз ҷумла, дар доираи қобилияти идоракунии ритм, суръати ҳаракатҳо, идоракунии бадани худ ва дурусту мувофиқи вазъият истифода бурдани имову ишора, мимика ва пантомимика, ки динамикаи ин ҳамаро, чи дар ҷузъҳои мазмунӣ ва чи дар ҷузъҳои амалиётӣ, метавон дар ҷадвали 20 баръало мушоҳида намуд.

Ҷадвали 20

**Тағйирот дар сатҳи ташаккули ҷузъҳои мазмунӣ ва амалиётии омодагӣ (%)**

| Сатҳи омодагӣ | Гурӯҳи озмоишӣ дар ДОТП (Иштирокчиён 35 нафар) | | Гурӯҳи назоратӣ (Иштирокчиён 70 нафар) | | Гурӯҳи озмоишӣ дар ДДХ (Иштирокчиён 35 нафар) | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Оғози озмоиш | Анҷоми озмоиш | Оғози озмоиш | Анҷоми озмоиш | Оғози озмоиш | Анҷоми озмоиш |
| эҷодӣ | 11,1 | 24,3 | 15,7 | 60 | 9,8 | 22,1 |
| | 3,0 | 21,2 | 5,7 | 37,1 | 2,7 | 18,4 |
| баланд | 27,3 | 33,3 | 28,6 | 31,4 | 22,5 | 30,1 |
| | 18,2 | 33,3 | 20,0 | 54,3 | 15,4 | 30,8 |
| миёна | 43,3 | 30,3 | 45,1 | 8,6 | 40,1 | 25,4 |
| | 48,5 | 30,3 | 37,1 | 5,7 | 42,1 | 24,1 |
| паст | 18,2 | 12,1 | 10,6 | - | 15,2 | 10,2 |
| | 30,3 | 15,2 | 34,3 | 2,9 | 28,1 | 13,4 |

Эзоҳ: Дар сатри боло нишондиҳандаҳои ҷузъи амалиётӣ қарор доранд ва дарсатри поён ҷузъҳои мазмунӣ.

Чунон ки аз маълумоти омории дар ҷадвали 20 баррасишуда бармеояд, сатҳи ташаккул ё худ динамикаи амалиёти омодагии донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ дар дараҷаи баланд қарор дошта, тибқи арзёбӣ бошад, асосан, баҳоҳои баланд бартарӣ доранд. Ин нукта гувоҳӣ аз он медиҳад, ки технологияи дар раванди озмоиш истифодагардида бобати ташаккули омодагии донишҷӯён – омӯзгорони ояндаи таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" дорои бартариҳои баланди инкишофдиҳии қобилияти онҳо шуда, алалхусус, ин нукта дар қобилияти донишҷӯён бобати татбиқи донишҳои бадастомада дар фаъолияти амалиашон равшану дақиқ ба назар мерасид.

Ҳамин тариқ, дар раванди таъсиси кори таҷрибавӣ - озмоишӣ моро маълум гардид, ки тавассути истифодаи воситаҳо ва усулҳои омоданамоии касбӣ дар донишҷӯён салоҳияти касбӣ ва техникаи педагогӣ тағйир ёфта, тадриҷан истифодаи донишҳои касбиашон дар ин раванд ба маҳорат ва малакаҳо табдил меёфтанд. Ба ифодаи дигар, раванди дигаргунсозии маводи таълимӣ аз омӯзгор эҷодикориҳоро тақозо мекунад, то ки ба афзоиши қобилияти зеҳнии донишҷӯён мусоидат намуда, эътимоднокиашон ба худ афзун гардад, ки ин барои худидоракунӣ ва муваффақият дар таълим имкониятҳоро бештар фароҳам хоҳад овард.

Инчунин, бояд таъкид сохт, ки сатҳи инкишофи сифатҳои ҷисмонӣ аз бисёр ҷиҳат натиҷаи дониш ва малакаҳои бадастомадаеро муайян мекунанд, ки воситаи ташаккули таҷрибаи амалҳои омӯзгори ояндаи тарбияи ҷисмонӣ хоҳанд шуд. Аз ҷумла, дар ин бобат рақамҳои омории дар ҷадвали 21 ироашуда мушахасан тафовут ё ҳолатҳои омодагии ҷисмонӣ ва ё мушаххаси донишҷӯёни гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратиро дар иртибот ба шаклу навъҳои варзиш дар интиҳои озмоиш муаррифӣ менамоянд, ки он (озмоиш) дар тули 3 семестр роҳандозӣ гардидааст ва гумони комил ин аст, ки тибқи мушоҳида ҳар шахси дар ҷодаи таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" фаъолиятдошта ба нишондиҳандаҳои дар ҷалвали мазкур ироашуда бе ягон душворӣ ва ё тафсилоти иловагӣ худ сарфаҳм хоҳад рафт.

Ҷадвали 21

**Сатҳи омодагии донишҷӯён дар интиҳои озмоиши педагогӣ**

| Нишондиҳандаҳои мушаххаси омодагиҳои ҷисмонии донишҷӯён | Гурӯҳи озмоишӣ дар ДОТП (Иштирокчиён 35 нафар) | | Гурӯҳи назоратӣ (Иштирокчиён 70 нафар) | | Гурӯҳи озмоишӣ дар ДДХ (Иштирокчиён 35 нафар) | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Ибтидоӣ** | **Ниҳоӣ** | **Ибтидоӣ** | **Ниҳоӣ** | | |
| Давидан 4 х10 м (с) | 9,4±0,09 | 10,3±0,21 | 9,0±0,15 | 11,1±0,13 | 8,5±0,08 | 8,7±0,17 |
| Давидан 100 м (с) | 14,1±0,57 | 13,6±0,28 | 14,7±0,32 | 13,9±0,56 | 13,5±0,50 | 12,4±0,20 |
| Кашидани вазн (подтягивание) (шумораи теъдод) | 9±2,17 | 10±1,8 | 7±1,06 | 9±1,19 | 6±2,0 | 8±1,1 |
| Кросс 3000м (дақ) | 13,1±0,37 | 12,7±0,28 | 12,5±0,67 | 11,9±0,72 | 12,4±0,30 | 11,4±0,20 |
| PWC 170 3000м (с) | 1110,5±42,8 | 1225,2±2,1 | 1117,3±84,4 | 1218,3±22,9 | 1010,5±41,5 | 1200,2±1,5 |
| Ҷаҳиши ба дарозӣ аз ҷой (см) | 230±5,6 | 237±9,6 | 227±8,6 | 230±10,6 | 200±4,5 | 220±8,7 |

Ҳамчунин, дар раванди озмоиши ташаккулдиҳанда тавонистем, ки хусусияти зоҳиршавии равандҳои сенсорӣ-персептивӣ (идрокӣ) ва психо-функсионалиро заминаи асосии ташаккули омодагии психофизикии донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ маҳсуб меёбанд, муайян намоем.

Аз ҷумла, дар оғози озмоиш ташкили хусусиятҳои лабилнокӣ ва қувваи равандҳои асабӣ, лабилнокии зеҳнӣ, ҳамоҳангии биноӣ - ҳаракат ва назарсанҷӣ (глазомер) моро имкон дод, муайян намоем, ки муваффақияти донишҷӯён дар таълими касбӣ ва қобилияти азхудкунии намудҳои нави фаъолият, қобилияти зуд эътино намудан ба тағйирот дар гурӯҳи таҷрибавӣ (озмоишӣ) тақрибан дар ҳамон як сатҳ буда, асосан, аз иқтидор (потенсиал) - и миёнаи таълимгирандагон шаҳодат медоданд, ки нақши ин ҳамаро метавон дар ҷадвали 22 баръало ба мушоҳида гирифт. Чунончи:

## Равандҳои психо - функсионалӣ ва сифатҳои сенсорӣ - персептивӣ (ҳиссию идрокӣ) дар донишҷӯён қабл аз таъсиси озмоиши ташаккулдиҳанда ва баъд аз он

Ҷадвали 22.

| Аломатҳо | Нишондиҳандаҳо | Гурӯҳи озмоишӣ дар ДОТП (Иштирокчиён 35 нафар) | Гурӯҳи назоратӣ (Иштирокчиён 70 нафар) | Гурӯҳи озмоишӣ дар ДОТП (Иштирокчиён 35 нафар) |
|---|---|---|---|---|
| Равандҳои асабӣ | Қувват (миқдор. воҳ.) | 182,1± 25,9 | 160±21,8 | 178,7± 23,7 |
| | Лобилнокӣ (миқдори воҳидҳо) | 37,3±3,9 | 29,8+0,9 | 34,5±2,8 |
| | Устуворӣ (миқдори воҳидҳо) | 28,9±6,0 | 28,2±0,5 | 25,4±4,8 |
| Равандҳои зеҳнӣ | Хотираи оперативӣ (миқдори воҳ.) | 33,2±5,3 | 24,4±0,3 | 31,2±4,2 |
| | Хотираи калимагӣ (миқдори воҳ.) | 7,5±1,2 | 5,2±0,5 | 6,1±1,0 |
| | Зери таъсири эмотсияҳо (миқ. воҳ.) | 6,9±1,0 | 5,2±0,9 | 6,0±1,0 |
| | Хотираи рақамӣ (миқ. воҳидҳо) | 5,5±1,6 | 4,0±1,2 | 4,5±1,0 |
| | Зери таъсири эмотсияҳо (миқ. воҳидҳо) | 5,2±1,8 | 4,8±0,9 | 4,8±1,1 |
| Равандҳои персептивӣ (идрок) | Назарсанҷӣ (глазомер) (хато дар мм) | 1,0±0,9 | 3,0±0,4 | 1,0±0,4 |
| | Ҳамоҳангсозии (координатсияи) бинойи-ҳаракатӣ (хато дар мм) | 1,2±0,4* | 2,9±0,9 | 0,8±0,2 |

Маълум аст, ки сифатҳои психофизикӣ ва сенсорӣ - персептивии мувозинат ва идроки ҳаракатӣ - мушакӣ барои иҷрои вазифаҳои педагогӣ ва фаъолияти ҳаётӣ муҳиманд. Аз ин рӯ, дар давраи аввали таҳқиқот дараҷаи пасти мувозинат, фарққунии фосилаҳои вақтӣ, тафриқанамоии суръати ҳаракат, қобилияти ихтиёран суст намудани мушакҳо ба қисмати зиёди донишҷӯён хос буд. Аммо дар ин бобат дар интиҳои озмоиш дар натиҷаи тамоюлҳои мусбӣ дар 61,4% донишҷӯён дараҷаи баланди инкишоф ба мушоҳида гирифта шуд. Инчунин, тағироти динамикӣ ва сифатии нишондиҳандаҳои омодагии ҷисмонии тарбиягирандагон имкон дод, ки дар байни донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ усули амалҳои ҳаракатӣ дар намудҳои заминавии варзиш низ бомуваффақият васеъ карда шавад. Дар баробари ин ҳама, аз худ намудани техникаҳои ҳаракатҳои заминавӣ дар донишҷӯён барои дигар намудҳои фаъолияти педагогӣ майдони фаррохро боз намуданд. Чунончи, агар дар давраи аввали озмоиш 51,4% донишҷӯён афзалиятро, асосан, ба намудҳои интихобшудаи варзиш медоданд, пас дар интиҳои озмоиш ин миқдор ба 18,3% расид.

Ҳамчунин, бамаврид аст, таъкид намоем, ки дар мавқеи субъектҳои фаъолият қарор доштани донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ бобати эҷодкорӣ, мустақилият ва масъулият дар интиқоли маълумоти назариявӣ оид ба техникаи ҳаракатҳо ва таҷрибаи ҳаракатии худ низ барояшон имкониятҳоро фароҳам овард. Бахусус, иҷрои бошуурона ва воқеияти амал, мусоидати нутқ ва амал ҳам дар омодагии донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ ва ҳам гурӯҳи санҷишӣ тағйироти мусбии боэътимодро ба амал овард. Аз ҷумла, дар донишҷӯён маҳоратҳои дар вазъияти мураккаб амал намудан, қарорҳои фаврӣ ва самаранок қабул кардан ва онҳоро дар вазъиятҳои ғайристандартӣ татбиқ карда тавонистан ташаккул ёфтанд. Муколама бо донишҷӯён, ки дар раванди гузаронидани дарсҳо, дар ҳолатҳои мураккаби гуногун ба вуҷуд меомаданд, ба офаридани амсилаи воқеияти педагогӣ ва олами педагогии худи омӯзгори оянда боис мегардиданд. Ниҳоят, татбиқи принсипҳо, шароити ташкилию педагогӣ, раҳёфтҳои технологӣ - мазмунии фан, гуногунии вазифаҳои касбӣ, ки донишҷӯ

бояд онҳоро азхуд кунад, хусусияти таҳқиқотӣ доштани фаъолияти таълимии донишҷӯёнро ба ҷустуҷӯи фаъоли мустақилона ва дастаҷамъонаи дониши нав дар бораи воситаҳо ва роҳҳои беҳтаргардонии фаъолияти таълимию маърифатӣ намоиш медоданд, ки доир ба ин ҳама маълумоти дақиқро дар ҷадвали 23 метавон мушоҳида намуд.

**Амалисозии фаъолияти эҷодии донишҷӯён дар раванди таҳқиқот**

Ҷадвали 23

| Нишондиҳандаҳо | Гурӯҳи озмоишӣ дар ДОТП (Иштирокчиён 35 нафар) | | Гурӯҳи назоратӣ (Иштирокчиён 70 нафар) | | Гурӯҳи озмоишӣ дар ДДХ (Иштирокчиён 35 нафар) | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ибтидоӣ | Ниҳоӣ | Ибтидоӣ | Ниҳоӣ | Ибтидоӣ | Ниҳоӣ |
| Истифодаи ғояҳо (идеяҳо) - и аслӣ (оригиналӣ) дар раванди таҷрибаи педагогӣ (холҳо) | 2,1±0,8 | 2,3±0,9 | 2,2±1,2 | 3,7±0,1 | 1,1±0,8 | 1,8±0,5 |
| Кӯшишҳо бобати пайдо намудани роҳҳои ҳалли ғайристандартии масъалаҳои педагогӣ (холҳо) | 2,9±1,4 | 3,5±1,2 | 2,6±1,2 | 4,0±0,6 | 1,8±1,0 | 2,8±1,0 |
| Самаранокии истифодаи супоришҳои эҷодӣ дар амалияи педагогӣ (холҳо) | 2,9±1,7 | 3,2±1,6 | 3,0±1,8 | 4,6±0,7 | 2,9±1,7 | 2,2±1,3 |
| Мустақилона таҳия намудани супоришҳои эҷодӣ (миқдори теъдод) | 2,7±0,8 | 3,0±1,2 | 2,6±1,2 | 5,8±0,8 | 2,7±0,8 | 2,1±1,0 |
| Иштирок дар озмунҳо, олимпиадаҳо ва дигар чорабиниҳо (хол) | 3,4±1,8 | 3,9±1,3 | 3,3±1,5 | 4,5±0,2 | 3,4±1,8 | 2,5±1,0 |
| Дархости кӯмак аз муаллим (миқдори муроҷиатҳо) | 10,9±2,8 | 6,8 ±3,3 | 12,7±2,1 | 2,3 ±0,2 | 10,9±2,8 | 5,2 ±2,8 |

Тазаккур бояд дод, ки ҷустуҷӯйи роҳи эҷодкорона ворид шудан ба умқи ашё ва падидаҳои омӯхташуда боиси кашфи мустақилонаи мазмуну

мундаричаи нави курс гардида, дар донишҷӯён хоҳиши пайдо кардани роҳҳои ғайристандартии ҳалли масъалаҳои педагогӣ, ҳалли мустақили масъалаҳои эҷодиро афзун намуда, моҳиятан дар онҳо истеъдоди амсиласозии падидаҳои мураккаби психикиро аз қабили худтанзимкунӣ ва худшиносӣ низ рушд хоҳанд ёфт.

Гуфтан бамаврид аст, ки дар раванди озмоиш пешравиҳои назаррас дар мурочиати донишҷӯён барои кӯмак ба омӯзгор дар мавриди иҷрои супоришҳои таълимӣ низ ба мушоҳида мерасиданд. Яъне, дар ин бобат банди калидӣ ва ё воситаи аввалия  дар худмуайянкунии мутахассиси ояндаи омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ амалияи педагогӣ маҳсуб меёфту дар ин раванд амалҳо ва ё ҳамкории якҷояи дониш, малака ва маҳоратҳои дар раванди машғулиятҳои лексионӣ, амалӣ ва методӣ бадастовардашуда афзун мегардиданд.  Донишҷӯён дар ин раванд ба ҳалли корҳои эҷодӣ (микротадқиқотҳо оид ба супоришҳои кафедраи педагогика ва психология); супоришҳоро оид ба гузаронидани чорабиниҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзишӣ, таъсис додани сӯҳбатҳо оид ба тарбияи ҷисмонӣ, ба реҷаи ҳаррӯзаи хонандагон ворид намудани машқҳои ҷисмонӣ ва бозиҳои серҳаракат, ниҳоят, ба таъсис додани  машғулиятҳои фароғатӣ (сайругашт дар рӯзҳои истироҳат, лижаронӣ, лағжиш, сайругашт ва ғ.) ҷалб карда мешуданд.

Маълумотҳои худбаҳодиҳӣ, арзёбии экспертии маҳоратҳо, санҷишҳо зимни мушоҳидаҳои фаъолияти донишҷӯён дар ҷараёни амалияи омӯзгорӣ, омӯзиши ҳуҷҷатҳои онҳо ва таҳлили натиҷаҳои мини-таҳқиқотҳои анҷомдодашуда – ин ҳама ба мо имкон дод, ки дар бораи хеле баланд шудани сатҳи омодагии донишҷӯён ба фаъолияти мустақили касбӣ хулосаҳо барорем. Бахусус, моро дақиқ шуд, ки гурӯҳи озмоишӣ дар давраи таҷрибаи педагогӣ нисбат ба гурӯҳи назоратӣ иштироки фаъолтаринро дар доварии мусобиқаҳо, ташкил ва гузаронидани машғулиятҳо оид ба волейбол, баскетбол ва дигар намудҳои асосии варзиш нишон доданд. Дар ин бобат вобаста ба нишондиҳандаҳои мушаххаси фаъолияти омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ маълумотҳои омориро метавон дар ҷадвали 24 мушоҳида намуд. Чунончи:

**Фаъолияти роҳандозӣ карда тавонистани шаклҳо (нишондиҳандаҳо) ва тарзи амалисозии онҳо дар раванди озмоиши педагогӣ аз тарафи иштироккунандагон**

Ҷадвали 24

| Нишондиҳандаҳо | Гурӯҳи озмоишӣ дар ДОТП (Иштирокчиён 35 нафар) | Гурӯҳи назоратӣ (Иштирокчиён 70 нафар) | Гурӯҳи озмоишӣ дар ДДХ (Иштирокчиён 35 нафар) |
|---|---|---|---|
| Дар бобати ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфӣ (теъдоди машғулиятҳо). | 18,1±1,3 | 4,1±0.3 | 16,5±1,0 |
| Дар бобати ташкил ва гузаронидани саёҳатҳои туристӣ (шумораи теъдоди саёҳатҳо). | 4,5±0,9 | 3,1±0,6 | 3,8±0,5 |
| Дар бобати гузаронидани бозиҳои беруназсинфӣ ва варзишӣ дар вақти фароғат (шумораи маротибҳо) | 17,0±1,7 | 10,2±2,8 | 15,0±1,2 |
| Дар бобати ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо оид ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзишӣ (теъдоди чорабиниҳо) | 12,2±0,5 | 5,7±1,3 | 4,5±1,0 |
| Дар бобати таъсис додани машғулиятҳои фаннии беруназсинфӣ (шумораи машғулиятҳо). | 6,4±0,3 | 5,8±0,6 | 4,7±0,2 |
| Дар бобати доварӣ ба озмунҳо (теъдод) | 8,5±0,8 | 8,1±1,2 | 7,0±1,0 |

Инчунин, раванди озмоиши муқарраркунанда, ки зимни он натиҷаҳои хусусиятҳои сифатӣ ва миқдории сатҳи рушди нерӯи эҷодии донишҷӯён дар раванди таҷрибаи педагогӣ низ мавриди таҳлил қарор дода мешуданд, моро имкон дод, ки бартарии назарраси донишҷӯёни гурӯҳи озмоиширо ($P < 0.05$) нисбат ба гурӯҳи назоратӣ (санҷишӣ) маълум намоем, ки ҷавобгӯйи ин амали

мо ҷадвали 25 маҳсуб меёбад, ки дар он сатҳи омодагии ҳар ду гурӯҳ мавриди пажӯҳиш буда, аз рӯйи чаҳор меъёр: эҷодӣ, баланд, миёна ва паст арзёбӣ шудааст.

**Тағйирот дар сатҳи ташаккули ҷузъи эҷодӣ - омодагӣ ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” (%)**

Ҷадвали 25

| Сатҳи омодагӣ | Гурӯҳи озмоишӣ дар ДОТП (Иштирокчиён 35 нафар) | | Гурӯҳи назоратӣ (Иштирокчиён 70 нафар) | | Гурӯҳи озмоишӣ дар ДОТП (Иштирокчиён 35 нафар) | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Аслӣ** | **Ниҳоӣ** | **Аслӣ** | **Ниҳоӣ** | **Аслӣ** | **Ниҳоӣ** |
| Эҷодӣ | 5,7 | 34,3 | - | 6,1 | 4,5 | 32,4 |
| Баланд | 8,6 | 37,1 | 12,1 | 27,3 | 6,8 | 34,2 |
| Миёна | 37,1 | 25,7 | 30,3 | 42,4 | 33,1 | 22,1 |
| Паст | 48,6 | 2,9 | 57,6 | 24,2 | 44,2 | 2,1 |

Ҳамчунин, раванди амалии таҷриба (эксперимент – озмоиш) – и педагогӣ маълум намуд, ки дар донишҷӯёни гурӯҳи таҷрибавӣ (озмоишӣ) қобилиятҳои “оламро бо чашми дигарон дидан”, “фаъолияти ба худ ҷалб намудани кӯдакон” бештар инкишоф ёфтаанду нишондиҳандаҳое, ки самарабахшӣ, суръат ва сифати ҳалли масъалаҳои эҷодиро тавсиф мекунанд, низ дар онҳо ба таври назаррас тағйир ёфтанд, ки ин ҳама ба онҳо дар доираи ба дастовардани натиҷаҳои баланд ва коҳиш ёфтани вақти ҳалли онҳо, гуногунрангӣ ва асоснокунии интихоби ҳалли масъалаҳо имконпазир шудаанд.

Аммо, таҳлили динамикаи рушди ҷузъҳои арзёбӣ (баҳогузорӣ) маълум намуд, ки бобати омодагии ибтидоии таҳқиқоти озмоишӣ аз рӯи баъзе масъалаҳо нуқсонҳо (камбудиҳо) дар худбаҳодиҳии онҳо ба донишҳои педагогии худ низ мавҷуд будаанд. Аниқтараш, дар мобайни марҳилаи якуми баҳодиҳии дониш ба омодагии касбӣ ҳамагӣ нӯҳ нафар донишҷӯён (38%) харита - супоришро оид ба худбаҳодиҳии ҳолатҳои функсионалӣ бидуни

мушкилот иҷро намуданду шаш нафари онҳо ба имкониятҳои худ аз нигоҳи интиқодӣ арзёбӣ карда натавонистанд ва тавсияҳои амаливу барномаи амалҳоро бароиислоҳи ҳолатҳои худ низ истифода карда натавонистанд. Қисми боқимонда супоришҳоро танҳо дар сатҳи миёнаи салоҳияти касбӣ ва амалҳои зеҳниву фарҳанги тафаккури илмӣ - педагогӣ иҷро карданду бас. Яъне ин ҳама маълумоти бадастомадаро ба ҳамин мазмун шарҳ додан мумкин аст, ки дар оғози озмоиши педагогӣ озмудашавандагони гурӯҳи озмоишӣ, ки ба сабаби таҷрибаи корӣ надоштан дар истифодаи барномаҳои таълимӣ – маводи таълимиро ба қадри кофӣ азхуд карда наметавонистанд.

Марҳилаи муносибати бошуурона дар иштирокчиёни гурӯҳи озмоишӣ ба азхудкунии дониш ва ҳалли вазифаҳои гузошташуда танҳо дар миёнаи нимсола ба амал омада, он муносибат ба фаъолиятҳои мақсадноку бартарияти ҳавасмандӣ ва таваҷҷӯҳ ба натиҷаҳои дилхоҳ табдил ёфт.

Ҳамин тавр, аз марҳила ба марҳила шумораи донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ, ки ба сатҳи баланди баҳогузорӣ ба ҷузъҳои омодагии касбӣ ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” ворид мешуданд, ба таври назаррас меафзуд.

Ин амали онҳо маҳз ва бештар ба туфайли беҳтар донистану тавонистани амалҳои ҳаракатӣ, ба туфайли зуҳури воқеии онҳоро дар хотира доштан, тағйир ёфтани суръати қабули қарор ва қобилияти ислоҳи онҳо, ба шарҳи амиқу шифоҳии амалҳои ҳаракатӣ ва зарурияти иҷро кардани онҳо ва ниҳоят, дар саривақт бартараф кардани хатоҳо имконпазир мегардид.

Ҳамчунин, мебояд таъкид намуд, ки дар донишҷӯён – иштироккунандагони гурӯҳи озмоишӣ зоҳир гаштани сифатҳои иродавӣ, маҳорату малакаҳо, муқоисаи арзёбии худ ба арзёбии мувофиқи рафиқон ва экспертҳо дар худтаҳлилнамоӣ ва худбаҳодиҳӣ ва ғайра, дар маҷмуъ, шахсияти онҳоро дар самти худмуайянкунӣ ва худомӯзӣ муаррифӣ менамуданд, ки ин ҳамаро метавон дар зер дар ҷадвали 26 ба таври возеҳ мушоҳида намуд.

**Тағйироти сатҳи ташаккулёбии ҷузъи баҳогузории омодагӣ ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” (%)**

Ҷадвали 26

| **Сатҳи омодагӣ** | **Гурӯҳи озмоишӣ дар ДОТП (Иштирокчиён 35 нафар)** | | **Гурӯҳи санҷишӣ (Иштирокчиён 70 нафар)** | | **Гурӯҳи озмоишӣ дар ДДХ (Иштирокчиён 35 нафар)** | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Ибтидоӣ** | **Ниҳоӣ** | **Ибтидоӣ** | **Ниҳоӣ** | **Ибтидоӣ** | **Ниҳоӣ** |
| Эҷодӣ | - | 34,3 | 3,0 | 15,2 | - | 33,1 |
| Баланд | 8,6 | 45,7 | 6,1 | 24,2 | 7,6 | 43,3 |
| Миёна | 28,6 | 14,3 | 18,2 | 45,4 | 26,3 | 13,2 |
| Паст | 62,8 | 5,7 | 72,7 | 15,2 | 68,1 | 10,4 |

Ҳамин тавр ва умуман, дар маҷмуъ, натиҷаҳои таҳлили муқоисавии тағйироти мутлақи сатҳи ташаккулёбии омодагии муаллимони оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” дар ҳар ду гурӯҳи таҷрибавӣ маълум намуд, ки шумораи донишҷӯёни дорои қобилиятҳои эҷодии омодагӣ дар гурӯҳи озмоишии ҳар ду муассисаи олӣ аз 7,6% 8,6% (дар оғози озмоиш) то 43,3; 45,7% дар охири озмоиш афзудааст (фарқият 37,1%). Инчунин, дар шумораи донишҷӯёне, ки сатҳи миёнаи омодагии онҳо бештар назаррас буд, низ тағйирот ба амал омадааст. Шумораи донишҷӯёни дорои сатҳи пасти ташаккули омодагӣ аз 26,3; 28,6% дар оғози озмоиш то 13,2; 14,3% дар охири он коҳиш ёфтааст, ки ин ҳамаро метавон дар диаграммаи дар расми 3 тасвирёфта мушоҳида намуд.




*Расми 3. Диаграмма ё худ динамикаи арзёбии сатҳи ташаккулёбии омодагӣ ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ", ки зимни маълумотҳои бадастомада дар раванди озмоиши ташаккулдиҳанда дар фаъолияти гурӯҳи озмоишӣ муайян карда шудааст.*

Ҳамин тариқ, аз натиҷаи раванди корҳои таҷрибавӣ - озмоишӣ мо ба чунин хулоса омадем, ки дар заминаи истифодаи ухдабароёнаи шароитҳои ташкилию педагогӣ, ки дар барномаи технологияи ташаккули омодагии омӯзгори оянда барои таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" пешниҳод гардидааст, самти касбии донишҷӯён тағйир ёфта, дар онҳо, пеш аз ҳама, хислатҳои муҳими касбии шахсият ташаккул ёфта, моҳиятан, истифодаи донишҳо дар раванди таҳсилоти педагогӣ аз нодонӣ ба дониш ва ё ба маҳорату малакаҳо табдил меёфтаанд. Яъне, раванди тағйир додани маводи таълимӣ ба эҷодкорӣ, ба афзоиши қобилияти зеҳнии донишҷӯён иртибот доштааст, ки дар ин замина эътимоди онҳо ба худ бештар гардида, эҳсоси субъективии муқовиматашон ба маводи таълимӣ низ коҳиш меёбад, ки ин барои амалӣ шудани худидоракунӣ ва муваффақият дар фаъолияти ояндаи онҳо, ки ба ҳайси омӯзгори таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" камол меёбанд, ҳамеша роҳнамои "беминнат" хоҳад шуд.

## Хулосаи боби дуюм

Боби дуюми диссертатсия “Таҳқиқоти таҷрибавӣ ва натиҷаҳои ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” ба маънои томаш озмоишӣ буда, дар он кӯшиши дар амалия татбиқ намудани мавқеъҳои назариявии дар боло овардашуда тавассути татбиқи амсила ва корбурди барномаи ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” ба харҷ дода мешавад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмиро ҷамъбаст намуда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст.

1. Дар раванди таҳқиқот бо мақсади муайян кардани вазъи омӯзиши худбаҳодиҳии омодагӣ ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” дар байни донишҷӯёни курсҳои болоӣ ва хатмкунандагон озмоиши педагогии муқарраркунанда таъсис дода шуд, ки дар иртибот ба он ҳалли масъалаҳои зерин дар мадди назар буд:

• муайян кардани муносибати донишҷӯён ба низоми мавҷудаи кори таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва диди онҳо оид ба камбудиҳо ва роҳҳои бартараф намудани онҳо;

• омӯзиши худбаҳодиҳии омодагии донишҷӯёни факултети табиатшиносӣ ва тарбияи ҷисмонӣ, дар маҷмуъ ва ҷузъҳои алоҳидаи он дар мавриди таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ”.

2. Технологияи ташаккули омодагии донишҷӯён ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ”, ки дар раванди таълим дар донишкадаву донишгоҳҳои омӯзгорӣ ҷорӣ карда шудааст, имкон медиҳад, ки масъалаҳои зерин ҳал карда шаванд:

• шаклҳо, методҳо, усулҳо ва воситаҳои ташкилии таълим;

• мундариҷаи фан (ба донишҷӯён чиро таълим додан) ва механизми амалиётӣ (чӣ гуна таълим додан ба донишҷӯён);

• пайдарпайии татбиқи технология;

• нишондиҳандаҳои ташаккули омодагӣ ва меъёрҳои самаранокии технологияи педагогӣ;

• маҷмуи воситаҳое, ки ба ташхиси таъсироти рушддиҳандаи технология нигаронида шудаанд.

3. Ниҳоят дар боби мазкур таъкид мегардад, ки масъалаҳои назариявии таъсиси озмоишӣ, аз ҷумла, озмоиши ташаккулдиҳандаро фарогир буда, муфассали натиҷаҳои арзёбии амалии раванди ташаккули омодагии муаллимони ояндаи таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” дар басти чаҳоруми ҳамин боб пешниҳод шудааст.

# ХУЛОСА

Дар ҷараёни таҳқиқоти дисертатсионии мазкур мо дар асоси консепсияҳои файласуфони машҳур, педагогҳо ва психологҳои эътирофшуда оид ба моҳияти инсон ва нақши фаъолии ӯ дар дигаргунсозии худ ва ҷомеа, дар бораи нақши меҳнат дар ташаккули шахсият, дар бораи самти иҷтимоии фаъолияти педагогӣ, табиати бошуурона ва мақсаднок доштани он, бахусус, равандҳои омодагии донишҷӯён - омӯзгорони ояндаро ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” - и дар доираи фаъолияти донишҷӯёни факултетҳои тарбияи ҷисмонии ДОТ дар шаҳри Панҷакент ва ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров омӯхта, роҳҳои самараноки ба даст овардани комёбиҳоро дар ин раванд муайян карда, ҳамчунин, барои омӯзгорони сатҳҳои гуногуни таҳсилот дастурҳои умедбахши методиро пешниҳод намудем.

Гуфтан ҷоиз аст, ки мафҳуми калидии таҳқиқоти моро шахсияти донишҷӯ, ҳамчун субъекти таълим, ташкил медиҳад. Дар ин ҷода, сараввал, муқаррароти роҳнамо дар ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” далолат ба он мекунад, ки таҳсилот дар шароити муосир, на фақат раванди баррасикунандаи дониш ва малакаҳои мушаххас маҳсуб меёбад, балки, ҳамчун раванди ташаккули қобилиятҳои муайяни маърифатӣ низ арзёбӣ мегардад. Аз ҷумла, чунин қобилиятҳо бобати роҳандозии фаъолияти касбии дар асоси иттилооти гирифташуда ва ба даст овардани донишҳои нав, тибқи фаъолияти мустақилона, дар рушди баъдинаи фаъолияти касбӣ заруранд.

Чи тавре ки аз натиҷаҳои озмоиши ташаккулдиҳанда ба мо маълум гардид, фаъолияти эҷодии донишҷӯён дар бобати татбиқи дониши бадастомада аз бисёр ҷиҳат муваффақиятҳои ҳунарии омӯзгори ояндаро ба фаъолияти касбиаш рушд дода, амалҳои стандартиро дар фаъолияти ҳунариашон истисно намуда, ба тағйир ёфтани нуқтаи назар, ҳиссиёт ва маромҳои ӯ мусоидат менамудааст. Бахусус, маълум намудем, ки ҳамкорӣ ва муоширати субъектҳо тавассути шаклҳои мухталифи муошират, ғановати таҷрибаи ҳаракатӣ, озодии ҳаракат ва мавзунӣ (пластика), маҳорати аз рӯи аломатҳои берунӣ шинохтани рафтор, андеша ва амалҳои атрофиён ва ғайра барои пешбинии самаранок шароит фароҳам меовардааст, ки дар асоси ин ҳама озодӣ дар афкор ва ҳаракатҳо ба

вуҷуд омада, эътимод ба худ баланд мегардидааст. Бахусус, беҳтаргардонии тарзи инфиродии ҳамкории иттилоотӣ ва фаъолиятии донишҷӯ бо муҳити фаннӣ, ё худ касбӣ, эҷоди муносибатҳои субъектӣ дар раванди таълим, ташаккули ҳавасмандӣ ба мавқеи фаъоли эҷодӣ; истифодаи шаклҳои гуногуни иттилоотрасонӣ ва такя ба омодагии оптималии ҷисмонӣ омодагии аксари донишҷӯёнро барои таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" таъмин намуданд. Дар навбати худ, моро маълум гардид, ки омодагии донишҷӯён ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" дар онҳо бобати ташаккули малакаҳои ҷустуҷӯйӣ, ҳалли мушкилот, даст кашидан аз нақшаҳо ва алгоритмҳои тайёр, балки дарёфти роҳи аслии ҳалли масъалаҳои бамиёномада, ихтироъкорӣ ва тафаккури интиқодӣ низ мусоидат менамудааст.

Дар воқеъ, табиат ва моҳияти омодагии омӯзгориояндаро ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" баррасӣ намуда, бисёрҷабҳагии онро метавон ҳамчун раванди татбиқи ғояҳои касбӣ ва шахсии педагогӣ, таркиб (синтез) - и қобилиятҳо барои фаъолияти мақсадноки касбӣ эътироф намуд. Зеро он (омодагии касбӣ) муаррификунандаи сатҳи баландтарини рушди мутахассис маҳсуб меёбад.

Инак, зимни маълумоти дар боло ироашуда мо метавонем, дилпурона таъкид намоем, ки ҳадафҳо ва ё вазифа ва мақсадҳои зимни фарзияи кор дар мадди назар буда, дар раванди тадқиқот ба воқеият табдил ёфтаанд.

Бахусус, дар раванди озмоиши ташаккулдиҳанда система ва ё шароити ташкилию педагогие муҳайё гардид, ки бобати ҷузъҳои омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ" таъсир расонида тавонистанд, бахусус, шароитҳои зерин:

- худмаърифатнамоии шахс ба фаъолияти таълимӣ, илмӣ ва варзишӣ, ки донишҷӯро ба кори бошуурона ва мақсаднок ташвиқ мекарданд;
- фаъолияти ҷустуҷӯйии тадриҷан мураккабшавандаи донишҷӯён дар таҳия ва татбиқи харита - супоришҳо, ки бобати баланд шудани фаъолии маърифатии онҳо мусоидат менамуданд;

- озодӣ дар интихоби вариантҳои ҳалли масъалаҳои касбӣ ва системаи назорати рейтингӣ, ҳамчун роҳи ҳавасмандгардонии кори мустақилонаи донишҷӯён;

- ниҳоят, тафтиши муназзами сатҳи дастовардҳои таълимии донишҷӯён дар асоси истифодаи системаи назорати рейтингӣ ва ғ.

Бахусус, роҳандозии амсилаи сохторӣ - функсионалӣ ва технологияи ташаккули омодагии омӯзгори ояндa ба таълими фанни "Тарбияи ҷисмонӣ", ки дар чаҳорчӯбаи фанни "Назария ва методикаи таълими тарбияи ҷисмонӣ" аз тарафи мо таҳия шуда буд, натиҷабахш ва самаранокии худро дар раванди озмоиши ташаккулдиҳанда исбот намуда тавонист. Чунки он, ҳамчун системаи мураккаб, аз унсурҳои муайяни ба ҳам алоқаманд, фарогири мақсадҳо, принсипҳо, ҷузҳои сохторӣ, шароитҳо, технологияи татбиқ ва натиҷа буд.

Инчунин, дар тадқиқот принсипҳое муқаррар карда шудаанд, ки қонунияти раҳёфти шахсӣ - фаъолиятиро дар раванди таълимӣ - тарбиявии омоданамоии омӯзгори ояндаи тарбияи ҷисмонӣ муайян менамояд. Ба ин метавон нақши **принсипҳои мукаммалият, проблеманокӣ, ягонагии назария ва амалия, таълими якдигарӣ, худомӯзӣ ва фардигардонӣ** шомиланд.

Дар баробари принсипҳо ва шароитҳо, асоси технологияи мазкурро, инчунин, нуктаҳои зерин ташкил медиҳанд:

• шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои ташкилии таълим, ки дар технологияи додашуда пешбинӣ шудаанд;

• мундариҷаи фан (ба донишҷӯён чиро омӯзондан зарур аст) ва механизми амалиётӣ (оператсионалӣ) - и (чӣ гуна таълим додан) технологияи таълими донишҷӯён;

• пайдарпаии татбиқи технология;

• нишондиҳандаҳои ташаккули омодагӣ ва меъёрҳои самаранокии технологияи педагогӣ;

• маҷмӯи воситаҳое, ки ба ташхиси таъсири рушддиҳандаи технология нигаронида шудаанд.

Дар маҷмуъ, бояд эътироф намуд, ки истифодаи мақсадноки маводҳои дар маҷмуаҳои таълимию методии баррасишуда аз қабили барномаҳои корӣ барои курс, саволҳои тестӣ, мавзуъҳои реферат ва корҳои курсӣ, нақшаҳо, констпектҳо, фишурдаи лексияҳо, нақшаҳои семинарҳо ва дарсҳои амалӣ, кортҳои тестӣ, супоришҳо барои кори мустақилона, рӯйхати адабиёти тавсияшаванда – ҳама имкон доданд, ки сатҳи омодагии омӯзгори оянда барои таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” баланд бардошта шавад. Хусусан, дар маводи барнома ҳадафи мақсади баррасии ҳар як марҳилаи технология, сатҳи ниҳоии омодагӣ, талабот ба фаъолияти амалӣ ва педагогии донишҷӯён муаллимони ояндаи таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” дақиқтар баррасӣ шудаанд.

Хулоса, натиҷаи пажӯҳишҳои илмӣ ва педагогиву психологӣ, инчунин, таҳқиқоти озмоишӣ имкон дод, ки таҳқиқоти мо ба таври мукаммал анҷом ёбад. Бахусус, дар ин раванди озмоиши ташаккулдиҳанда мавриди корбурд қарор додани барнома ва технологияи такмилдодаи мо бобати ташаккули омодагии омӯзгори ояндаи фанни “Тарбияи ҷисмонӣ”, ки он бартариҳои худро нишон дод, комёбии беҳтарин дар тадқиқот маҳсуб меёбаду натиҷаҳои он дар ҷадвалҳои 14, 15, 16, 17, 18, 19, 20, 21, 22, 23, 24, 25, 26 ва диаграмма (расми 3), тибқи маълумотҳои оморӣ, дақиқ баррасӣ гардидаанд.

Ниҳоят, таҳқиқоти мо имкон дод, ки дар заминаи муҳтавои асосиаш дар чанд баст низ хулосабарорӣ карда шаванд, ки эътимоднокии фарзияи дар муқаддима пешниҳодшударо тасдиқ менамоянд. Чунончи:

1. Низоми таҳсилоти муосир тақозо менамояд, ки донишҷӯ ҳамчун шахс, фард ва мутахассис инкишоф ёбад. Аз ин лиҳоз, самаранокии фаъолияти минбаъдаи касбии донишҷӯ - омӯзгори ояндаи фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” дар сурате имконпазир мегардад, ки агар ӯ қобилияти дар байни фаъолияти маърифатӣ, тарбияи ҷисмонӣ, варзиш ва инкишофи умумифарҳангии худ робитаи ногусастанӣ барқарор намуданро доро бошад. Чунки зарурати ташаккули раванди омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” дар заминаи он рушд ёфта, афзоиши фаъолияти таълимӣ -

маърифатии ӯ низ имконпазир мегардад. Ҳамзамон, чунин фаъолият ба ҳайси сифатҳои инфиродии шахсӣ, сатҳи худшиносӣ, худинкишофдиҳӣ, сатҳи инкишофи қобилиятҳо, фарҳанги тафаккур, муносибати шахсӣ ба фаъолияти касбии омӯзгори ояндаро муайян месозад.

2. Таҳқиқоти диссертатсионӣ собит сохт, ки омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” зуҳуроти мураккаб ва таркибӣ буда, он бояд фарогири ҷузъҳои зерин аз қабили: **маромӣ - арзишӣ, эмотсионалӣ - иродавӣ, мазмунӣ, амалиётӣ (оператсионалӣ), ҷисмонӣ, эҷодӣ** ва **арзёбикунанда** ҳам бошад. Дар баробари ин, дар кор зинаҳои зерини рушди омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” муқаррар карда шудаанд: **паст, миёна, баланд, эҷодӣ** муайяну муқаррар карда шудаанд. Дар доираи зинаҳои мазкур зинаи баланди омодагии донишҷӯён ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ”, ҳамчун нишондиҳандаи асосии раванди самараноки таълим ба ҳисоб рафта, он метавонад, донишҷӯёнро ҳамчун субъектҳои фаъолияти таълимӣ муаррифӣ намояд.

3. Муқаррар карда шуд, ки таъмини самаранокии омодагии донишҷӯён ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” бештар дар асоси принсипҳои **муттасилӣ, мураккабӣ, ҳамоҳангӣ, тағйирёбандагӣ** ва инчунин, риояи шароитҳои муайяни ташкилӣ - педагогӣ имконпазир мегардидааст.

4. Зимни шароитҳои муқарраршудаи ташкилӣ - педагогӣ амсилаи сохторӣ - функсионалии ташаккули омодагии омӯзгори оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” ва барномаи ташаккулдиҳанда (Ниг.: ба фасли 2-и боби 1) таҳиягардида, дар амалияи фаъолияти таълимӣ - маърифатии донишҷӯён, бахусус, эътимоднокиаш дар раванди озмоиши ташаккулдиҳанда аз санҷиш гузаронида шуд. Муваффақияти амсила ва барномаи ташаккулдиҳандаро, ҳамчунин, истифодаи **принсипҳои муҳими педагогӣ** (мукаммалият, проблеманокӣ, ягонагии назария ва амалия, омӯзиши мутақобила, таҳқиқот, худомӯзӣ, фардигардонии раванди таълим) ва **усулҳои инноватсионии таълим** (муқаррар намудани ҳадафи возеҳи таълим, хударзёбии фаъолият, пешниҳоди маводи таълимӣ дар шакли маҷмуи супоришҳои тадриҷан мураккабшавандаи

маърифатӣ ва амалӣ, дақиқ намудани марҳилаҳои фаъолият, пайдарпайии мантиқии супоришҳои маърифатӣ ва амалӣ, имконияти интихоби озод ва эҷодкоронаи шаклҳои фаъолият, фаъолияти инфиродӣ ва гурӯҳии таълимӣ) таъмин намуданд.

5. Дар иртибот ба бандҳои дар фавқ омада бо боварӣ метавон гуфт, ки он ҳама мақсаду фарзияҳо ва вазифаҳои дар муқаддимаи кор баррасишуда, ки ҳаллу фаслашон бояд асосҳои педагогии ташаккули сифатҳои касбии омузгорони ояндаи тарбияи ҷисмониро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таъмин намоянд, пурра дар доираи ҷанбаҳои назариявии педагогиву психологии муҳаққиқони ватаниву бурунмарзӣ муайян карда шуда, зиёда аз ин, эътимоднокиашон дар раванди озмоишҳои педагогӣ (муқарраркунанда, ташаккулдиҳанда) асоснок карда шудаанд.

Хусусан, натиҷаҳои таҳлили омории фаъолияти донишҷӯён гувоҳӣ аз он медиҳад, ки амсила ва барномаи таҳиянамудаи мо мувофиқи талабот ва мақсад буда, бобати ташаккули омодагии донишҷӯён – омӯзгорони ояндаи таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” мусоидат карда метавонистааст.

**Тавсияҳо барои истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар амал:**

Дар заминаи натиҷаҳои таҳқиқот ҷиҳати беҳбудӣ бахшидан ба вазъи феълии омоданамоии омӯзгорони оянда ба таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” барои омӯзгорони муассисаҳои олии касбии кишвар маҷмуи тавсияҳо низ мураттаб карда шудаанд, ки дастрас шудан ба устодони соҳаи варзиш ва таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” бобати пешбурди фаъолияти касбиашон метавонад, мусоидат намояд:

• ҳангоми ташкили раванди фаъолияти таълимӣ - маърифатии донишҷӯён лозим аст, ки аз шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои инноватсионии ташкилии таълим, ки дар технологияи таҳиякардаи мо пешбинӣ шудаанд, мавриди истифодабарӣ қарор дода шаванд;

• бояд дар назар дошт, ки фаъолияти ҷустуҷӯии тадриҷан мураккабшавандаи донишҷӯён бештар дар раванди таҳия ва татбиқи харита -

супоришҳо баррасӣ, ё худ дақиқ мешаванд, ки ин ба афзун шудани фаъолии маърифатии онҳо мусоидат мекунад;

• ҷиҳати ҳавасмандгардонии донишҷӯён ба кори мустақилона ва рушд додани тафаккури эҷодии онҳо барояшон дар интихоби вариантҳои ҳалли масъалаҳои касбӣ ва системаи назорати рейтингӣ шароити озодро фароҳам овардан зарурат дорад;

• инчунин, тафтиши муназзами сатҳи дастовардҳои таълимии донишҷӯён дар асоси истифодаи системаи назорати рейтингӣ барои баланд бардоштани завқу ҳавасмандиашон ба таълим метавонад, заминаи мусоидро фароҳам оварад.

# АДАБИЁТ:


1. Абдуллина, О.А. Общепедагогическая подготовка учителя в системе высшего педагогического образования / О.А. Абдуллина. - М.: Просвещение, 1984.-208 с.
2. Абдуллоев Ш.У. Особенности подготовки учителей физической культуры к педагогической деятельности в условиях реформирования образования в Республике Таджикистан: Автореф. кан. пед. наук / Абдуллоев Ш.У., - Душанбе, 2019.-31 с.
3. Абульханова - Славская, К. А. Деятельность и психология личности / К.А. Абульханова - Славская. - М.: Наука, 1980. – 335 с.
4. Абульханова - Славская, К.А. Активность и развитие личности / К.А. Абульханова - Славская. - М.: Наука, 1989. – 226 с.
5. Алексеев, Н.А. Психолого - педагогические системы развивающего дифференцированного обучения / П.А. Алексеев. - Челябинск: Из-во ЧГПИ “Факел”, 1995.-167 с.
6. Алиев, О.З., Азимов, ГҶ. Беҳдошти варзиш. – Душанбе: «Ирфон», 2006. - 234 с.
7. Амонашвили, Ш.А. Личностно - гуманная основа педагогического процесса / Ш.А. Амонашвили. - Минск: “Университетское”, 1990. – 559 с.
8. Амонашвили, Ш.А. Размышления о гуманной педагогике / Ш.А. Амонашвили. - М.: Пз - во Дом Шалвы Амонашвили, 1995. – 496 с.
9. Ан, Г.Д., Умарова Т.М., Аманов И.Т. «Педагогика и психолгия высшей школы». – Душанбе, 2003. - 360 с.
10. Ананьев, Б.Г. Возрастная психология взрослых / Б. Г. Ананьев. - Новосибирск: Изд - во Новосибирского ун-та, 1983. -241 с.
11. Ананьев, Б.Г. Структура развития психофизических функций взрослого человека / Б.Г. Ананьев // Избранные психологические труды. - М.: Педагогика, 1960. Т. 1. - 230 с.
12. Ананьев, Б.Г. Человек как предмет познания / Б.Г. Ананьев. - Л.: Изд - во Ленинградского ун - та, 1968.-339 с.

13. Анисимова, В.А. Формирование у студентов вуза физической культуры готовности к самообразованию: Автореф. дис. ... канд. пед. наук / В.А. Анисимова. - Челябинск, 2003. – 19 с.

14. Анцыферова, Л.И. К психологии личности как развивающейся системы /Л.И. Анцыферова // Психология формирования и развития личности. - М.: Наука, 1981.- С. 15-16.

15. Анцыферова, Л.И. Системный подход в психологии личности / Л.И. Апцыферова // Принцип системности в психологических исследованиях / Отв. ред. Д.Н. Завалишина, В.А. Барабанщиков. - СПб, 1990. - С. 61 – 139 с

16. Асмолов, А.Г, Психология личности: Учебник / А.Г Асмолов. - М.: МГУ, 1990.-С. 33-38; 74-88.

17. Асозода, Б.Дж. Влияние физического воспитания на социализацию детей дошкольного возраста в семье. Автореф. дисс. кан. наук. Дж.Б. Асозода. Душанбе, 2019. – 180 с.

18. Атахонов, Р.А. Оссобенности эмпирического и теоретического обобщения решения арифметических задач младшими школьниками. Автореф. дис. канд. псих. наук / Атаханов Р.А. Москва, 1972.- 128с.

19. Афанасьев, В.Г. О системном подходе в социальном познании / В.Г.Афанасьев // Вопросы философии. - 1973. -№6. - С. 98 - 111.

20. Бабанский, Ю.К. Проблемы повышения эффективности педагогических исследований / Ю.К. Бабанский. - М.: Педагогика, 1982. – 192 с.

21. Бабушкин, Г.Д. Детерминанты профессионального саморазвития специалистов по физической культуре // Психология и педагогика средней и высшей школы. Омск, 1998. - № 1. - С. 5 - 14.

22. Бальсевич, В.К. Физическая культура для всех и каждого/. В.К Бальсевич. - М.: ФиС, 1988. - 232 с.

23. Бальсевич, В.К. Физическая культура для всех и для каждого / В.К. Бальсевич. - М.:Ф и С, 1988. - 112 с.

24. Бальсевич, В.К. Физическая культура: Молодежь и современность / В. К.

Бальсевич, Л. И. Лубышева // Теория и практика физической культуры. - 1995. –№ 4.-С. 2 – 8.

25. Барулин, В.С. Социально-философская антропология: Общие начала социально - философской антропологии / В.С. Барулин. - М.: Омега, 1994. -134 с.

26. Бегидова, С.Н. Теория и практика профессионально - творческого развития личности в процессе подготовки специалиста физической культуры и спорта: Автореф. дис. д-ра пед. наук / С.Н. Бегидова. - Майкоп, 2000. - 33 с.

27. Белошицкий, А.В. Становление субъектности студентов в образовательном процессе вуза / А.В. Белошицкий, И.Ф. Бережная // Педагогика. - 2006. - №5. - 5.

28. Белухин, Д.А. Основы личностно - ориентированной педагогики. Курс лекций: Ч. 1 / Д.А. Белухин. - М.: Изд - во Московского ун - та, 1996. - 318 с.

29. Беляев, И.А. Решение проблем профилирования физического воспитания учащихся медицинских училищ: Автореф. дис. ... канд. пед. наук / И.А. Беляев. - Екатеринбург, 1994. - 26 с.

30. Берне, Р. Развитие Я - концепции и воспитания / Р. Берне. - М.: Прогресс, 1986. - 420 с.

31. Бернштейн, Н.А. Некоторые назревающие проблемы регуляции двигательных актов / Н.А. Бернщтейн // Вопросы психологии. - 1957. - № 6. -С. 70 - 91.

32. Бернштейн, Н.А. О построении движений / Н.А. Бернштейн, - М.: Наука, 1947. - С. 131.

33. Беспалько, В. П. Педагогика и прогрессивные технологии обучения / В.П. Беспалько. - М.: Педагогика, 1995. – 142 с.

34. Беспалько, В. П. Слагаемые педагогической технологии / В.П. Беспалько. - М.: Педагогика, 1989. – 190 с.

35. Беспалько, В.П. Основы теории педагогических систем / В.П. Беспалько. - Воронеж.-ВГУ, 1977, - 246 с.

36. Блауберг, И. В. Проблема целостности и системный подход / И.В. Блауберг. - М.: Эдиториал УРСС, 1997. – 450 с.

37. Блауберг, И. В. Философские проблемы исследования систем и структур /И. В. Блауберг, Э.Г. Юдин // Вопросы философии. - 1970. - № 5. - С. 57 - 68.

38. Бобоҷонов М.Ш. Имконияти педагогии истифодаи намудҳои миллии варзиш дар тайёр кардани омӯзгори ояндаи тарбияи ҷисмонӣ. Автореф. дисс. ном. илм. пед. М.Ш, Бобоҷонов. Душанбе, 2019. – 170 с.

39. Богданова, И.И. Формирование профессионального самоопределения студентов педагогических училищ: Автореф. дис. ... канд. пед. наук / И. И. Богданова. - РАГС, 1998. - 30 с.

40. Богоявленская, Д.Б. Об одном из подходов к исследованию интеллектуального творчества / Д.Б. Богоявленская // Вопросы психологии. 1976, №4. - С. 69 - 80.

41. Богоявленская, Д.Б. Психология творческих способностей / Д. Б. Богоявленская. - М.: Издательский центр «Академия», 2002. – 320 с.

42. Богоявленская, Д.Б. Пути к творчеству / Д.Б. Богоявленская. - М.: Знание, 1981. - 96 с.

43. Божович, Л.И. Избранные психологические труды / Л.И. Божович. - М.: Прогресс, 1995. - 328 с.

44. Божович, Л.И. Личность и ее формирование в детском возрасте / Л. И. Божович. - М.: Просвещение, 1968. - 464 с.

45. Бордовская, Н.В. Розум, С.И. «Психология и педагогика». – Питер, 2013, 624 с.

46. Величковский, Б.М. Современная когнитивная психология / Б. М. Величковский. - М.: Изд - во Моск. ун - та, 1982. – 336 с.

47. Вергелес, Г.И. Дидактические основы формирования учебной деятельности младших школьников: Автореф. дис. д-ра пед. наук / Г.И. Вергелес. - Л., 1990. - 33 с.

48. Виленский М.Я. Физическая культура в профессионально-ценностных ориентациях студентов и процесс их формирования: методология и теория // Теор. и практ. физ. культуры, 1991, № 11. - С. 27-30.

49. Виленский М.Я., Сафин Р.С. Профессиональная направленность физического воспитания студентов педагогических специальностей. - М.: Высш. шк., 1989. - 164 с.

50. Виленский, В.Я. Технологии профессионально-ориентированного обучения в высшей школе / В.Я. Виленский, П.И. Образцов, А.И. Уман / Под общ. ред. В.А. Сластенина. - М.: Педагогическое общество России, 2005. – 192 с.

51. Виленский, М.Я. Физическая культура в самовоспитании личности будущего учителя: Учеб. пособие / В. Я. Виленский, В. А. Беляева. / Под общ. ред. В. А. Сластенина. - М.: МГПИ им. В.И. Ленина, 1985. – 57 с.

52. Виленский, М.Я. Формирование физической культуры личности учителя в процессе его профессиональной подготовки: Автореф..дис. д-ра. пед. наук / М.Я. Виленский. - М., 1990. – 34 с.

53. Воронова, Т.А. Формирование у студентов готовности к педагогическому самообразованию в условиях университета: Автореф. дис. канд. пед. наук / Т. А. Воронова. - Л., 1986. - 16 с.

54. Выготский, Л.С. Педагогическая психология / Л.С. Выготский. - М.: Педагогика, 1991. - 479 с.

55. Галаганова, Л.Е. Педагогические условия формирования профессионального самоопределения студентов университета: Автореф. дис. канд. пед. наук / Л.Е. Галаганова. - Кемерово, 1998. – 24 с.

56. Гершунский Б.С., Косьтев А. Н. Шахматы – школе. Издательство “Педагогика” Москва 1990.

57. Гебос, А. И. Психология познавательной активности / А.И. Гебос. - Кишинев: Штиинца, 1975. - 104 с.

58. Гинецинский, В.И. Знание как категория педагогики: опыт педагогической когнитологии / В.И. Гинецинский. - Л.: ЛГУ, 1989. – 144 с.

59. Головей, Л.А. Психология становления субъекта деятельности в периоды юности и взрослости: Автореф. дис. д-ра пед. наук / Л. А. Головей. - СПб. 1996.- 43 с.

60. Горбаткина, И.М. Формирование готовности студентов педагогических вузов к профессиональной деятельности в условиях вариативности образования: Автореф. дис. канд. пед. наук / И.М. Горбаткина. - М., 2003. – 20 с.

61. Гунжаловский А.А. Основы теории и методики физической культуры / А.А Гунжаловский Москва «Физкультура и спорт» 1986. – 140 с

62. Гуревич, П.С. Философская антропология / П.С. Гуревич, Шокуев К.Б. - Нальчик: Эльбрус, 1996. - 317с.

63. Давлятова С.А. Шароитҳои педагогии ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш: Автореф. дис. кан. пед. наук / Давлятова А.С., 2021. – 177 с.

64. Даль, В.И. Толковый словарь великорусского языка / В.И. Даль. — М.: Русский язык, 1998.-688 с.

65. Дембо, А.Г., Попов, С.Н., Тесленко, Ж.А. Шапкайц, Ю.М «Спортивная медицина» Физкультура и спорт / 1975. 368 с.

66. Дурай - Новакова, К.М. Формирование профессиональной готовности студентов к педагогической деятельности: Автореф. дис. д - ра пед. наук / К.М. Дурай - Новакова. - М., 1983. - 32с.

67. Дьяченко, М.И. Психология высшей школы: особенности деятельности студентов и преподавателей / М.И. Дьяченко, Л.А. Кандыбович. - Минск: БГУ, 1978. – 334 с.

68. Евсеев, С.П. Физическая культура в системе высшего профессионального образования // Физическая культура, спорт и здоровье нации: Матер, междунар. конгресса 12 - 15 июня. - СПб: Россия, 1996. - С. 76.

69. Епифанова, Н.М. Подготовка студентов к развитию познавательной активности учашихся на внеурочных занятиях по математике: Автореф. дис. канд. пед. наук / Н.М. Епифанова. - Ярославль, 2002. - 19с.

70. Ермакова, Г.Г. Педагогические условия развития профессиональной рефлексии педагога: Автореф. дис. канд. пед. наук / Г.Г.Ермакова - Оренбург, 1999. - 20с.

71. Железняк Ю.Д. Концепция непрерывного физкультурного образования // Подготовка студентов факультета физической культуры к профессиональной деятельности: Межвуз. сб. науч. работ. М.: Изд - во МОПИ им. Н.К. Крупской, 1991. - С. 3 - 18.

72. Железняк, Ю.Д. Теория и методика обучения предмету «Физическая культура»: Учеб. пособие для студ. высш. учеб. заведений / Ю.Д. Железняк, В.М. Минбулатов. - М.: Издательский центр «Академия», 2004. – 272 с.

73. Загвязинский, В.И. Теории обучения: Современная интерпретация: Учеб. пособие для студ. высш. пед. учеб. заведений / В.И. Загвязинский. - М.: «Академия», 2001. – 192 с.

74. Зимняя, И.А. Педагогическая психология / И.А. Зимняя. - М.: Логос, 1999. - 382 с.

75. Ильин, Е.П. От культуры физической к культуре здоровья / Е.П. Ильин // Теория и практика физической культуры 1994. - № 12. - С. 46-48

76. Исаев, И.Ф. Профессионально - физическая культура преподавателя вуза: воспитательный аспект / И.Ф. Исаев. - М.: Белгород, 1993. – 219 с.

77. Исаев, И.Ф. Теоретические основы формирования профессионально педагогической культуры преподавателей высшей школы: Автореф. дис. д - ра нед. наук / И.Ф. Исаев. - М. 1993. - 31 с.

78. Калмыкова, З.И. Продуктивное мышление как основа обучаемости / З. И. Калмыкова. М.: Просвешение, 1981. - 206 с.

79. Калошина, И.П. Структура и механизмы творческой деятельности (нормативный подход) / И.П. Калошина. - М.: МГУ, 1983. – 168 с.

80. Кан - Калик, В.А. Педагогическая деятельность как творческий процесс: Автореф. дис. др - а пед. наук / В.А. Кан - Калик. - Д., 1985. - 38 с.

81. Каримова И.Х. Теоретические основы гуманизации гуманитарного оброзования учащихся таджикских школ: Автореф. дисс докт. пед. наук. – Душанбе, 2000. – 44 с.

82. Карсаевская, Г.В., Социальная и биологическая обусловленность изменений в физическом развитии человека / Г.В. Карсаевская. Л.: Медицина, 1970.-270 с.

83. Каюмов М.Дж. Идея взаимоссвязи физического воспитания и патриотизма в педагогических воззрениях персидско – таджикских мыслителей IX – X ВВ. Автореф. дисс. кан. наук. Дж.М. Каюмов. Душанбе, 2019.

84. Кларин, М.В. Инновационные модели обучения в зарубежных педагогических поисках: Пособие к спецкурсу / М.В. Кларин. - М: Арена, 1994. - 222 с.

85. Кодиров К. История воспитания в школе и педагогической мысли таджиков с древнейших времен до возникновения ислама. дисс. на соиск. учен. степ. д – ра педагог. наук. – Душанбе. – 2000. – 370 с.

86. Кодиров К. История педагогической мысли таджикского народа. – Душанбе: Ирфон, 1998. – 335 с.

87. Колесов, А.И. Тенденции использования системного подхода к теории физического воспитания и спорта / А.И. Колесов // Теория и практика физической культуры, 1977, №11. - С. 25 - 30.

88. Коменский, Я.А. Избранные педагогические сочинения / Под ред. А.И. Пискунова и др. - М. Педагогика, 1982. - Т. 1. - 656 с.

89. Комилов Н.Ҷ. Технологическая вариативность формирования творческого мышления школьников средствами игровой деятельности: Автореф. дис. кан. пед. наук/ Комилов Н.Ҷ. - Душанбе, 2009. – 178 с.

90. Комментарий к Закону РФ «Об образовании» / Под обш. ред. проф. В. И. Шкатуллы. - М.: ЮРИСТЪ, 1998. - 556 с.

91. Кон, И.С. Психология старшеклассника: Пособие для учителя / И.С. Кон. - М.: Просвещение, 1982. – 207 с.

92. Консепсияи мактаби миллии тоҷик. - Душанбе, 1995. – 30 с.

93. Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 03. 05. 2002. № 200. – 33 с.

94. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 03.03.2006, №94 – 14 с.

95. Конькова, Р.В. Теория и практика формирования профессиональной готовности учителя физической культуры: Автореф. дис. канд. пед. наук / Р.В. Конькова, - Ставрополь, 2000. – 22 с.

96. Косов, Б.Б. Личность: актуальные проблемы системного подхода / Б.Б. Косов //Вопросы психологии. – 1997, №6. - С. 58-69.

97. Краевский, В.В. Дидактический принцип как структурный элемент научного обоснования обучения исследовании / В.В. Краевский // Принципы обучения и современной педагогической теории и практике. - Челябинск: ЧГПИ, 1985. - С. 9 – 10.

98. Краевский, В.В. Моделирование в педагогическом исследовании / В.В. Краевский // Введение в научное исследование: Учеб. пособие для студ. пед. институтов / Под ред. В.И. Журавлева. - М., 1988. - С. 107 - 122.

99. Краснова, М.А. Формирование психологической готовности у студентов физкультурного вуза к предстоящей профессиональной деятельности: Автореф. дис. канд. пед. наук / М.А. Краснова. - Омск, 2002. – 18 с.

100. Краткий психологический словарь / Под ред. К.К. Платонова. - М.: Высшая школа, 1984. – 174 с.

101. Кремень, С.А. Диагностическое изучение индивидуальных особенностей личности, обеспечивающих эффективность профессионального самоопределения будущих учителей: Автореф. дис. канд. пед. наук / С.А. Кремень. - М.: МГУ, 2000. – 19 с.

102. Крутецкий, В.А. Основы педагогической психологии / В.А. Крутецкий. - М.: Прогресс, 1972. - 255 с.

103. Кузьмин, А.М. Теоретические основы профессионального воспитания будущих специалистов физической культуры: Автореф. дис. ... д - ра пед. наук / А.М. Кузьмин. - Челябинск, 1999. - 37 с.

104. Кузьмина, П.В. Способности, одаренность, талант учителя / Н.В. Кузьмина. - Л. Знание, 1985. – 32 с.

105. Кулюткин, Ю.Н. Исследование познавательной деятельности учащихся вечерней школы / Ю. Н. Кулюткин, Г. С. Сухобская. - М. Педагогика, 1977. – 152 с.

106. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ”. (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №5, мод. 338; с. 2014, №7, қ. 2, мод. 423; с. 2016, №7, мод. 628; с. 2017, №7 – 9, мод. 584) (Қонуни ҶТ аз 26.07.2014 с., № 1126, аз 23.07.2016 с., № 1350, аз 28.08.2017 с., № 1465, аз 17.05.2018 с., № 1529).

107. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ”. (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 1997, № 9, мод. 115; с. 2003, №4, мод. 149, 2004, №2, мод. 45; с.2005, №12, мод. 651; с.2009, №5, мод.339, с.2013, №7, мод.537, №12, мод. 901; с.2016,№3, мод.146).

108. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». – Душанбе, 02.08.2011. № 762 с.

109. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон», Душанбе, 23.12. 2021, № 1830. – 10 с.

110. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи солимии репродуктивӣ ва ҳуқуқи репродуктивии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Матн]. – Душанбе, 2000. – 17 с.

111. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш». (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, №3, мод.176; с. 2012, №4, мод.275).

112. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”. (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №7, мод. 532; с. 2014, №3, мод. 156, №7, қ. 2, мод. 422; с. 2016, №3, мод. 148, №7, мод. 624; с. 2017, №7-9, мод. 581; с. 2018, №5, мод. 278). (Қонуни ҶТ аз 14.03.2014 № 1081, аз 26.07.2014 № 1125, аз

15.03.2016 № 1295, аз 23.07.2016 № 1346, аз 28.08.2017 № 1462, аз 17.05.2018 № 1527, аз 17.12.2020 № 1738).

113. Лазарев, В. С. Деятельностный подход к формированию содержания педагогического образования / В. С. Лазарев, Н. В. Коноплина // Педагогика. - 2000. -№3. - С. 27 - 34.

114. Лаптева, Г.С. Рейтинг в системе подготовки педагога в университете // Информационно - методический бюллетень НМС РГУ. – Ростов – на - Дону, 1992. - 187 с.

115. Лахтина, И.А. Личностно - деятельностный подход к подготовке кадров в колледжах культуры и искусств: Автореф. дис.... канд. пед. наук / И.А. Лахтина. - М., 2003. - 19 с.

116. Левитан, К.М. Личность педагога: становление, развитие / К.М. Левитан. - Саратов: Из - во Саратов, ун - та, 1990. - 168 с.

117. Леонтьев, А.Н. Деятельность. Сознание. Личность: Избранные психологические произведения / А. Н. Леонтьев. - М.: Педагогика, т. 2, 1983. - 205 с.

118. Леонтьева, М.С. Теоретические аспекты определения сущности готовности к обучению в сфере физического воспитания: Тез. докл. Всерос. юбилейной науч. практ. конф. - Тула, 1998. - С. 137.

119. Лисина, М.И. Развитие познавательной активности детей в ходе общения с взрослыми и сверстниками / И.М. Лисина // Вопросы психологии. – 1982, №4. - С 18 - 35.

120. Лихачев, Б.Т. Воля к жизни в становлении личности / Б.Т. Лихачев // Педагогика. - 1996. - № 4. - С. 47.

121. Лихачев, Б.Т. Педагогика: Курс лекций / Б.Т. Лихачев. - М.: МЮРАЙТ, 1999. - 523 с.

122. Ломов, Б.Ф. Методологические и теоретические проблемы психологии / Б. Ф. Ломов. - М.: Наука, 1984. – 444 с.

123. Лубышева, Л.И. Социальное и биологическое в физической культуре человека в аспекте методологического анализа / Л. И.Лубышева // Теория и практика физической культуры. - 1995. – М 1. - С. 2 - 4.

124. Лутфуллоев М. Актуальные вопросы современной педагогика. – Душанбе, 1994. – 322 с.

125. Лутфуллоев М. Эҳёи педагогикаи Аҷам, - Душанбе: Маориф, 1997.–150 с.

126. Магамадова, Л.Х. Управление процессом развития профессиональных ценностных ориентации будущих учителей: Автореф. дис. канд. пед. наук / Л.Х. Магамадова. - М., 1993. – 22 с.

127. Магрунова, А.А. Организационно - педагогические условия формирования у студентов вузов физической культуры готовности к управленческой деятельности: Автореф. дис. канд. пед. наук / А.А. Магрунова. - Челябинск, 2000. - 23 с.

128. Макеева, В.С. Профессионально - личностное развитие учителя в процессе физического воспитания: Монография / В.С. Макеева. - Орел: Орел ГТУ, 2001. -295 с.

129. Макеева, В.С.Развитие и становление личности будущего учителя в образовательном пространстве физической культуры / В.С. Макеева // Культура физическая и здоровье. – 2006, №2 (8). - С.58 – 62.

130. Марищук, В.Л. Методики психодиагностики в спорте: Учеб. пособие для студентов пед. ин - тов / В.Л. Марищук, Ю.М. Блудов, В.А. Плахтиенко, Л.К. Серова. - М.: Просвещение, 1990. – 256 с.

131. Марков, Б.В. Знаки бытия / Б.В. Марков. - СПб.: Наука, 2001.- 566 с.

132. Маркова А.К. Психология профессионализма. - М.: МГФ «Знание», 1996.- 308 с.

133. Мартыненко, А.В. Формирование здорового образа жизни молодежи: Медико - социальные аспекты /А.В. Мартыненко. - М.: Медицина, 1988. -189 с.

134. Матвеев Л.П. Введение в теорию физической культуры: Учеб. пособ. для ин - тов физ. культуры. - М.: ФиС, 1983. - 128 с.

135. Матвеев Л.П. Теория и методика физической культуры. //Физкультура и спорт, – М., 1991, - 453 с.

136. Матросова, Л.П. Деловая игра в процессе подготовки будущих учителей к педагогической деятельности: Автореф. дис.... канд. пед. наук / Л.П. Матросова. - Челябинск, 1994. - 17с.

137. Матющкин, А.М. Актуальные проблемы психологии в высшей щколе /А.М. Матющкин. - М.: Знание, 1977. – 44 с.

138. Матющкин, А.М. Психологическая структура, динамика и развитие познавательной активности / А.М. Матющкин // Вопросы психологии, 1982, № 4. - С. 5 – 17.

139. Метаева, В.А. Рефлексия как метакомпетентность / В.А. Метаева // Педагогика. - 2006. - № 3. - С. 57 - 61.

140. Мещерова, А.Ф. Педагогические условия формирования готовности к профессиональному самоопределению будущего учителя в высшей школе: Автореф. дис. канд. пед. наук / А. Ф. Мещерова. - Томск, 2003. – 16 с.

141. Миронова, М.Н. Подход к целостному построению модели личности учителя / М.П. Миронова // Вопросы психологии. – 1998, № 1.-С. 44 - 53.

142. Мищенко, А.И. Формирование профессиональной готовности учителя к реализации целостного педагогического процесса: Автореф. дис. д - ра пед. наук. / А.И. Мищенко. - М., 1992. – 32 с.

143. Моляко, В. А. Проблемы психологии творчества и разработка подхода к изучению одаренности / В.А. Моляко // Вопросы психологии. – 1994, NU5. - С. 86 - 95.

144. Наимов З.Ҷ. Каримова Д.Ҷ., Шарифов М. «Педагогикаи умумӣ (маҷмуи таълимӣ)».- Душанбе: “Бухоро”, 2017. - 244 с.

